ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА
СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 339.14+336 (575.3)
ТКБ: 65.6+65.9 (2) 26
Ҳ-12

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ИЗАТУЛЛОИ ҲАБИБЗОД

# САМТҲОИ АСОСИИ УСТУВОРГАРДОНИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси**
**6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият**
**(Амнияти иқтисодӣ).**

**Роҳбари илмӣ:**
Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Душанбе – 2023

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ** ........................................... 3
**Муқаддима**.............................................................................................. 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ МАМЛАКАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ**..... 15
1.1. Равишҳои назариявии таҳқиқи ҷаҳонишавии молиявӣ дар шароити муосир.......................................................................................... 15
1.2. Таҳқиқи равишҳои методии арзёбии сатҳи амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ................................................... 29
1.3. Таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷахонишавӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ................. 46

**БОБИ 2. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ УСТУВОРГАРДОНИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ**........................ 71
2.1. Асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ.............................. 71
2.2. Арзёбии вазъи муосир ва қимматҳои ҳудудии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................... 82
2.3. Арзёбии таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................... 95

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ УСТУВОРГАРДОНИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ**......................................................... 107
3.1. Роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ............................................... 107
3.2. Механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ............................................................................................ 122
3.3. Таъмини амнияти молиявӣ ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................... 139

**Хулосаҳо**................................................................................................ 155
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** .................. 158
**Рӯйхати адабиёт** ....................................................................................... 161
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**............................................ 181

## Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

АМОҶТ – Ахбори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Базел III – Ҳуҷҷати Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ

БМТ – Бонки милли Тоҷикистон

ИДМ –Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИИАО – Иттиҳоди иқтисодии Авру Осиё

КОА ҶТ – Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМСМ – Кумитаи миллии суботи молиявӣ

ҚҶТ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶХЧ – Ҷумҳурии халқии Чин

М2 – Массаи пули миллӣ

ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

ФР – Федератсияи Россия

ХБА – Хазинаи байналмилалии асъор

AREAER – Annual Reporton Exchange Arrangements and Exchange Restrictions - Ҳисоботи солона дар бораи созишномаҳои мубодила ва маҳдудиятҳои мубодила

COVID-19 – беморuи сироятӣ коронавирус

IMF – International monetary fund

M&A – якҷоякунӣ ва фурубарӣ

MarketWatch – вебсайтест, ки иттилооти молиявӣ, ахборҳои тиҷоратӣ, таҳлил ва маълумот дар бозори фондӣ пешкаш мекунад;

NPL - Коэффисиенти таносубияти қарзҳои ба таъхирафтода;

SWIFT – низоми байналмилалии байнибонкии интиқоли маълумот ва пардохтҳо.

## Муқаддима

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити муосири рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ ҷаҳонишавии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, раванди ҳамгироӣ ва ба ҳам вобасташавии давлатҳоро дар хоҷагии ҷаҳонӣ тавсеа бахшида, фаъол гардидани ҳаракати озоди мол, хизмат, сармоя ва қувваи коргариро байни давлатҳо мусоидат намуд, ки сабаби бунёди шароити мусоид барои баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва дастрасии онҳо ба неъматҳои бештари иқтисодӣ гардид. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт имрӯз паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифтааст, ки таъсири бештари он дар бахши молияи кишвар зуҳур меёбад. Дар навбати худ ҷаҳонишавии молиявӣ, ки ҳамчун раванди тадриҷан муттаҳидшавии низомҳои миллӣ ва минтақавии молиявӣ ба низоми ягонаи молиявии ҷаҳонӣ баромад менамояд, вобастагии мутақобилаи бозорҳои молиявии мамлакатҳои алоҳидаро дучанд гардонида, дар баробари имкониятҳои нав таҳдидҳоро низ пеш меорад. Ин таҳдидҳо пеш аз ҳама дараҷаи осебпазирии низоми молияи мамлакатро ба таъсири таҳдидҳои беруна баланд бардошта зарурати андешидани тадбирҳои саривақтӣ оид ба таъмини амнияти молиявиро пеш меорад.

Амнияти молиявӣ ҳамчун қисми муҳимми амнияти иқтисодӣ, татбиқи сиёсати баэътидоловарандаи хубтарҳрезишударо тақозо менамояд, ки ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини суботи молиявӣ ва рақобатпазирии институтҳои молиявии ватанӣ равона карда шудааст. Дар баробари ин дар шароити ҷаҳонишавӣ кафолати некуаҳволии шахсони алоҳида, устувории молиявии субъектони хоҷагидорӣ, рушди устувори тамоми шохаҳои иқтисодиёт ба дараҷаи назаррас ба таъмини суботи молиявӣ дар мамлакат алоқаманд мебошанд.

Дар баробари ин, новобаста аз оне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои илмӣ ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва умумииқтисодӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир шуда бошад ҳам, то ҳол масъалаи

таъмини амнияти молиявӣ махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ба дараҷаи назаррас мавриди таҳқиқот қарор дода нашудааст, ки зарурати гузаронидани таҳқиқотҳои навро тақозо менамояд. Ҳамаи ин мубрамияти мавзӯи диссертатсиониро собит менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Дар илми иқтисодиёт гарчанде, ки таҳқиқоти масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти миллӣ ва умумииқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва авҷгирии таъсири омилҳои беруна ҷолибияти муайяни илмиро касб намуда бошад ҳам, масъалаи таъмини амнияти молиявӣ дар сатҳи мамлакат ба дараҷаи назаррас мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иштироки босуръати он дар равандҳои ҷаҳонишавӣ ва узвияташ ба созмонҳои умумиҷаҳонии иқтисодиву молиявӣ масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ аҳамияти бештар пайдо менамоянд.

Ба таҳқиқоти масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Таҳқиқоти баъзе масъалаҳои муқаррарсозӣ, мафҳуму моҳият ва нақши амнияти молиявӣ дар рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат дар солҳои охир дар таҳқиқотҳои илмии олимон ва иқтисодчиёни хориҷии мазкур таҷассум ёфтааст: Коуз М. Э., Белл Д., Вей Ш.Ц., Майдан Т.Н., Момджан К., Прасад И., Товар Гарсиа Э. Д., Ғазуани С., Насер С.Б., Омран М. ва дигарон.

Масъалаҳои назариявӣ ва амалии мукаммалгардонии механизми таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар асарҳои илмии олимони рус мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст: Абрасова М.А., Архипова В., Заполских Ю.А., Иноземтсев В.Л., Козменко С.Н. Кулишов В.В., Лвов Д.С., Николайчук В.Е., Никулина Е.В., Орлова А.В., Рогофф К., Рудолф В.Д., Румянсева О., Смирнова И., Трифонов Д.С., Уткин А.И., Чистникова И.В. ва дигарон.

Дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олимони ватанӣ саҳми назаррас

гузоштаанд: Бабаджанов Р.М., Каримова М.Т., Ҷумъаев Б.М., Джурабаев Г., Қодиров Д.Б., Қаюмов Н.К., Мирсаидов А.Б., Раҳимзода Ш., Саидмуродзода Л.Ҳ., Умаров Х.У., Фақеров Ҳ.Н., Хушвахтзода Қ.Х., Шарипов Б.М., Ҷонмамадов Ш.Б., Рауфӣ А., Исмоилов А.А. ва дигарон.

Дар баробари ин, дараҷаи коркарди илмии масъалаҳои арзёбии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ба мавҷудияти таҳқиқотҳои нокифоя дар давлатҳои дар давраи гузариш қарордошта ва мавҷуд набудани методологияи ягонаи таҳлили он алоқаманд аст. Илова бар ин, осебпазирии бахши молияи мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ба таъсири ҷаҳонишавӣ имрӯзҳо аз тарафи аксари олимон эътироф шудааст.

Ҳамзамон, аксари таҳқиқотҳои гузаронидашуда, асосан, масъалаҳои таҳқиқи амнияти иқтисодӣ ва миллиро дар умум дарбар мегиранд, ки дар ин таҳқиқотҳо ҷанбаҳои муҳими таъсири ҷаҳонишавӣ ба таъмини амнияти молиявӣ таҷассум наёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ**. Мавзӯи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва инчунин нақшаи илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методии арзёбии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ва асосноккунии роҳҳои такмили суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити озодкунии фаъолияти иқтисоди беруна ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот ҳалли масъалаҳои зеринро тақозо менамояд:

- муайянсозӣ ва муқарраркунии асосҳои назариявӣ ва методологии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ;

- таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷахонишавӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дақиқсозии асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррарсозии самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳури Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ;

- коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳо ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар  шароити ҷаҳонишавӣ;

- асосноккунии тавсияҳои илмию амалӣ оид ба коркарди механизми таъмини амнияти молиявӣ ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** амнияти молиявии мамлакат ва ҷузъҳои таркибии он ба шумор меравад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқотро** асосҳои назариявӣ ва методии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои иқтисодии бавуқӯъоянда дар раванди ҷаҳонишавии молиявӣ ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он аст, ки таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ самаранокии институтҳои молиявии мамлакатро таъмин намуда, дараҷаи осебпазирии онҳоро ба таҳдидҳои беруна кам мегардонад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаи таъмини амнияти молиявӣ бахшида шудааст, маводҳои расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи ташкилотҳои молиявии баналмилалӣ, стратегияҳои таъмини амнияти миллӣ ва иқтисодӣ дар мамлакат ва ҳамчунин маводҳои як қатор конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳо ва равишҳои дониши илмӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқот бо истифодаи усулҳои маҷмӯии умумии илмӣ (таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии мантиқӣ, гурӯҳбандӣ, равишҳои системавӣ) ва усулҳои махсус асос ёфтааст.

Методологияи таҳқиқот ба равишҳои маҷмаавӣ ва системавӣ ҳангоми омӯзиши нишондиҳандаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар умум, инчунин, дар ҷудосозии он ба унсурҳои алоҳида, аз қабили амнияти андозӣ-буҷетӣ ва пулию қарзӣ асос мегирад.

**Сарчашмаи маълумот**. Сарчашмаи илмӣ ва методологии таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни равишҳои системавӣ ва институтсионалии марбут ба проблемаи илмии зикршударо дарбар мегирад. Ҳангоми иҷрои рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои муаллиф, адабиётҳои махсуси илмӣ, меъёрӣ ва таҳлилӣ ба ҳалли масъалаҳои коркардшуда, инчунин маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода карда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

Пойгоҳи иттилоотию таҷрибавии таҳқиқотро маълумотҳои воқеие ташкил доданд, ки дар сарчашмаҳои зерин дарҷ гардидаанд: Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии

молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои нав оид ба коркарди равишҳои консептуалии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба даст оварда шудааст, ки имкон медиҳад, суботи молиявӣ дар мамлакат таъмин карда шуда, устувории низоми он таъмин карда шавад.

Баъзе натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

– асосҳои назариявӣ ва методии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шудааст, хусусиятҳои хоси ҷаҳонишавии молиявӣ ошкор карда шуда, аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор ва вазифаҳояш мушаххас карда шудаанд. Собит карда шудааст, ки бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молия дар сатҳи миллӣ пайдо шудаанд, ки ба афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо алоқамананданд.

– дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ оқибатҳои мусбат ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда, хусусияти муқовимати кишварҳо ба он бо дарназардошти мутобиқгардонии бахши молия ба ин раванд, истифодаи имкониятҳои байналмилаликунонии фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод карда шудаанд, роҳҳои татбиқи механизмҳои пешрафтаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили қимматҳои

воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ҳолати амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таҳдидкунанда ба дараҷаи амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишварро аз рӯи қиммати воқеӣ ва ҳадду ҳудудии он гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Зарурати коркарди механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишвар, ки барои воридшавии мамлакат ба низоми молиявии ҷаҳонӣ мусоидат менамояд асоснок карда шудааст.

- асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, вазифаҳои ниҳодҳои таъмини амнияти молиявӣ муқаррар, роҳҳои самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявӣ тариқи мукаммалгардонии қонунгузории соҳа, баланд бардоштани маҳсулнокии фаъолияти субъектони ин низом, рушди ҳамкориҳои мақомоти танзимкунандаи соҳа пешниҳод карда шудааст, мушкилоти қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ (парокандагии меъёрҳои ҳуқуқии ҷойдошта; ҷой доштани мухолифатҳо дар қонунгузорӣ, мавҷуд набудани қонуни алоҳида дар самти таъмини амнияти молиявӣ, рушди нокифояи механизми танзими амнияти молиявӣ, ҳамоҳанги нокифояи устувории молиявӣ  байни мақомоти танзимкунанда ва муассисаҳои молиявӣ ва ғ.) ошкор карда шудаанд.

- самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, (бунёди шароит барои баланд бардоштани сифати идоракунии молиявии мақомотҳо ва идораҳои бахши молияи мамлакат; рушди низоми назорати давлатӣ ва маҳаллии молиявӣ; бунёди низоми самараноки танзими асъор ва назорати асъор; мукаммалгардонии низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет; таъмини фаъолияти самаранокии низоми андоз; идоракунии самараноки қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон; рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатӣ; таъмини самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

бахши молия; коркард ва татбиқи механизми танзими муносибатҳои байнибуҷавӣ), таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмуҳлат арзёбӣ гардидааст, зарур шуморида шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба он дар ячейкаҳои аввалини таъмини амнияти молиявӣ оғоз карда шавад.

- механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шудааст, ки низоми доимоамалкунандаи ошкорсозӣ, арзёбӣ ва идоракунии таҳдидҳои молиявиро инъикос намуда, устувории низоми молиявиро кафолат медиҳад;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда ба беҳтар шудани вазъи молиявии давлат, нигоҳдории нишондиҳандаҳои он дар минтақаи субот равона гардидааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шуда аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ пешкаш карда шудааст.

– дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ оқибатҳои мусбат ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиёти миллӣ мушаххас карда шудааст.

– арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

– асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, роҳҳои самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявӣ пешниҳод карда шудааст.

– самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шудааст.

– механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таъсири таҳдидҳо ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шудааст;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**ро имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада аз тарафи мақомоти давлатӣ дар таҳияи барномаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҷалби қарзи хориҷӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, имконияти истифодабарии натиҷаҳои бадастомада дар шакли маводҳои лексиявӣ вуҷуд дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро пеш аз ҳама истифодаи дурусти консепсияҳои илмии ташхиси иқтисодии нишондиҳандаҳои ҳудудии амнияти молиявӣ, такя намудан ба сарчашмаҳои назариявӣ ва амалии маълумот оид ба объект ва мавзӯи таҳқиқот, истифодаи иттилоот дар бораи таъсири ҷаҳонишавӣ ба устувории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд. Ҳамаи ин, ба унвонҷӯ иконият дод, ки таҳлили бисёрҷонибаи консепсияҳои ҷойдоштаи илмиро оид ба устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба роҳ монад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори

фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси **6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият** ( Амнияти иқтисодӣ) мувофиқат мекунад:

**Дар банди** 12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва абзорҳо).

**Дар банди** 12.3. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он.

**Дар банди** 12.5. Арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти иқтисодӣ ва усулҳои муайян кардани онҳо.

**Дар банди** 12.7. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, тиҷорати берунӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра).

**Дар банди** 12.12. Механизмҳои пайдоиши ҳолатҳои бухронӣ, ки сатҳи амнияти иқтисодиро коҳиш медиҳад ва тадбирҳои пешгирии онҳо.

**Дар банди** 12.15. Механизмҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани "захираи устуворӣ"-и нишондиҳандаҳои аввалияи (пороговых) амнияти иқтисодӣ.

**Дар банди** 12.19. Манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаи иқтисодиёт ва баррасии онҳо ҳангоми ташаккули сиёсати иқтисодии давлат ва таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ.

**Дар банди** 12.23. Муаммоҳои ҳамгироии Тоҷикистон дар хоҷагии ҷаҳонӣ ва амнияти иқтисодии он.

**Дар банди** 12.26. Таҷрибаи хориҷии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ (методҳо, механизмҳо, абзорҳо ва мутобиқшавии онҳо дар шароити Тоҷикистон).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот чунин аст:**

Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз қабили таҳияи мавзӯъ, асосноккунии мубрамияти он, муқаррарсозии мақсад ва вазифаҳои кор бо

иштироки бевоситаи муаллиф ба роҳ монда шудааст. Муаллиф дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи таъсири ҷахонишавӣ ба амнияти молиявӣ, дар баҳодиҳии ҳолати кунунии суботи молиявӣ дар мамлакат, муайянсозии самтҳои асосии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ саҳми худро гузоштааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти рисола дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ, инчунин семинарҳои илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд.

Муқаррароти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар раванди таълим ҳангоми таълими курсҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Амнияти иқтисодӣ», «Амнияти молиявӣ», «Пул қарз бонк» ва ғайра дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи мавзуъи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 8 кори илмӣ, иборат аз 0,25 ҷузъи чопӣ дар нашрияҳои гуногун, аз он ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр карда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, ки нуҳ параграфро ташкил медиҳад, хулоса ва рӯйхати адабиётҳо иборат аст. Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 182 саҳифаи матни чопии компютерӣ иҷро гардида, 22 ҷадвал ва 9  расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 157 номгӯ иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ МАМЛАКАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

## 1.1. Равишҳои назариявии таҳқиқи ҷаҳонишавии молиявӣ дар шароити муосир

Дар замони муосири рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ давлатҳои ҷаҳон дар алоҳидагӣ фаъолият накарда бештар баҳамдигар вобаста ба мубодилаи омилҳои муайяни истеҳсолот алоқаманд гардидаанд. Чунин алоқамандӣ марҳила ба марҳила авҷ гирифта, доираи он васеъ мегардад, ки аз байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ то ҷаҳонишавии он оварда расонидааст. Ҷаҳонишавӣ аллакай ҳамчун раванде қабул карда мешавад, ки қодир аст ҳаракати номаҳдуди молҳо ва хизматрасониҳоро миёни кишварҳои гуногун аз нуқтаи назари иқтисодӣ таъмин намояд. Сармоягузориҳои хориҷӣ имрӯз ба як унсуре табдил ёфтаанд, ки ба гардиши байналмилалии молу хизматрасонӣ «пайванд» шуда, ҳиссаи худро дар ин муомилот бо суръати тез афзоиш медиҳанд. Воқеияти мазкур пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, дар солҳои 80-уми қарни гузашта доираи боз ҳам васеътарро пайдо кард. Омӯзишҳо нишон доданд, ки сармоягузории хориҷӣ дар кишвар бояд дар сатҳе бошад, ки самаранокии иқтисоди кишварро таъмин карда тавонанд.

Дар 20 соли охир ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба таври назаррас суръат гирифт. Инро ҳамчун фишори кишварҳои мутараққӣ барои баланд бардоштани суръати афзоиши тақсимоти байналмилалии меҳнат шарҳ медиҳанд, ки ин ба ширкатҳои бузург имкон медиҳад, бо роҳи зиёд кардани истеҳсолот ва истисмори қувваи кории арзон бозорҳоро васеъ намоянд. Бе шубҳа он ба сифати муҳаррики ҷаҳонишавии тағйироти технологӣ баромад мекунад. Дар 20 соли охири асри XX дастрасии бештар ба технологияҳои нав якбора васеъ шуд. Паҳншавии навовариҳои технологӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ воқеан субъектҳои хоҷагидорро

маҷбур сохт, ки бо ҳамдигар бо тарзҳои нави сифатӣ аз усулҳои қаблӣ муоширaт кунанд. Яъне ҷаҳонишавиро метавон марҳилаи нави рушди инсоният эътироф кард[1].

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар замони муосир тағйирёбии сохтории иқтисодиёти миллии бисёр давлатҳо дар натиҷаи пурзӯр гардидани номутаносибии ҷаҳонии иқтисодӣ мебошад. Ҷамъияти илмӣ ба номутаносибии иктисодӣ, пеш аз ҳама, зиддиятҳои молиявӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт дахл мекунад.

Аз ин ҷиҳат мушкилоти номутаносибии иқтисодӣ ҳамчун номутавозинии назаррас байни ҳаҷми захираҳои молиявӣ ва маҳсулоти истеҳсолшавандаи бозорӣ баррасӣ мешавад. Нобаробарӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ махсусан дар зиддиятҳои афзояндаи байни давлатҳои мутараққӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз як тараф ва давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз тарафи дигар, ба таври амиқ ва равшан зуҳур мекунанд. Зиддиятҳои мазкур на танҳо табиати объективӣ, балки субъективӣ, яъне хусусияти ғайрииқтисодӣ низ доранд.

Ҳамин тариқ объективияти тамоюлҳои асосӣ, пеш аз ҳама, бо нобаробар тақсим шудани неъматҳои моддию захираҳо, нобаробарҳуқуқии кишварҳо ва минтақаҳои гуногун, бахшҳо, соҳаҳои гуногун, инчунин тағйирёбии марказҳои вазнинии иқтисоди ҷаҳон алоқаманд аст. Дар ин шароит зарурати омӯзиши муфассали усулҳо ва равишҳои ҳалли масъалаҳои ҳамкории молиявию иқтисодии байни кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ба миён меояд.

Раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ пайваста боиси пайдоиши бозорҳои нав, ба вуҷуд омадани объектҳои нави инфрасохтори бозори ҷаҳонӣ, таҳияи қоидаҳои нави танзими муносибатҳои байналмилалӣ дар шакли созишномаҳои бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ мегардад.

---

[1] Архипова В. Мировая финансовая система: глобализация или деглобализация? [Текст] / В. Архипова // Мировая экономика и международные отношения. - 2016. –Т.60. –№ 5. –С. 40–49.

Ҷаҳонишавӣ - як раванди хеле зиддиятнок ва нобаробар буда, шакл, усул ва механизмҳои зуҳури худро пайваста тағйир медиҳад. Падидаи ҷаҳонишавӣ қариб ҳамаи самтҳои асосии фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсат, ахлоқ, фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва шароити ҳастии инсониятро фаро мегирад.

Вобаста ба ин В.Иноземтсев чунин менависад: «...дар паси зуҳуроти гуногунҷанбаи раванди ҷаҳонишавӣ моҳияти амиқи он чунон ниҳон аст, ки онро амалан муайян кардан ғайриимкон аст. Одатан мегӯянд, ки ҷаҳонишавӣ «раванди иҷтимоӣ аст, ки дар он сарҳадҳои ҷуғрофии системаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз байн меравад ва аҳолӣ аз нест шудани марзҳои мазкур ҳарчӣ бештар огоҳ мешавад»[2].

Олимони зиёде равандҳои дар ҷаҳон ба амаломадаро ҳамчун ҷузъи гузариши тӯлонии таърихӣ аз давраи байналмилаликунонии ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба ҷаҳонишавӣ, аз паҳншавии муносибатҳои байни кишварҳои мустақили рушдёбанда то ташаккули сатҳи нави системавии ҷомеаи инсонӣ бо шаклҳои комилан нав, қувваҳои пешбаранда ва механизмҳои батанзимдарорӣ баррасӣ мекунанд.

Д.Белл қайд менамояд, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз иктисодиёти байналхалқӣ куллан фарқ мекунад. Низоми ягонаи иктисодӣ, муттаҳидшавии бозорҳои сармоя, асъор ва молҳо ва афзоиши онро аз тарафи Д. Белл «ба таври пароканда ҷойгир шудани истеҳсолот» шарҳ дода шудааст. Иқтисоди байналмилалӣ бешубҳа вуҷуд доштанро идома медиҳад. Ширкатҳои бузург ва ҳатто корпоратсияҳои фаромиллӣ то ҳол асосан дар як кишвар ҷойгиранд ва ҳамчун такягоҳҳои иқтисоди ҳамон кишвар ба ҳисоб меравaнд, гарчанде, ки онҳо дар тамоми ҷаҳон ба фурӯши мол ва хизматрасониҳо машғуланд. Аммо онҳо низ ногузир ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҷалб мешаванд»[3].

---

[2] Иноземцев В.Л. Расколотая цивилизация [Текст]: Научное издание / В.Л. Иноземцев. – М.: “Academia”–“Наука”, 1999. – 589 с.

[3] Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования [Текст]: Пер. с англ. / Д. Белл. – М.: Academia, 1999. – 944 с.

Олими амрикоӣ Т.Левиттро асосгузори истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» медонанд, ки соли 1983 дар бораи муттаҳидшавии бозорҳои маҳсулоти алоҳидаи истеҳсолкардаи корпоратсияҳои бузурги фаромилалӣ навишта буд. Гузашта аз ин, як муддат падидаи ҷаҳонишавӣ дар назарияҳои иҷтимоию сиёсӣ низ асосан аз мавқеи марказикунонии иқтисодӣ инъикос ёфтааст. Баъдан дар таърифи ин падида равишҳои дигар ташаккул ёфтанд, ки боиси ошкоршавии паҳлӯҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ гардиданд.

Ҳамин тавр, ба андешаи К. Момдҷон, «ҷаҳоншавӣ равандест, ки дар он ҳамаи мо на танҳо ҳамчун субъект, балки ҳамчун объект ҳам, иштирок дорем; ҷаҳонишавӣ на танҳо он равандест, ки шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд, балки раванде мебошанд, ки нисбати онҳо ба вуқӯъ мепайвандад ва ба анҷом расонида мешавад».[4]

Таърифи ҷаҳонишавӣ дар асоси равиши интегралӣ аз ҷониби олими рус Уткин А.И. шарҳ дода шудааст: «Ҷаҳонишавӣ як силсилаи тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ мебошад, ки монеаҳои байни давлатҳоро коҳиш медиҳад, қонунҳо ва хусусиятҳои нави ҳамкории байнидавлатиро ба вуҷуд меорад».[5]

Ба ғайр аз ин метавон як қатор таърифҳои дигар, ки аз ҷиҳати шакл гуногун, вале моҳияташон ба ҳам монанд, таърифҳои мафҳуми таҳқиқшавандаро номбар кардан мумкин аст ва аксари онҳо муносибати муаллифонро ба худи раванди ҷаҳонишавӣ инъикос мекунанд.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар бахши молиявӣ ҳам аз ҷиҳати микдорӣ ва ҳам сифатӣ пеш рафтааст. Барандагони ҷаҳонишавӣ бозорҳои молиявӣ, ҳаракатҳои байналмилалии сармоя, қарзҳо ва асъорҳо ба ҳисоб меравaнд.

Аз ин рӯ, ҳамчун яке аз унсурҳои ҷаҳоншавии иқтисодӣ ҷаҳонишавии молиявӣ ҷудо карда мешавад, ки раванди муттаҳидшавии тадриҷан ба

[4] Момджан К. Об одном многократно упоминаемом процессе [Текст] / К. Момджан // Сумерки глобализации. – М.: АСТ; Ермак, 2004. – С. 38-45.
[5] Уткин А.И. Глобализация: процесс и осмысление [Текст] / А.И. Уткин. - М.: ЛОГОС, 2001. – 271 с.

бозори ягонаи молиявии ҷаҳонӣ ва ҳамгироии бозорҳои молиявии миллӣ ва минтақавӣ, инчунин афзоиши вобастагии мутақобилаи байни бозорҳои воситаҳои молиявии алоҳида мебошад[6].

Ҷаҳонишавии молиявӣ ҳамчун натиҷа ва қисми ҷудонашавандаи ҳамгироии иқтисодӣ ба вуҷуд омад, ки дар ниммаи дуюми асри 20 босуръат инкишоф ёфт. Аммо бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молиявӣ пайдо шуданд, ки дар ин қатор мисол овардан мумкин аст: афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо, пайдоиши воситаҳои нави молиявӣ, ташаккули асъорҳои коллективӣ ва ғайра[7].

Муҳаққиқон истилоҳи «ҷаҳонишавии молиявӣ»-ро ҳамчун тавзеҳдиҳандаи тағйирёбӣ хеле кам истифода мебаранд; дар адабиёт синонимҳое аз қабили «озодкунии савдо», «кушодагии иқтисод» ё «ҳаракати озоди сармоя» бештар маъмуланд. Илова бар ин, нишондиҳандаҳо ба ҳисоби сармоя асос ёфтаанд, иттилооти Хазинаи Байналмилалии Асъор махсусан - Ҳисоботи солона дар бораи созишномаҳои мубодила ва маҳдудиятҳои мубодила (Annual Reporton Exchange Arrangementsand Exchange Restrictions) бештар истифода мешавад.

Ҳамчунин ҷаҳоншавии молиявиро марҳилаи баландтарини байналмилаликунонии фаъолияти бозорҳои молиявӣ дар ҳама шаклҳояш бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рушди муносибатҳои пулию молиявӣ медонанд.

«Низоми молиявии ҷаҳонӣ моҳиятан ба конгломерати ҷаҳонии ҳаннотӣ табдил ёфт, ки на ба манфиати тараққиёти иқтисодиёти миллӣ,

---

[6] Трифонов Д.С. Финансовая глобализация как современный этап интернационализации мирового хозяйства [Текст] / Д.С. Трифонов // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. – Саратов, 2014. - № 5 (54). – С. 45-48.

[7]Рудольф В.Д. Финансовая глобализация: сущность и последствия [Текст] / В.Д. Рудольф // NovaInfo. – М. – С. 151-155.

афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва дараҷаи некуаҳволии халқ, балки ба манфиати мустаҳкам намудани мавқеъҳои давлатҳои «миллиарди тиллоӣ»-и ҷаҳон амал мекунад».[8]

Ҷаҳонишавии молиявӣ - падидаест, ки бо афзоиши гардиши байналмилалии молиявӣ тавсиф мешавад ва аксар вақт ҳамчун сабаби як қатор бухронҳои харобиовари иқтисодӣ номида мешавад, ки дар охири солҳои 1980-ум дар Амрикои Лотинӣ ва солҳои 1990-ум дар Мексика ва якчанд кишварҳои дигари Осиёро бо бозорҳои рушдёбанда такон доданд[9].

Дар зери мафҳуми «ҷаҳонишавии молиявӣ» бояд ҳамчун ҳамгироии афзояндаи бозорҳои молиявии миллӣ ба бозори ягонаи молиявии ҷаҳонӣ фаҳмида шавад.

Ҷаҳонишавии молиявӣ (ё ҷаҳонишавӣ дар бахши молиявӣ) натиҷаи фаъолияти байналмилалӣ ва махсусан сармоягузории корпоратсияҳои фаромилалӣ мебошад. Агар дар марҳилаҳои ибтидоии ҷаҳонишавӣ бозорҳои молиявии байналмилалӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт хизмат карда, хавфи асъориро суғурта намуда, муомилоти кӯтоҳмуддатро маблағгузорӣ мекарданд, пас бо мурури замон ҳаракати сармояи хориҷӣ аҳамияти мустақил пайдо кард.[10]

**Ҷадвали 1.1. - Равишҳо ба тафсири мафҳуми «ҷаҳонишавии молиявӣ**

| Муаллифон | Мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ | Сарчашма |
|---|---|---|
| Рудольф В.Д. | Ҷаҳонишавии молиявӣ - раванди муттаҳидшавии тадриҷии бозорҳои молиявии миллӣ ва минтақавӣ ба бозори ягонаи молиявии ҷаҳонӣ, инчунин раванди афзоиши вобастагии байниҳамдигарии бозорҳои воситаҳои молиявии алоҳида мебошад. Ҳамчунин ҷаҳоншавии молиявӣ марҳилаи олии байналмилаликунонии фаъолияти бозорҳои молиявӣ дар ҳама шаклҳояш ба ҳисоб меравад. | Рудольф В.Д. Финансовая глобализация: сущность и последствия Башкирский государственный аграрный университет // NovaInfo 46, с.151-155 |

[8] Львов Д.С. Экономический манифест – будущее российской экономики [Текст] / Д.С. Львов. – М.: ОАО “НПО “Изд-во “Экономика”, 2000. – 54 с.
[9] Коуз М. Э. Новый подход к анализу финансовой глобализации позволяет пересмотреть ее издержки и выгоды [Текст] / М. Э Коуз, И. Прасад, К. Рогофф, Ш.Ц. Вей // Финансы и развитие. – МВФ, 2007. – С. 9-13.
[10] Румянцева О. Влияние финансовой глобализации на денежно-кредитную политику [Текст] / О. Румянцева // Банковскый Вестник. – 2012. - №3. – С.9-15

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| Муаллифон | Мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ | Сарчашма |
|---|---|---|
| Смирнова И. | Мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ бояд ҳамчун қисми ҷаҳонишавии умумии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо ташаккул, фаъолият ва рушди низоми қарзӣ, асъорӣ ва молиявӣ дар шароити ҳаракати баланди сармоя дар бозорҳои дахлдор алоқаманд аст, фаҳмида шавад. | Смирнова И. Финансовая глобализация: понятие, характерные черты и негативные последствия. |
| Абрасова М.А. | Ҷаҳонишавии молиявӣ «инкишофи бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, афзоиши гардиши сармояи фаромарзӣ ва афзоиши фаъолияти муассисаҳои молиявии байналмилалӣ мебошад.<br>Ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ҳамчун ҳамгироии афзояндаи бозорҳои молиявии мавҷудаи миллӣ баррасӣ мешавад, ки ба таҳкими пайвастаи мубодилаи сармояи фаромарзӣ ва фаъолияти байналмилалии муассисаҳои молиявӣ баробар аст. | Деньги, кредит, банки. / Г. А. Аболихина [и др.]; под общей редакцией М. А. Абрамовой, Л. С. Александровой. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 2018. — 436 с. |
| | Ҷаҳонишавии молиявӣ – ин раванди коҳиш додани монеаҳо байни бозорҳои молиявии кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, пасандозҳо ва сармоягузорӣ фаромарзӣ мешаванд. | Словарь экономических терминов |
| Майдан Т.Н. | Ҷаҳонишавии молиявӣ яке аз оқибатҳо ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ номида мешавад. Он муттаҳидшавии бозорҳои молиявии кишварҳои гуногунро дар як бозори ягонаи молиявӣ ифода мекунад; ташкили низоми молиявии ҷаҳониро инъикос менамояд. | Майдан Т.Н.Финансовая глобализация: pro и contra // Вектор экономики. 2018– №: 6 (24). С. 41-46 |
| Заполских Ю.А. | Ҷаҳонишавии бозори молиявӣ дар шакли ҷаҳонишавии сармояҳо, воситаҳои молиявӣ, муассисаҳои молиявӣ, қонунгузорӣ, инчунин, муҳимтар аз ҳама, бозори мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи молия зоҳир мешавад. | Запольских Ю.А. Кредитный риск и основные способы его минимизации. Экономика и социум. 2014. № 2-2 (11). –С. 126 -128 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф аз рӯи сарчашмаҳои нишондодашуда, тартиб дода шудааст.

Мутобиқи назарияи анъанавии неоклассикӣ, ҷаҳонишавии молиявӣ тавассути афзоиши сармоя ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Тибқи назарияи мазкур, интегратсияи молиявӣ боиси аз иқтисодҳои дорои сармояи зиёдатӣ ба иқтисодҳое мегардад, ки дар он ҷо норасогии сармоя ба чашм мерасад, зеро дар гурӯҳи давлатҳои дуюми зикргардида даромади сармоя бояд бештар бошад. Модели мазкур тахмин мекунад, ки дар гардиши сармояи байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ ягон маҳдудият вуҷуд надорад. «Беҳбудиҳо»-и охирини модели номбурда, инчунин таъсири

мусбати интиқоли технология ва таҷрибаи идоракуниро дар бар мегирад, ки бояд ба рушди иқтисодии кишварҳои сарватманд ҳаматарафа мусоидат кунанд. Баррасии адабиёте, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, асарҳои Коуз М., Прасад И., Рогофф К. ва Вей С.Т. «Ҷаҳонишавии молиявӣ ва сиёсати иқтисодӣ» ба шумор меравад[11].

Ҳамин тариқ, равандҳои ҷаҳонишавии бахши молиявӣ на танҳо боиси аз сарҳадҳои миллӣ берун рафтани бахши бузурги пул ва ташаккули бозори ҷаҳонии молиявӣ, балки боиси тағйир ёфтани вазифаҳои пул дар иқтисоди ҷаҳонӣ гардид[12] .

Молияҳои ҷаҳонӣ ба як бахши алоҳидаи иқтисоди ҷаҳонӣ табдил меёбад, ки дар муқоиса бо бахши воқеӣ даромаднокии баландтар дорад, як қисми сармояи истеҳсолиро ба самти дигар равона мекунад, пулҳои виртуалӣ ва ӯҳдадориҳои қарзиро ба вуҷуд меорад.

Дар тафсири Архипова М., ҷаҳонишавии молиявӣ – ин синтези равандҳои ҳамгироӣ, ягонашавӣ, ташаккули бозорҳои нави молиявии ҷаҳонӣ, инчунин низоми институтҳои касирулмиллӣ ва миллӣ мебошад, ки назорат ва фаъолияти танзимкунандагиро амалӣ мекунанд. Истилоҳи «ғайриҷаҳонишавӣ» одатан бо тағйири самти рушди он алоқаманд аст, аз ҷумла: канда шудани робитаҳо, танг кардани фаъолияти молиявӣ то ҳудуди сарҳадҳои миллӣ, пурзӯр кардани танзим дар сатҳи миллӣ[13].

Дар асоси таърифҳои дар боло овардашуда, зарур мешуморем, ки таърифи муаллифро оид ба мафҳуми ҷаҳонишавии молиявӣ пешниҳод намоем. Ба андешаи мо, ҷаҳонишавии молиявӣ раванди объективии

---

[11] Коуз М. Э, Новый подход к анализу финансовой глобализации позволяет пересмотреть ее издержки и выгоды [Текст] / М. Э Коуз, И. Прасад, К. Рогофф , Ш.Ц. Вей // Финансы и развитие. – МВФ, 2007. – С. 9-13.

[12] Козьменко С.Н. Финансовая глобализация и перспективы банковских структур - [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://essuir.sumdu.edu.ua/bitstream-download/123456789/60278/5/Kozmenko.pdf., открытый. Дата обращения: 24.09.2020.

[13] Архипова В. Мировая финансовая система: глобализация или деглобализация? [Текст] / В. Архипова // Мировая экономика и международные отношения. - 2016. –Том 60. – № 5. – С. 40–49.

баҳамназдикшавӣ ва марҳилаи ниҳоии байналмилалишавии низомҳои миллии молиявӣ ба шумор меравад, ки дар натиҷаи вусъатёбии ҳамгироии молиявӣ, озодкунии ҳаракати сармоя, вусъатёбии амалиётҳои байнисарҳадии пулию қарзӣ ба вуҷуд омада, маҷмӯи муносибатҳои хоҷагидориро дар самти банақшагирӣ, ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молияи ҷаҳонӣ, дар асоси ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ дар тамоми курраи ҷаҳон ифода менамояд. Ба андешаи мо, таърифи пешниҳод намуда, нисбати таърифҳои ҷойдошта нисбатан паҳлуҳои васеъи ҷаҳонишавии молиявиро дарбар мегирад. Махсусан, он ҷаҳонишавии молиявиро чун раванди объективии доимо дар рушд буда, фарогирандаи тамоми курраи замин инъикос менамояд. Дар баробари ин, нақши корпоратсияҳои байналмилалии молиявӣ ва давлатҳои мутараққии саноатиро дар ин раванд оид ба ҷорӣ кардани стандартҳои ягонаи ҳисоботҳои молиявӣ дақиқ месозад.

Ҷаҳонишавии бахши молиявӣ дар се самти асосӣ сурат мегирад:

1) байналмилаликунонии хизматрасониҳои молиявӣ бо ворид шудан ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бонкҳои хориҷӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ;

2) афзоиши гардиши сармояи байналмилалӣ бо назардошти сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки вақтҳои охир нисбат ба гардиши қарзҳо бештар буд;

3) таҳкими гардиши ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки нишондиҳандаҳои асосии онҳо сатҳи фоизҳо ва қурби асъор ба ҳисоб меравад[14].

Тибқи нуқтаи назари анъанавӣ, манфиатҳо аз ҷаҳонишавӣ ва мутаносибан ҳаракати озоди сармоя ба манфиатҳои тиҷорати байнивақтӣ, яъне табодули молу хизматҳо барои ӯҳдадориҳои пешниҳоди молу хизматрасонӣ дар оянда мувофиқат мекунанд. Ҳамин тариқ, агар кишварҳо

[14] Кулишов В.В. Финансовая глобализация: сущность и последствия [Текст] / В.В. Кулишов // Бизнес информ. - 2013. – № 3. – С. 303-307.

барои маблағгузории воридоти таҷҳизот аз хориҷ қарз гиранд, пас онҳо дар савдои байнимарҳилавӣ иштирок мекунанд. Мамлакате, ки қарз медиҳад, дар навбати худ фоида мегирад, зеро вай дороиҳоеро харидорӣ мекунад, ки даромади бештареро ба даст меоранд. Даромаде, ки нисбат ба маҳсулоти бозори миллӣ бештар ба даст меояд. Илова бар ин, сармоягузории хориҷӣ бо дигар манфиатҳои алоқаманд ҳамроҳ аст: воридшавии технологияҳои нав, афзоиши рақобат дар бозори дохилӣ ва ғайра.

Боз як бартарии дигари ҳаракати озоди сармоя дар он аст, ки вай имкон медиҳад, коҳиши якбораи истеъмоли миллӣ аз ҳар гуна осебҳои беруна ва дохилӣ пешгирӣ карда шавад. Дар давраи нооромиҳои иқтисодӣ кишвар ба ҷои харҷ кардани пасандозҳои худ, метавонад муваққатан пасандозҳои ғайрирезидентҳоро ҷалб кунад.

Дар баробари ин, дар заминаи иттилооти нопурра ва асимметрии сармоягузорони ғайрирезидентӣ (қарзгирандае, ки қарз мегирад, одатан нисбат ба қарздиҳанда дар бораи хавфе, ки бо сармоягузории ӯ ҳамроҳӣ мекунад, беҳтар огоҳ аст), ҳаракати озоди сармоя метавонад таҳрифҳоро афзоиш диҳад, ки аллакай дар иқтисодиёти миллӣ мавҷуданд. Гузашта аз ин, маълумоти нопурра, ҳам пеш аз муомилот ва ҳам пас аз он мушкилиҳо эҷод мекунад.

Буҳрон - далели асосии мухолифони ҷаҳонишавӣ аст. Аммо агар кишваре дорои низоми мутараққии молӣ ва танзими хуб (институтҳо) бошад, ҷаҳонишавӣ тавассути таъсир ба тақсими дурусти манобеъи молӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин метавон гуфт, ки рушди молиявӣ кафили ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мебошад.

Дараҷаи рушди низоми молиявӣ бо самаранокии он, ки низоми мазкур вазифаҳои худро иҷро мекунад, тавсиф карда мешавад:

- дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ ва маҳаллисозии сармоя маълумот тавлид мекунад;

- сармоягузориҳоро назорат мекунад ва ба идоракунии корпоративӣ пас аз татбиқи маблағгузорӣ таъсир мерасонад;

- идоракунии хавфҳоро осон мекунад;

- пасандозҳои субъектҳои хоҷагиро ҷамъ ва аз нав тақсим мекунад;

- ба алоқаи байни системаҳои воқеӣ ва пулӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавии молиявӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, аксар вақт бо охирин яксон ҳисобида мешавад. Хусусиятҳои муҳимтарини он чунинанд:

- таъсири назарраси пешрафти илмию техникӣ ба рушди иқтисодӣ, озодкунии бахши молиявӣ, афзоиши рақобат ва ҳаракати сармоя, афзоиши муттаҳидшавӣ ва харид, афзоиши бесобиқаи хавфҳо дар низоми байналмилалии молиявӣ, далели номувофиқ будани оқибатҳои иқтисодӣ барои системаҳои иқтисоди миллӣ.

Дар ҷаҳон низомҳои молиявие вуҷуд доранд, ки вазифаҳои мазкурро нисбат ба дигарон беҳтар иҷро мекунанд ва ба шарофати ҷаҳонишавӣ метавон тавассути раванди қарзгирӣ низоми пешрафтаро (ё унсурҳои онро) ворид кард. Дар ҳамин ҳол, бархе аз гурӯҳҳои манфиатдор метавонанд ба рушди молӣ таваҷҷуҳ надошта бошанд, зеро бо ҷаҳонишавӣ онҳо дар натиҷаи рақобат бо иштирокчиёни хориҷӣ, ки мехоҳанд низоми молиявиро барои беҳтар кор кардан дар бозори дохилӣ беҳбуд бахшанд, қудрат, имтиёз ва дахлнопазирии худро аз як кишвари дигар аз даст медиҳанд.

Инчунин интизор меравад, ки соҳибкорони хориҷӣ дар баробари сармоягузорӣ технология ва навоварӣ ворид мекунанд.

Бо дарназардошти ҳар як вазифаи асосии низоми молиявӣ (такмилдиҳии он сатҳи рушди онро баланд мебардорад) як қатор таъсирҳоро метавон тахмин кард.[15]

1. Ҷаҳонишавӣ огоҳии имтиёзноки гурӯҳи манфиатҳоро дар бозори молиявӣ аз байн мебарад, зеро низоми молиявӣ бояд ба талаботи иштирокчиёни беруна ҷавобгӯ бошад (ки боиси рақобати миёнаравӣ

[15] Товар Гарсиа Э. Д. Влияние глобализации на финансовое развитие формирующихся экономик [Текст] / Э.Д. Товр Гарсиа // Финансовый журнал. - 2012. – №1. – С.37-48.

мегардад), ки барои ба даст овардани иттилооти боэътимод ва амиқтар мусоидат мекунад. Аммо агар иштирокчиёни беруна ба кор бо гурӯҳҳои манфиатдор барои нигоҳ доштани дастрасии маҳдуд ба иттилоот манфиатдор бошанд, на дар рақобатпазирии бозори молиявӣ, он гоҳ дар низоми огоҳонии беҳтар ба назар намерасад.

2. Ҳангоми ҷаҳонишавии молиявӣ миёнаравҳо метавонанд таҷрибаҳои беҳтарини маъмурӣ ва усулҳои молиявиро ворид кунанд ва ба ин восила идоракунии корпоративиро беҳтар созанд. Дар бисёр кишварҳо гурӯҳҳои калони манфиатдоре ҳастанд, ки аз ҷониби сарватмандтарин оилаҳо ташкил карда мешаванд, ки дар якҷоягӣ бо ҳукумат қарорҳоро дар бораи тақсимоти захираҳо дар бозори молиявӣ назорат мекунанд.

Аммо онҳо наметавонанд иштирокчиёни берунро назорат кунанд, ки чӣ гуна мустақилона тақсими сармояро ҳал мекунанд ва фаъолияти ҷамъиятҳои саҳҳомиро назорат менамоянд. Аз тарафи дигар, бо ҷаҳонишавӣ пардохтпазирии бештар ба даст овардан мумкин аст, ки ба иштирокчиёни молиявӣ имкон медиҳад, роҷеъ ба идоракунии пурсамари корпоративӣ имкониятҳои нав пайдо кунанд.

3. Ҷаҳонишавии молиявӣ ба тақсимоти хавф мусоидат мекунад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ аён аст. Аммо ин дар ҳар як кишвари алоҳида низ рӯй медиҳад, зеро сармояи миллиро метавон ба хориҷа содир кард, то хатарро паҳн кунад. Кишвар метавонад дар ҳолатҳои барзиёдатии сармоя қарз диҳад ва дар ҳолатҳои норасоии он қарз гирад, бинобар ин тағйироти сармоягузорӣ, истеъмол ва даромад зиёд нахоҳад буд. Ҷаҳонишавӣ ба гузариш аз сармоягузории портфелӣ бо хавфи кам ва даромади кам ба сармоягузории портфели дорои хавфи баланд ва даромади баланд мусоидат мекунад.

Илова бар ин, шартномаҳои молиявӣ, ки ба тақсимоти хавф мусоидат мекунанд, дар ин ҳолат ба кишварҳое таъсир мерасонанд, ки қаблан вуҷуд надоштанд. Аммо агар иштирокчиёни молиявӣ дороиҳо ва молҳои

дохилиро дар бозори дохилӣ афзалтар донанд ва савдои байналмилалӣ бо хароҷоти баланди транзаксионӣ тавсиф мешавад, пас ҳеҷ гуна ангеза барои гуногунрангии хатарҳои байналмилалӣ вуҷуд нахоҳад дошт.

4. Ҳаракати байналмилалии сармоя барои ҷалб ва ҷамъ кардани пасандозҳо дар миқёси ҷаҳонӣ кӯмак мекунад. Имконияти сармоягузорӣ кардани пасандозҳои дохилӣ берун аз кишвар барои ҷустуҷӯи даромади беҳтар кори агентҳои молиявиро барои муттаҳид кардани сармояи дохилӣ фаъол мекунад. Тахмин карда мешавад, ки пасандозҳои беруна пасандозҳои дохилиро иваз намекунанд. Аммо агар ҷаҳонишавии молиявӣ аз номуайянӣ дар бозорҳои молиявӣ муҳофизат кунад, пас пасандоз кардан лозим нест ва метавон бидуни афзоиши назарраси пасандозҳо як низоми пешрафта бунёд кунад.

5. Ҷаҳонишавии молиявӣ хароҷоти муомилоти байналмилалиро коҳиш медиҳад ва ба ин васила робитаи байни бахшҳои молиявӣ ва воқеии иқтисоди байналмилалиро пеш мебарад.[16]

Дар ҷадвали зер далелҳои мусбат ва манфии равандҳои ҷаҳонишавии молиявӣ оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 1.2.).

**Ҷадвали 1.2. - Далелҳои мусбат ва манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ**

| Омилҳои мусбати ҷаҳонишавии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ | Далелҳо ба тарафдории ҷаҳонишавии молиявӣ | Таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ барои бахши молия |
|---|---|---|
| - гузариш ба стандартҳои байналмилалии арзёбии сифати хизматрасониҳо, фаъолияти иттилоотӣ ва ҳисоботдиҳӣ;<br>- дастрасӣ ба маблағгузории иловагӣ барои идоракунии дороиҳо; | - қобилияти ҳифзи пасандоз аз тағйирёбии ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ дар қурби асъор ва фоизҳо;<br>- қобилияти зуд мутобиқ шудан ба шокҳои молиявӣ; | -эҳтимолияти муфлисшавии баъзе бонкҳо дар натиҷаи рақобатпазирии пасти онҳо;<br>- зиёдшавии норавшании фаъолияти баъзе бонкҳои тиҷоратӣ, брокерҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ; |

[16] Naceur S.B. Does Stock Market Liberalization spur Financial and Economic Development in the MENA Region / S.B. Naceur, S. Ghazouani, M. Omran // Journal of Comparative Economics. - 2008. –P. 673–693 [Стимулирует ли либерализация фондового рынка финансовое и экономическое развитие в регионе БВСА?].

*Идомаи ҷадвали 1.2.*

| Омилҳои мусбати ҷаҳонишавии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ | Далелҳо ба тарафдории ҷаҳонишавии молиявӣ | Таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ барои бахши молия |
|---|---|---|
| - ташаккулӣ бозорҳои иловагӣ мол, хизмат ва сармоя;<br>- дараҷаи баланди диверсификатсияи иқтисодиёт;<br>- пардохтпазирии хеле мусоиди субъектҳо;<br>- мавҷудияти имкониятҳо барои самараноктар тақсим кардани сармоя;<br>- идоракунии беҳтари хавфҳо, самараноккунии низоми идоракунӣ ва ғайра. | - кафолати баъзе интизомҳо дар рафтори иқтисодии субъектҳои гуногуни бозор; - пешгирии татбиқи сиёсати таваррум ва сиёсати зиёд кардани қарзи давлатӣ. | - суст шудани робитаи «бонк-муштарӣ;<br>- берун рафтани мизоҷони нисбатан боэътимоди миллӣ аз бозори молиявии дохилӣ;<br>- авҷгирии рақобати шадид;<br>- эҳтимолияти нигоҳдории пасандозҳои пулӣ берун аз муассисаҳои бонкӣ ва ғайра. |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Рушди бозори молиявӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ё кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта боиси нигаронии хеле ҷиддии як қатор мутахассисон гардидааст. Ҳамин тариқ, тарафадорони равандҳои ҷаҳонишавӣ дар Фаронса бар ин назаранд, ки таъмини озодии ҳадалимкони ҳаракати сармояи ҳаннотии кӯтоҳмуддат дар чаҳорчӯби низоми ҷаҳонии бозорҳои молиявӣ ва дар маҷмӯъ, тамоми сохтори иҷтимоии ҷаҳониро афзоиш додааст.

Барои як қатор субъектҳои бозор, ҷаҳонишавии молиявӣ бо бесарусомонӣ, озодии аз ҳад зиёд барои ҳаннотӣ алоқаманд аст, дар ҳоле ки дигар субъектҳо, баръакс, мутмаинанд, ки бозорҳои ҷаҳонишудаи сармоя ба таври муассир фаъолият доранд.

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавии молиявӣ ҳамчун падидаи норавшан аз рӯи мазмунаш, ҳам натиҷаҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад, на танҳо ба тезонидани рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад, балки хатарҳои бухронҳои маҳаллиро зиёд карда, доираи таъсири онҳоро васеъ

мегардонад. Ҷаҳонишавии молиявӣ як падидаи объективӣ ва комилан ногузири замони мост, ки онро бо роҳи сиёсати иқтисодӣ суст кардан мумкин аст, аммо боздоштан ё бекор кардан мумкин нест, зеро ин талаботи ҳатмии ҷомеаи муосир ва пешрафти илмию техникӣ мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки кишварҳо бояд ба равандҳои ҷаҳонишавӣ вокуниши кофӣ дошта бошанд, то ба шароити нав мутобиқ шаванд ва аз имкониятҳои байналмилаликунонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ истифода баранд. Агар кишвар дорои низоми пешрафтаи молиявӣ ва танзими хуб бошад, пас ҷаҳонишавӣ тавассути таъсир ба тақсимоти дурусти захираҳои молиявӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Рушди бахши молиявӣ, аз ҷумла, яке аз омилҳои асосии мизони рушди иқтисодӣ ва манфиатҳои субботе ба ҳисоб меравад, ки ҷаҳонишавии молиявӣ меорад. Ҳар қадар бахши молиявии кишвар рушд кунад, ҳамон қадар фоидаи вуруди сармоя барои рушди иқтисодӣ бештар мешавад ва осебпазирии кишвар дар баробари бӯҳронҳо, ҳам мустақим ва ҳам бавосита камтар мешавад.

## 1.2. Таҳқиқи равишҳои методии арзёбии сатҳи амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва вобаста гардидани давлатҳо аз ҳамдигар, масъалаи таъмини амнияти молиявии кишварҳо дар чунин сатҳе зарур мегардад, ки имконияти ҳалли мушкилоти бахшҳои гуногуни иқтисодиётро тахмин намуда, комилан аз нав бунёд намудани низоми молияи мамлакатро мусоидат менамояд. Бояд тазаккур дод, ки ҳар як давлат ба таҳдиду хатарҳои дохилӣ ва берунии дорои хусусияти гуногун - иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ғайра дучор мешавад. Барои муайян кардани таҳдидҳои мазкур ва таҳияи маҷмӯи тадбирҳое, ки ба бартараф кардан ё маҳдуд кардани таъсири эҳтимолии онҳо нигаронида шудаанд, бояд равишҳои нави илмӣ коркард карда шаванд, ки имконияти таъсиси

амнияти молиявиро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ ба роҳ монда тавонад.

Чунон, ки маълум аст, вазъи иқтисодии дилхоҳ мамлакат дар замони муосири рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ аз рӯи дараҷаи иштироки он дар равандҳои муосири байналмилалишавӣ ва иштирок дар гурӯҳхои ҳамгироӣ муайян карда мешавад. Дар баробари ин, вобастагии афзояндаи мутақобила байни давлатҳо ҳамчун манбаи таҳдид ба суботи онҳо ва эҳтимолияти аз даст додани назорат аз болои низоми иқтисодиву молиявӣ мегардад. Дар айни замон метавон гуфт, ки фаъолияти хочагидории миллӣ маънои анъанавии худро, ки дар доираи сарҳадҳои миллӣ хос буд, ифода наменамояд. Ин ба афзоиши дараҷаи тафовути байни ҳаҷми захираҳои молиявии ҷаҳонӣ ва ҳаҷми бисёр бахшҳои иқтисодиёти воқеӣ байни давлатҳо ва якбора танг шудани спектри фазоӣ ва ҳудудии такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ зоҳир мешавад.

Дар даҳсолаҳои сеюми асри XXI парадигмаи нави муносибатҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд омад, ки манфиатҳои субъектҳои алоҳидаро нисбат ба натичаҳои фаъолияти иқтисодӣ барои ҷамъият дар мадди аввал мегузорад. Тамоюли равшани шикастани консепсияи иқтисодии кунунӣ мушоҳида мешавад, ба ҷойи ин, низоми нави танзими бозори байналмилалии асъор бо шабакаи пурқудрати электронӣ (Интернет, SWIFT, GlobalCustodian ва ғайра) пешниҳод карда мешавад, ки бо монеаҳои ҳудудию муваққатӣ ба гардиши сармоя маҳдуд намешавад. Ба шарофати ин, технологияҳои коммуникатсионии пешрафта имкон медиҳанд, ки амалиёти молиявии ҳаннотӣ назар ба сармоягузориҳои саноатӣ зудтар ва бештар фоида ба даст оранд.

Арзёбии тамоюлҳои ҷаҳонишавии молиявӣ аз мавқеи геостратегия бидуни таҳлили таъсири ҳамроҳшавӣ ва харидҳои сершумор ба вазъи иқтисодии кишварҳо ва амнияти онҳо нопурра хоҳад буд. Дар натиҷаи равандҳои мазкур сохтори иерархии чорзинагии бозори байналмилалии

молиявию қарзӣ ташаккул ёфт, ба онҳо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ; бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва минтақавӣ; корпоратсияҳои фаромилалӣ ва бонкҳои ҷаҳонӣ, филиалҳо ва ширкатҳои духтарии онҳо, бонкҳои тиҷоратӣ дохил мешаванд. Тибқи маълумоти MarketWatch, дар соли 2015 дар саросари ҷаҳон, сарфи назар аз бухрон, ҳаҷми амалиётҳо якҷоякунӣ ва фурӯбарӣ (M&A) аз 5 триллион доллар гузашт, ки нисбат ба як соли пеш 49,7% зиёд мебошад.

Охири асри XX - ибтидои асри XXI ҳамчун раванди авҷгирии ҷаҳонишавии молиявӣ муаррифӣ гардид, ки дар ин марҳила афзоиши назарраси озодкунии бозорҳои молия, рушди босуръати воситаҳои нави молиявӣ, васеъгардии доираи ҳаракати сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ ба чашм расид. Дар натиҷа таъсири сармояи хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида ба назар расид, ки ба ташаккулёбии сохти нави бозори молияи ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

Раванди ҷаҳонишавии молиявӣ, ки дар солҳои 1880 оғоз шуда буд, танҳо пас аз 100 сол дубора эҳё гардид. Дар марҳилаи дуюми рушди худ қисматҳои нави низоми молияи ҷаҳонӣ аз қабили бозори ҷаҳонии деривативҳо пайдо шуд. Он ба сохтори бозори молияи ҷаҳонӣ тариқи таъсири мустақим (рушди рақобати ҷаҳонӣ ва коҳиши сатҳи таваррум дар ҷаҳон) ва ғайримустақим (рушди бозорҳои миллии молиявӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ) таъсири назаррас гузошт.

Ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ зери таъсири як қатор омилҳо ба вуҷуд омадаанд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) омилҳои миқдорӣ, ки ба афзоиши ҳаҷми муомилоти молиявӣ алоқаманданд: афзоиши ҳаҷми пасандозҳо аз аҳолӣ, гуногунрангсозии портфели хизматрасониҳо ва воситаҳои молиявӣ, озодкунии низомҳои миллии молиявӣ, рушди ҳамгироӣ дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва ғайра асос ёфтаанд;

б) омилҳои сифатӣ, ки афзоиши рақобати байналмилалӣ, рушди ҳамгироии бозорҳои байналмилалӣ, аз байн рафтани сарҳади ҷуғрофии қисматҳои алоҳидаи бозорҳои молиявӣ, рақамикунонии бозорҳои молиявӣ ва ғайраро ифода менамоянд.

Тақвияти вобастагии мутақобилаи иқтисодиётҳои миллӣ аз ҳамдигар, ки дар шароити ҷаҳонишавии молиявӣ ба чашм мерасад, хатарҳои молиявиро барои тамоми кишварҳо ба таври қобили мулоҳиза афзоиш дода, эҳтимоли буҳрони ҷаҳониро зиёд мекунад. Инро буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ва амалан идоранашаванда, ки дар ду даҳсолаи охир ба амал омадаанд, тасдиқ мекунанд.

Дар баробари худ сатҳи амнияти молиявии ҳар як мамлакат ба як қатор омилҳо алоқамананданд:

– сатҳи мустақилияти молиявӣ аз кӯмаки молиявии беруние, ки институтҳои молиявии байналмилалӣ, гуруҳҳои иқтисодӣ, ҳукуматҳои мамлакатҳои алоҳида мерасонанд;

– хусусияти сиёсати дохилию берунии молиявию карзӣ, ки давлат пеш мебарад;

– мавҷудияти фазои мусоиди сиёсӣ дар мамлакат;

– сатҳи таъминнокии фаъолияти бахши молиявӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ.[17]

Амнияти молиявии мамлакат мафҳуми фаррох буда, он амнияти буҷавӣ, амнияти андозӣ, амнияти қарзӣ, амнияти молиявии низоми бонкӣ, амнияти асъорӣ, амнияти пулию қарзӣ, амнияти сармоягузорӣ, амнияти молиявию суғуртавӣ ва амнияти бозори қоғазҳои қимматнокро дарбар мегирад.[18]

---

[17] Фёдорова А.Ю. Финансовая безопасность и факторы, влияющие на нее [Текст] / А.Ю. Фёдорова // Социально-экономические явления и процессы. – 2016. - № 8. - С. 86.

[18] Фёдорова А.Ю. Финансовая безопасность и факторы, влияющие на нее [Текст] / А.Ю. Фёдорова // Социально-экономические явления и процессы. – 2016. - № 8. - С. 86.




**Расми 1.1. - Зернизомҳои амнияти молиявии мамлакат.**

**Сарчашма:** Изварина Н.Ю Обеспечение финансовой безопасности государства условиях экономического кризиса [Текст] /Н.Ю. Изварина, К.В. КлиминаА.И. Ганжа / Journal of Economy and Business, vol. 6-1 (76), 2021-С.111

Амнияти буҷетӣ ҳолатеро ифода менамояд, ки он тибқи қобилияти пардохтпазирии мамлакат таъмин гардида, мувозинати даромад ва хароҷоти буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро таъмин карда, тақсимоти маблағҳои буҷетӣ ба таври оқилона ва сифатнок ба роҳ монда мешавад.

Дараҷаи таъмини амнияти буҷети мамлакат бо чунин нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад: андозаи буҷет, ҳаҷми ММД, ки тавассути буҷет тақсим мешавад, мавҷудияти касри буҷет, андоза ва манбаъҳои маблағгузории он, мизони маблағгузории буҷет, сифати иҷрои буҷети хазинадорӣ ва ғ.[19].

[19] Громова А.С. Бюджетно-финансовая безопасность и экономический рост как критерии проведения экономической политики государства [Текст] / А.С. Громова // Известия Томского политехнического университета. - 2007. - Т. 311. - № 6. – С. 44.

Амнияти буҷетию молиявии давлат қобилияти мақомоти давлатро оид ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ давлат, устувории низоми пардохту ҳисоббаробаркунӣ ва таъмини сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ, бартараф намудани таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки аз тарафи субъектҳои хориҷӣ ҳадафмандона ба роҳ монда шудааст, таъсири иқтисодиёти соягӣ ба низоми иқтисодии миллӣ, пешгирии фирори сармояи микёсан калон ба хориҷа, ҷалб ва истифодаи қарзҳои хориҷӣ, пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ифода менамояд.[20]

Амнияти андозии давлат аз самаранокии сиёсати андозии мамлакатро ифода менамояд, ки манфиатҳои фискалии давлатро бо манфиатҳои андозсупорандагон, бо мақсади таъмини давлат бо миқдори муносиби даромадҳои андозӣ, ки ба тамоми меъёрҳои андоз ҷавобгӯ мебошад, ба ҳам мепайвандад. Инчунин, амнияти андозии давлат беҳтарсозии сатҳи андозбандиро дар назар дорад, ки он асосноккунии имтиёзҳои зиёди андозӣ, роҳ надодан ба имтиёзҳои беасос, танзими меъёри андоз бо мақсади роҳ надодан ба камшавии манбаи андоз, пешгирии рушди қтисоди соягӣ, паст кардани дараҷаи вазнинии андозҳо, пешгирии саркашии оммавӣ аз пардохтҳои андозиро дарбар мегирад.

Амнияти қарзии давлат - сатҳи муайяни карзи дохилӣ ва берунии давлатиро бо дарназардошти хароҷоти хизматрасонии он ва арзёбии истифодаи самараноки қарзҳо тавсиф менамояд. Таносуби муносибтарини байни қарзи дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад, устувории низоми молиявии кишварро дар баробари таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин менамояд. Амнияти қарзӣ ба ҳифзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатро, ҳангоми анҷом додани хизматрасонии қарз барои пардохти қарзҳои асосӣ ва

---

[20] Громова А.С. Бюджетно-финансовая безопасность и экономический рост как критерии проведения экономической политики государства [Текст] / А.С. Громова // Известия Томского политехнического университета. - 2007. - Т. 311. - № 6. – С. 44.

фоизҳои он ва нигоҳ доштани сатҳи муносиби қобилияти пардохт ва рейтинги қарзии мамлакат таъмин менамояд.

Амнияти молиявии низоми бонкӣ аз ноил шудан ба ҳадди ниҳоии самаранокии истифодаи иқтидори захиравии бонкӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти ташкилотҳои бонкӣ, пешгирии пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти устувор ва самараноки низоми бонкӣ иборат аст.[21]

Амнияти асъории давлат бо дараҷаи таъмини давлат бо воситаҳои асъорӣ ва ҳолати қурби пули миллӣ тавсиф мешавад. Дар бораи амнияти асъории давлат тавозуни мусбати пардохт, қобилияти иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, мавҷудияти ҳаҷми зарурии захираҳои асъорӣ, устувории қурби пули миллӣ, ки аз таконҳо дар бозорҳои байналмилалии асъор муҳофизат мекунад, аз фароҳам овардани шароити мувофиқи рушди содирот ва ворид шудани сармояи хориҷӣ ба кишвар шаҳодат медиҳад.

Амнияти пулию қарзӣ ҳолати устувори низоми пулӣ, воҳиди пулӣ, мавҷудияти захираҳои қарзӣ ва сатҳи таваррумро дар назар дорад, ки рушди иқтисодӣ ва афзоиши даромади воқеии аҳолиро таъмин менамояд.

Дар айни замон ҳаҷми муомилоти пул бояд муомилоти иқтисодиеро, ки ба он хизмат мерасонад, пурра фаро гирад ва маблағи фоизи қарз барои қонеъ гардондани талабот ба пул муносиб бошад.

Амнияти сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) - бо сатҳи баланди сармоягузорӣ тавсиф мешавад, ки дар он ба таври муносиб конеъ гардондани талаботи имрӯзаи иқтисодиёт ба ҳаҷм ва сохтори маблағгузориҳои асосӣ, ҳангоми мониторинги истифодаи самаранок ва баргардонидани маблағҳои гузошташуда имконпазир мегардад. Амнияти сармоягузорӣ тавассути муқаррар намудани таносуби самарабахши

---

[21] Фёдорова А.Ю. Проблемы функционирования кредитно-банковской системы [Текст] / А.Ю. Фёдрова, Н.И. Дорожкина // Российская экономика: взгляд в будущее: мат-лы Междунар. науч-практ. конф. - Тамбов, 2016. - С. 437-443.

сармоягузории хориҷӣ дар кишвар ва сармоягузории дохилӣ дар дигар кишварҳо, нигоҳ доштани тавозуни мусбати пардохтҳои миллӣ мусоидат мекунад.

Амнияти бозори коғазҳои қимматнок – ин мавҷудияти ҳаҷми муносибтарини ба сармоя таъмин намудани қоғазҳои қимматнок бо назардошти сохтор ва сатҳи пардохтпазирии коғазҳои қимматноки фурӯхташуда мебошад. Таъмини амнияти бозори коғазҳои қимматнок бо вазъи устувори молиявии бароварандагони қоғазҳои қимматнок, соҳибони онҳо, харидорон, ташкилкунандагони савдо, миёнаравон (брокерҳо), мушовирон, бақайдгирандагон, амонатгузорон ва дигар иштирокчиёни бозори фондӣ тавсиф мешавад. Амнияти бозори коғазҳои қимматнок аз арзёбии сатҳи устувории молиявии ду ҷузъи асосии он иборат аст: бозори коғазҳои қимматноки давлатӣ, бозори коғазҳои қимматноки корпоративӣ ва бахшҳои он (бозори саҳмияҳо, вомбаргҳо, векселҳо, векселҳои хазинавӣ, сертификатҳои амонатӣ, биржа ва бозорҳои биржа).

Амнияти молиявии бозори суғурта аз дастоварди ширкатҳои суғуртакунанда ба чунин ҳаҷми захираҳои молиявии тавлидшуда иборат аст, ки ба онҳо метавонад имкон фароҳам орад, ҷуброни зиёни мизоҷони худро дар натиҷаи руй додани ҳалокат, инчунин таъмини фаъолияти самараноки тамоми бахши суғурта ҷуброн кунад. Амнияти молиявии бозори хизматрасонии суғуртавӣ, ки аз омилҳои зиёди объективӣ ва субъективӣ, инчунин дохилию берунӣ вобаста аст, дар навбати аввал аз рӯи вазъи инкишофи он муайян карда мешавад. Инчунин маҳсулнокии молиявӣ ва самаранокии фаъолияти бозори суғурта ва субъектҳои соҳибкорӣ низ таъсир мерасонад.

Бо назардошти мафҳуми фаррох ва мураккаб будани «амнияти молиявӣ», вобаста ба таъсири мутақобилаи унсурҳои таркибии он, амнияти молиявии шахс/шаҳрванд ва хонавода; амнияти молиявии корхона; амнияти молиявии минтақаро низ ҳамроҳ намудан мумкин аст.[22]

[22] Логвинова В.С. Финансовая безопасность государства как составляющая экономической системы. - [Электронный рессур]. – Режим доступа: URL: http://www.rusnauka.com

Амнияти молиявии байналмиллалӣ – бо маҷмӯи сохторҳои институтсионалӣ ва шартҳои байналмилалии дар якҷо бо ҳам амал намудани созишномаҳо тавсиф карда мешавад, ки тибқи онҳо ба ҳар як давлат ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ имкони мустақилона ташаккул додан ва дар амал татбиқ намудани стратегияи иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии худ дода мешавад, ки тараққиёти молиявӣ бе фишори берунӣ ва ягон дахолат, инчунин ба амал баровардани хамкории ба ҳамдигар фоидабахш бо дигар давлатҳо татбиқ карда мешавад. Дар ҳалли баробар намудани мушкилоти мазкур созишномаҳои шарикӣ оид ба ҳаракати озоди сармоя, мол ва хизматрасонӣ, рафъи фишори зӯрӣ, баробарҳуқуқӣ дар муносибатҳо бо мамлакатҳои сусттараққикарда, қонеъ гардондани манфиатҳои иқтисодии мамлакатҳои гуногун нақши муҳим мебозанд.

Ҳамин тариқ, асоси амнияти молиявиро ҳамкории мутақобилан судманди давлатҳо дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ва байналмилалӣ, татбиқи интихоби озоди стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо ва иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ташкил медиҳад. Дар айни замон масъалаи асосии амнияти молиявӣ ташаккул додани шароити ҳамкории ба ҳам фоидабахши давлатҳо дар ҳалли мушкилиҳои миллии худ, инчунин умумибашарӣ мебошад.[23]

Дар баробари шаклҳои зикргардидаи амнияти молиявӣ Каранина Е.В.[24] амнияти молиявии минтақа, амнияти молиявии бахш (комплекс, кластер), амнияти молиявии соҳа, амнияти молиявии субъекти хоҷагидорӣ ва амнияти молиявии шахсиятро ҷудо мекунад.

Ба ақидаи ӯ ҳама унсурҳои амнияти молиявӣ бо ҳам алоқаманд ва вобаста буда, ба таъмини суботи молиявӣ нигаронида шудаанд. Равшан

---

/28_PRNT_2011/Economics/15_94718.doc.htm., открытый. Дата обращения: 20.01.2021.

[23] Логвинова В.С. Финансовая безопасность государства как составляющая экономической системы. - [Электронный рессур]. – Режим доступа: URL: http://www.rusnauka.com /28_PRNT_2011/Economics/15_94718.doc.htm., открытый. Дата обращения: 08.11.2021.

[24] Каранина Е.В. Финансовая безопасность (на уровне государства, региона, организации, личности) [Текст]: Монография / Е.В. Каранина. – Киров: ФГБОУ ВО «ВятГУ», 2015. – 239 с.

аст, ки амнияти молиявиро метавон, ҳам ҳамчун сарват, ҳам ҳамчун раванд ва ҳам, ҳамчун низоми бисёрсатҳӣ ва ниҳоят, ҳамчун категорияи бисёромилӣ гуруҳбандӣ кард. Агар унсурҳои бисёрсатҳаи амнияти молиявиро тавсиф кунем, пас бояд гуфт, ки хусусиятҳои мазмуни онҳо ба хусусиятҳои манфиатҳои ҳар як унсури алоҳида вобаста аст.[25]

Ба андешаи мо амнияти молиявии давлат яке аз вазифаҳои асосии таҳияи ҳадафҳои стратегии рушди низоми молиявиест, ки маҷмӯи тадбирҳои умумӣ, усулҳо ва воситаҳои баҳамалоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ ва танзимкуниро ифода намуда, барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи мамлакат аз таъсирҳои таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, хавфҳои воқеӣ ва иқтидорӣ, ки эҳтимоли расонидани зарари калони иқтисодиро дорад, равона карда шуда, шароити мусоидро барои таъмини кифоягии захираҳои моддӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ, беҳтарсозии дараҷаи мустақилияти иқтисодӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, гузариш ба рушди устувор ва мутавозин дар асоси таъсиси низоми самараноки мониторинг, назорат ва танзими захираҳои молиявӣ фароҳам меоварад.

Амнияти молиявӣ тавассути як қатор нишондиҳандаҳо ифода карда мешавад, ки арзишҳои ҳадди аққали онҳо имкон медиҳанд, сатҳи хатарҳо ва таҳдидҳои ҳозира ва ояндаро муайян намуда, барои коҳиш додани онҳо чораҳо андешанд. Ташкили низом дар асоси меъёрҳо ва маҳдудиятҳои қабулшуда имкон медиҳад, ки таъсири бесарусомонӣ ба бахши молиявӣ бартараф карда шуда, гардишҳои молиявӣ баробар гардад, пардохтпазирии дороиҳо ва кофӣ будани захираҳои зарурӣ таъмин карда шавад.[26]

---

[25] Каранина Е.В. Финансовая безопасность (на уровне государства, региона, организации, личности) [Текст]: Монография / Е.В. Каранина. – Киров: ФГБОУ ВО «ВятГУ», 2015. – 239 с.
[26] Финансовая безопасность: бюджетный аспект [Текст] / Обзорная информация// Вестник Приднестровского республиканского банка. – 2017. - №.1. - С. 45.

Нишондиҳандаи амнияти молиявӣ – ин унсури сохторие мебошад, ки худи раванд ё ҳолати объекти таҳлилшаванда, инчунин хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатиро нишон медиҳад. Нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунанд:

• пешгӯии ҳодисаҳое, ки ҳам дарояндаи наздик ва ҳам дарояндаи дур рӯй дода метавонанд;

• таҳлили вазъият ва пешгирии эҳтимолии ҳолатҳои ғайричашмдошт;

• таҳлили ҳолати таъмини амнияти бахши молиявии объектҳои алоҳида;

• ба таври оперативӣ ворид намудани ислоҳоти гуногун дар раванди тараққиёти бахши молиявии ҳокимияти давлатӣ.

Низоми нишондиҳандаҳо, ки вазифаҳои худро иҷро мекунад, воситаи асосии ташхиси вазъи низоми молиявии кишвар ба ҳисоб меравант. Арзишҳои амнияти молиявӣ дар ҳар як кишвари мушаххас дар асоси нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки манфиатҳои асосии миллиро инъикос мекунанд, таҳия карда мешаванд.

Таҳлили вазъи амнияти дар бахши молиявӣ бояд бо истифода аз нишондиҳандаҳое гузаронида шавад, ки дар стратегияи иқтисодии як давлати мушаххас муқаррар шудаанд.

Бояд қайд кард, ки барои муайян кардани таҳдидҳои мавҷуд ё набудани онҳо ба амнияти молиявии давлат, муайян кардани арзишҳои ҳадди аққали нишондиҳандаҳо зарур аст. Арзишҳои ҳадди аққал ҳамчун маҳдудкунандаи арзишҳои ададӣ фаҳмида мешаванд, ки риоя накардани арзишҳои онҳо самаранокии фаъолияти равандҳои иқтисодиро коҳиш медиҳад, ки боиси ташаккули падидаҳои манфӣ дар низоми молиявии кишвар мегардад. Бо вуҷуди ин, наздик шудан ба ҳадди ниҳоии амнияти молиявӣ омили тасдиққунандаи афзоиши тамоюлҳои манфӣ дар ин соҳа мебошад. Зиёд шудани арзишҳои иҷозатдодашудаи нишондиҳандаҳо

норасоиро дар низоми фаъолияти амнияти молиявии давлат тасдиқ мекунад.

Нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ бо меъёрҳои амнияти иқтисодӣ дар маҷмӯъ алоқамандии зич доранд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии муқарраркунандаи сатҳи амнияти молиявӣ маҷмӯи қиматҳои ҳудудӣ оварда шудаанд, ки берун рафтан аз доираи онҳо ба вайронкунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва зернизомҳои ба он алоқаманд оварда мерасонад. Нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ чаҳор нишондиҳандаи асосиро дарбар мегирад:

1. Таносуби касри буҷети консолидатсионӣ нисбат ба ММД (на бештар аз 10%);
2. Шохиси болоравии сатҳи нархҳои молҳои истеъмолӣ (на бештар аз 15% аз моҳи декабри соли гузашта);
3. Ҳаҷми захираҳои тиллою асъор нисбат ба ҳаҷми пули захиравӣ (на камтар аз 10 фоиз дар охири давра);
4. Ҳиссаи андозҳо ва боҷҳо дар ММД (на бештар аз 14%).

Дар адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии кишварҳои хориҷӣ, инчунин дигар қиматҳои ҳадди ақал мавҷуданд, ки дар асоси арзёбии амнияти молиявии кишвар ба роҳ монда мешавад. Махсусан дар давлатҳои минтақаи евро қиматҳои ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои муаррификунандаи сатҳи амнияти молиявӣ чунин муайян карда шудаанд:

1. Ҳаҷми қарзи дохилӣ нисбат ба ММД (дар ҳудуди 25%);
2. Ҳаҷми қарзи беруна нисбат ба ММД (дар ҳудуди 30%);
3. Касри буҷет нисбат ба ММД (на бештар аз 5%);
4. Массаи пули миллӣ (М2) нисбат ба ММД (ҳадди ақал 50%).

Дар таъмини амнияти молиявии давлат ба самтҳои афзалиятноки паст кардани сатҳи таваррум, шохиси нархҳои истеъмолӣ ва баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ин самтҳои афзалиятнок бояд дар сатҳи механизми давлатӣ

муқаррар карда шаванд, ки фаъолияти низоми самараноки молиявии давлатро дар сатҳи қонунгузорӣ таъмин намояд.

Дар таъмини амнияти молиявии мамлакат нақши ҳалкунандаро сифати механизми давлатии таъмини амнияти молиявӣ мебозад. Механизми давлатии таъмини амнияти молиявии давлат – ин маҷмӯи мақомотҳои иҷроияи давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ мебошанд, ки барои фаъолияти муътадил ва мутаносиби рушди низоми молиявии давлат, инчунин пешгӯӣ, ошкорнамоӣ, пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои он шароит фароҳам меоваранд.

Сенчагов В.К. нишондиҳандаҳои амнияти молиявиро аз рӯи 6 меъёр гурӯҳбандӣ мекунад, ки дар ҷадвали 1.3. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.3. - Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ аз тарафи Сенчагов В.К.**

| **Гурӯҳҳо** | **Нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| Макромолиявӣ | – дараҷаи монетизатсияи иқтисодиёт;<br>– сатҳи бо захираҳои тиллою асъор таъмин будани базаи пулӣ;<br>– кифоягии захираи тиллою асъор;<br>– сатҳи ғайриқонунии берун рафтани сармоя;<br>– тағйирёбии меъёри фоизи воқеӣ;<br>– даромаднокии иқтисодиёт ва соҳаҳои асосии он;<br>– таносуби даромаднокии иқтисодиёт ва меъёри фоизҳо. |
| Нархҳо | – сатҳи таваррум;<br>– динамикаи нархҳо барои гурӯҳҳои гуногуни молҳо. |
| Ҳолати бозорҳои молиявӣ | – тағйироти ҷиддии шохиси арзиши қоғазҳои қимматнок;<br>– ҳаҷми бозори воситаҳои молиявии ҳосилавӣ нисбат ба ҳаҷми бозори воситаҳои молиявии аввалия;<br>– ҳиссаи сармоягузории портфели хориҷӣ ба коғазҳои қимматнок нисбат ба сармоягузории хориҷӣ дар маҷмӯъ;<br>– суръати афзоиши сармояи бозори саҳҳомӣ нисбат ба суръати афзоиши ММД;<br>– таносуби нархи бозории саҳмия ба фоидаи як саҳмия:<br>– даромади коғазҳои қимматноки давлатӣ;<br>– таносуби суръати афзоиши қурби доллар бо асъори миллӣ. |

*Идомаи ҷадвали 1.3.*

| Гурӯҳҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ | – таносуби дороиҳои умумии низоми бонкӣ ба ММД;<br>– мӯҳлатҳои миёнаи ҷалб ва ҷойгиркунии маблағҳо;<br>– сохтори мӯҳлати қарзҳо ва пасандозҳо;<br>– мавқеи маҷмӯии бонкии хориҷӣ нисбат ба сармояи умумии низоми бонкӣ;<br>– динамикаи ҳиссаи дороиҳои бахши бонкӣ дар ММД нисбат ба сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт;<br>– сохтори захираҳои бахши бонкӣ;<br>– ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар дороиҳо;<br>– даромаднокии сармоя;<br>– баргардонидани дороиҳо;<br>– ҳиссаи қарзҳои "бад" дар портфели қарзӣ;<br>– сатҳи тамаркузи низоми бонкӣ;<br>– вобастагии бонкҳо аз қарздиҳии байнибонкӣ;<br>– вазъи бахши корпоративӣ. |
| Пасандозҳо ва Сармоягузорӣ | – таносуби маблағгузориҳо ва пасандозҳо дар иқтисодиёт;<br>– сохтори пасандозҳо дар иқтисодиёт;<br>– сохтори пасандозҳо бо асъори миллӣ ва хориҷӣ;<br>– сохторӣ маблағгузориҳо ва андозаи маблағгузории асосӣ. |
| Бозори асъор ва қурби асъори миллӣ | – бадалшавандии пули миллӣ; долларикунонии иқтисодиёт. |

**Сарчашма:** Илякова И.Е. Институциональные условия инновационного развития экономики: региональный аспект [Текст] / И.Е. Илякова // Регионология. – 2014. -№3. - С. 55-63.

Баъзе коршиносон нишондиҳандаҳои вазъи муносибатҳои молиявиро дар гурӯҳҳои зерин муттаҳид мекунанд:

1. Захираҳо (бузургии онҳо, таносуб нисбат ба ММД, қарзи давлатӣ, М2);

2. Қурби воқеии самараноки асъор;

3. ММД (тағйир ёфтани он дар давоми 5-10 сол ва ба ҳар сари аҳолӣ);

4. Қарз (тағйирёбии қарз нисбат ба ММД, захираҳои пардохтпазири бонк ба дороиҳо);

5. Ҳисоби ҷорӣ (ба ҳисоби фоизи ММД, захираҳои софи миллӣ);

6. Пул (пасандозҳои умумии миллӣ нисбат ба ММД, тағйирёбии М2 ва М3);

7. Савдо (тавозуни савдо, содирот, воридот);

8. Бекурбшавӣ (инфляция);

9. Гардиши сармоя (сармоягузории портфелӣ, воридот ё хуруҷи мустақими сармоягузории хориҷӣ);

10. Ӯҳдадориҳои қарзӣ ва гуруҳҳои дигар[27].

Сохтори механизми мазкур ҷузъҳои зеринро дарбар мегирад:

• қонунгузорӣ – маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи пешгирии таҳдидҳои берунӣ ва дохилии амнияти молиявӣ;

• институтсионалӣ – низоми мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, ки амнияти молиявии давлатро таъмин менамоянд;

• методологӣ - маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои таъмини амнияти молиявӣ.[28]

Ҳамин тариқ, таъмини амнияти молиявии давлат дар айни замон самти муҳимтарини ба эътидол овардани равандҳои иқтисодӣ мебошад. Аммо барои рафъи вазъи бuҳронӣ дар кишвар низоми нави нишондиҳандаҳои амнияти молиявии давлатро ташаккул додан лозим аст. Низоми нави нишондиҳандаҳои таъмини амнияти молиявии давлат бояд на танҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, балки аз рӯи нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ низ хисоб карда шавад. Нишондиҳандаҳое, ки дар асоси нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди ҳудудҳо ҳисоб карда мешаванд, имкон медиҳанд, ки роҳҳои афзалиятноки пешгирии хавфҳои молиявӣ бо назардошти таъсири таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ зуд ва боэътимод муайян карда шаванд.

Яке аз усулҳои муайян кардани амнияти молиявии давлат усули В.К. Сенчагова, Г.Н. Мальцева, И.Г. Малтсева ба ҳисоб меравад, ки 40 нишондиҳанда барои арзёбии амнияти иқтисодӣ ва молиявии кишварро дарбар мегирад[29] .

Гузаронидани мониторинги амнияти молиявиро метавон бо истифода аз равишҳои гуногун анҷом дод. Ҳамин тариқ, барои

---

[27] Сенчагов В.К. Экономическая безопасность России [Текст]: общий курс / В.К. Сенчагов. - М.: Дело, 2005. - 896 с

[28] Дождева Е.Е. Система индикаторов финансовой безопасности государства [Текст] / Е.Е. Дождева, П.В. Жиганова // Экономические науки. – 2022. - №4(209). - С.72-74.

[29] Сенчагов В.К. Структура современного мониторинга экономической безопасности России [Текст] / В.К. Сенчагов, Е.А. Иванов. – М.: Ин-т экономики РАН, 2015. – 46 с.

мониторинги амнияти молиявӣ якчанд равиш вуҷуд дорад: шохисӣ ва интегралӣ.

Равиши шохисӣ истифодаи тағйирёбандаҳоеро дарбар мегирад, ки ҷанбаҳои гуногуни рушди молиявиро тавсиф мекунанд (масалан, сатҳи касри буҷети кишвар/зиёдатии он) ҳамчун шохиси амнияти молиявӣ. Аммо ин усули баҳодиҳии амнияти молиявӣ як қатор камбудиҳои назаррас дорад, ки онҳоро шартан ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- коэффисиентҳои вазнии татбиқшавандаи нишондиҳандаҳои алоҳида аз ҷиҳати математикӣ асоснок карда нашудаанд ва натиҷаи таҳқиқоти экспертӣ ба шумор меравад, ки ҳангоми интихоби мутахассисон ҳолатҳои субъективӣ ба чашм мерасанд.

- эътимоднокии арзёбиҳои экспертии бадастомада, бештар аз тахассуси коршиносон, андешаҳои онҳо дар бораи моҳият ва аҳамияти вазъи низоми молиявии кишвар вобаста аст.

- натиҷаи татбиқи усул, баҳодиҳии миқдории сатҳи таъмини молиявӣ мебошад.[30]

Ба андешаи мо, гирифтани маълумоти дақиқ ва эътимоднок оид ба вазъи амнияти молиявӣ танҳо тавассути истифодаи мунтазами ҳам нишондиҳандаҳои сифатӣ ва ҳам миқдории ифодакунандаи ҳолати нишондиҳандаи амнияти молиявии мамлакат имконпазир аст.

Равиши интегралии амнияти молиявӣ – маҷмӯи шохисҳои меъёриро ифода менамояд, ки коэффитсентҳои вазнии он бо воситаҳои таҳқиқотҳои экспертӣ ба даст оварда мешаванд.[31]

Арзёбии вазъи молиявии мамлакат бояд ба принсипҳои мақсаднокӣ, пайдарпайӣ, маҷмӯи ҳалшаванда ва давомнок асос гирад. Принсипҳои

---

[30] Подкуйко М.С. Особенности проведения мониторинга финансовой безопасности россии в условиях глобализации [Текст] / М.С. Подкуйко // Финансовые исследования. – 2008. - № 2. – С. 4.

[31] Никулина Е.В. Моделирование и прогнозирование бюджетно-налоговой безопасности регионов России [Текст]: монография / Е.В. Никулина, И.В. Чистникова, А.В. Орлова. – Белгород: ООО «Эпицентр», 2015. – 100 с.

асосии ташкили мониторинги амнияти молиявӣ дар ҷадвали 1.4. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.4. - Принсипҳои асосии ташкили мониторинги амнияти молиявӣ**

| Принсипҳо | Шарҳи принсипҳо |
|---|---|
| Мақсаднокӣ | тамоми раванди мониторинг бояд ба ҳалли масъалаҳои мушаххас равона карда шавад; |
| Системавӣ | мониторинг бояд дар як вақт дар сатҳҳои федералӣ, минтақавӣ ва мунисипалии низоми молиявӣ гузаронида шавад; |
| Маҷмӯӣ | мониторинги соҳаҳо ва гуруҳҳои алоҳидаи низоми молиявӣ бояд дар робита бо ҳамдигар амалӣ карда шавад; |
| Пай дар пайӣ | халли пай дар пайӣ тамоми маҷмӯи вазифаҳои мониторинг дар ҳар як самти он зарур аст; |
| Давомнок | давомнокӣ дар мушоҳидаи объект. |

**Сарчашма**: Сохта шудааст бо истифодаи, Никулина Е.В. Моделирование и прогнозирование бюджетно-налоговой безопасности регионов России [Текст]: монография / Е.В. Никулина, И.В. Чистникова, А.В. Орлова. – Белгород: ООО «Эпицентр», 2015. – 100 с.

Ташаккули низоми ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ, ки дорои арзишҳои ҳадди ақкали мувофиқ ҳисобшуда мебошанд, аз нигоҳи имкони барвақт муайян кардани хатари дар пешистода ва афзоиши зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёт ниҳоят муҳим аст. Тавре коршиносон таъкид мекунанд, дараҷаи баландтарини амнияти молиявӣ ба шарте ба даст оварда мешавад, ки тамоми маҷмӯи нишондиҳандаҳо дар доираи меъёрҳои қобили қабули арзишҳои ҳадди ниҳоии онҳо ва арзишҳои ҳадди ниҳоии як нишондиҳанда, бидуни зарар ба дигарон ба даст оварда шаванд.[32]. Дар сурати вайрон кардани арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти молиявӣ, иқтисодиёти миллӣ аз сабаби пайдоиши омилҳое, ки онро суст мекунанд, қобилияти васеъ кардани такрористеҳсолкуниро гум мекунад. [33]

Ҳамин тариқ, бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои миллии кишвар дар соҳаи таъмини амнияти молиявию иқтисодӣ на танҳо аз рӯи

[32] Миркин Я.М. Развивающиеся рынки и Россия в структуре глобальных финансов: финансовое будущее, многолетние тренды [Текст] / Я.М. Миркин. - М.: Магистр, 2015. - 176 с.

[33] Ермакова Э.Р. О необходимости формирования комплексной системы индикаторов финансовой безопасности [Текст] / Э.Р. Ермакова // Интернет-журнал «Науковедение». – 2016. - Том8. - №3. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://naukovedenie.ru/PDF/74EVN316.pdf, открытый. Дата обращения: 11.04.2021.

ҳадафҳо ё усулҳои алоҳидаи муаллифӣ оид ба муайян кардани вазъи бахши молиявӣ, балки дар сатҳи давлатӣ низ таҳияи низоми маҷмӯи нишондиҳандаҳои амнияти молиявии кишвар ва арзишҳои ҳадди ниҳоии онҳо зарур аст, ки сари вақт аз зарурати истифодаи воситаҳои муайяни иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд. Чунин низоми нишондиҳандаҳо ба имконияти сари вақт муътадил гардонидани муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ва дар сурати ба вуҷуд омадани тамоюлҳои манфӣ, барои безарар гардондани оқибатҳои манфии онҳо ёрӣ мерасонад.

### 1.3. Таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷахонишавӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар 15 соли охир пас аз сар задани бухрони молиявии ҷаҳонӣ дар низоми молиявии давлатҳои ҷаҳон ба таҳдидҳои нав рӯбарӯ гардиданд, ки зарурати гузаронидани ислоҳоти куллиро бо мақсади устуворгардонии амнияти молиявӣ тақозо намуд. Бо назардошти оне, ки нақши бахши молия дар таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори мамлакатҳо дар умум назаррас аст, он ба таъмини амнияти молиявӣ дар кулли мамлакатҳои ҷаҳон аҳамияти хоса дода мешавад. Бо дарназардошти ин давлатҳои муттараққии ҷаҳон ва як қатор давлатҳои рӯбатараққӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Омӯзиши таҷрибаи онҳо имкон медиҳад, ки механизмҳои пешрафтаи таъмини амнияти молиявӣ дар хориҷи кишвар омӯхта шуда, роҳҳои татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Вобаста ба ин зарур мешуморем, ки аз як тараф таҷрибаи давалатҳои мутараққии саноатӣ аз қабили ИМА, Британияи Кабир, Ҷопон ва Иттиҳоди Аврупоро, ки низоми пешрафтаи идоракунии молиявиро доро мебошанд ва аз тарафи дигар як қатор давлатҳои рӯбатараққӣ аз қабили баъзе давлатҳои Осиё ва ИДМ, ки модели иқтисодии хосси Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, мавриди таҳиқ қарор диҳем.

Гарчанде бо дарназардошти боварии комил ба иқтидори бузурги муҳофизавии мамлакат ба масъалаҳои амнияти иқтисодӣ кам таваҷҷӯҳ дода шавад, дар самти амнияти молиявӣ, вобаста ба оқибатҳои бӯҳрони солҳои 2008 нигарониҳои муайяне ҷой дорад. Дар Стратегияи амнияти миллии ИМА манфиатҳои миллии ИМА аз рӯи дараҷаи аҳамиятнокиашон ба се категория тасниф карда шудаанд: - манфиатҳои ҳаётан муҳим; манфиатҳои муҳим, манфиатҳои инсонпарварӣ ва дигар манфиатҳо. Манфиатҳои иқтисодӣ ба манфиатҳои гуруҳи якум дохил мешавад ва таъмини он самти муҳимми сиёсати амнияти миллии ИМА ба шумор меравад, ки ноил гардидан ба он Ҳукумати ИМА аз тамоми татбирҳои имконпазир, ҳатто истифодаи якҷонибаи қувва истифода мебарад. Масъалаҳои таъмини некӯаҳволии ҷомеа ва ҳифзи инфрасохтори муҳимми ҷамъиятӣ, рушди энергетика, молия ва коммуникатсияи ҷамъиятӣ қисми ҷудонашавандаи амнияти миллии ИМА ба шумор меравад[34].

Дар Стратегияи амнияти миллии ИМА се самти асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ва молиявӣ муайян карда шудааст: ташаккули муҳити амни байналмилалӣ дар Амрико, ба роҳ мондани вокуниши мувофиқ ба таҳдидҳо ва бухронҳо, омодагии ҳаматарафаи аҳолии ИМА ба тамоюлҳои пешгӯинашаванда ва падидаҳои нав дар хоҷагии ҷаҳонӣ. Амалан дар ҳамаи сатҳҳои амнияти миллӣ тадбирҳо дар самти таъмини амнияти молиявиро дарбар мегиранд.

Дар замони муосир сиёсати таъмини амнияти молиявӣ дар ИМА коркард ва татбиқи маҷмӯи чораҳои дохилӣ ва беруниро ифода менамояд. Чораҳои берунӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ баланд бардоштани рақобатпазирии молиявии ИМА-ро дар бозори ҷаҳонӣ, таъмини пешсафии ИМА дар бахши молия, кафолати ҳаракати озоди сармоя, дастгирии

[34] Dolhopalova M.M. “Some aspects of the process of ensuring the economic security of the state” / M.M. Dolhopalova. Visnyk Zaporizkoho yurydychnoho iniversytetu. - 2010. - №3. - pp. 110-115. [Некоторые аспекты процесса обеспечения экономической безопасности государства]

иқтисодиёти бозорӣ дар тамоми дунё ва ғайраро ифода менамояд. Чорабиниҳои дохилии таъмини амнияти молиявӣ ба паст кардани касри буҷети федералӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани сатҳи пасандозҳои хусусӣ, афзоиши сармоягузорӣ дар иқтисодиёт, ҳаҷми маблағгузорӣ ба кашфиёт ва ихтироот, паст кардани сатҳи андозбандӣ, баланд бардоштани самаранокии таҳсилот дар бахши молия ва рушди инфрасохтори молиявӣ равона карда шудааст[35].

Пас аз буҳрони бонкии солҳои 2007-2008, ИМА барои беҳтар таъмин намудани амнияти молиявӣ дар ин кишвар як қатор чорабиниҳои иловагиро амалӣ намудааст, ки онҳо чуунинанд:

– ҷорӣ намудани маҳдудият оид ба ҳиссаи сармояи қарзии бонкҳо мувофиқи талаботи Базел III;

– муқаррар намудани ӯҳдадорӣ дар самти риояи стандарти пардохтпазирӣ ва таносуби кафолати пардохтпазирӣ;

– мукаммалгардонии низоми назорати фаъолияти муассисаҳои молиявии низомсози ҷаҳонӣ ва миллӣ ва бонкҳои ватании аз лиҳози системавӣ муҳим, муқаррар намудани меъёрҳои баландтари таъмини бехатарии сармоя ва инчунин татбиқи мониторинги мунтазам. Татбиқи механизмҳои ҳавасмандкунанда дар ИМА ба муассисаҳои молиявӣ имконият дод, ки хатари муфлисшавӣ ҳифз карда шуда, фаъолияташон ба ҳолати мӯътадилӣ баргардонида шавад.

–ислоҳоти раванди танзими низоми молия дар самти барориши қоғазҳои қимматнок бо мақсади ҷалби маблағгузории иловагӣ. Тибқи ин ислоҳот аз агентиҳои муқарраркунандаи рейтингии қарзӣ талаб карда шудааст, ки равандҳои баҳодиҳӣ ва арзёбиҳои худро барои омма шаффофтар гардонанд, қоидаҳои назорати дороиҳои молиявиро дар доираи мақомоти салоҳиятноки гуногун таҳия намоянд, маълумоти

[35] Смирнов В.П. Мировой опыт обеспечения экономической безопасности страны [Текст] / В.П. Смирнов, Д. Хайчжэень // Вестник Дальрыбвтуза. – 2015. - №6. - С. 65.

баҳисобгирии муҳосибии маблағҳои ғайритавозуниро, аз қабили сармоягузориҳои махсус тавсеа диҳанд;

– татбиқи принсипҳои самараноки ҷуброни зарар барои пешгирӣ аз хатарҳои баланди сармоягузорӣ;

– муқаррар намудани созишномаи принсипиалии мутақобила оид ба гузаронидани муомилотҳои молиявӣ мутобиқи Принсипҳои баҳисобгирии амрикоӣ ва Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;

– кам кардани норасоии маълумот дар бораи фаъолияти шарикон ва хавфҳои қарзии бонкҳои низомсоз дар ИМА;

– ислоҳот дар сатҳи танзими хариду фурӯши маҳсулоти ҳосилавӣ дар биржаҳои байналмилалӣ.

Қабули тадбирҳои зикргардида ба ИМА имконият дод, ки дар таъмини бештари амнияти молиявӣ натиҷаҳои назаррасро ноил гардад.

Бо дарназардошти муваффақиятҳои ИМА дар ин самт бисёре аз давлатҳои бистгонаи бузург, ҳангоми устуворгардонии амнияти молиявии худ тадбирҳои ҳамшабеҳро роҳандозӣ намуданд.

Сиёсати таъмини амнияти миллӣ дар Британияи Кабир бо сиёсати мудофиавии он сахт алоқаманд буда, ба арзёбии манфиатҳои миллии Британияи Кабир асос мегирад. Зери мафҳуми манфиатҳои миллӣ дар самти иқтисодиёт дар Британияи Кабир манфиатҳои иқтисодии тамоми шаҳрвандон фаҳмида мешавад, ки нисбат ба дигар шаклҳои манфиатҳои ҷамъиятӣ афзалият дорад. Дар Шоҳигарии Муттаҳида, вобаста ба дараҷаи муҳимият ва эҳтимолияти сарзаданашон таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо карда шудаанд. Вобаста ба ин барои бартарафкунии онҳо тадбирҳои дохилӣ ва берунӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳангоми таъмини амнияти молиявӣ Ҳукумати Британияи Кабир бештар ба дастгирии бахши хусусӣ такя мекунад ва дар ин раванд нақши

низоми хуб инкишофёфтаи институтҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ,  ҳамкории самарабахши парламент, ҳукумат ва бизнес низ муҳим аст.[36]

Нишондиҳандаи муҳимми таъмини амнияти суботи молиявӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба шумор меравад. Дар давлатҳое, ки таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ кам аст, бештар сармоягузорон таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Таҳқиқоти таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар рейтинги ҷалби сармояи хориҷӣ  ИМА, Чин, Олмон, Бразилия, Гонконг, Сингапур, Ирландия, Австралия, Фаронса ва Британияи Кабир  пешсаф мебошанд (ҷадвали 1.5). Ин ифодагари суботи молиявӣ дар ин мамлакатҳо ба шумор меравад.

**Ҷадвали 1.5. - Рейтинги давлатҳои ҷаҳон вобаста ба воридоти софи сармоягузории мустақими хориҷӣ, млн. долл. ИМА**

| Мавқеъ | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ИМА | 380823,00 | 214715,00 | 148912,00 | 314744,00 | 448324,00 |
| 2. | Чин | 166083,75 | 235365,05 | 187169,82 | 253095,62 | 333979,03 |
| 3. | Олмон | 62422,46 | 109505,82 | 166868,43 | 142778,53 | 73654,32 |
| 4. | Бразилия | 68885,49 | 78162,72 | 69174,41 | 37786,29 | 46439,07 |
| 5. | Гонконг | 181047,43 | 125716,72 | 97036,26 | 117452,28 | 137191,25 |
| 6. | Сингапур | 99210,31 | 81180,54 | 111479,51 | 74750,51 | 105490,70 |
| 7. | Ирландия | 58300,81 | 67361,73 | -46633,23 | 34782,77 | 81018,66 |
| 8. | Австралия | 48198,61 | 60685,91 | 38959,50 | 15307,36 | 24789,07 |
| 9. | Фаронса | 35868,11 | 77493,10 | 53499,34 | 14725,35 | 88427,62 |
| 10. | Британияи Кабир | 125358,81 | -25055,44 | 19790,76 | 132476,03 | 5922,25 |
| 11. | Россия | 28557,44 | 8784,85 | 31974,77 | 9478,81 | 40449,99 |
| | Тоҷикистон | 185,83 | 220,86 | 212,81 | 106,53 | 84,04 |

**Сарчашма:** World Development Indicators. – [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://databank.worldbank.org/reports.aspx?source=2&series=BX.KLT.DINV.CD.WD&country., кушода. Санаи муроҷиат: 15.06.2022.

Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва иктисодӣ дар Ҷопон ба низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии он хос аст. Дар таҳаввулоти консепсияҳои амнияти миллии Ҷопон ду масъалаи асоси ҷой дорад: таъсири Ҷопон ба

[36] Kovall Y. The state policy in the field of providing financial security as a component of national security: the experience of the european union countries  / Y. Kovall, N. Yurkiv // Public Administration and Law Review Issue 2. – 2020. - С. 10. [Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти молиявӣ ҳамчун ҷузъи амнияти миллӣ: таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо]

равандҳои ҷаҳонишавӣ ва масъалаҳои мустақилияти тадриҷии он дар доираи иттифоқ бо Иёлоти Муттаҳида. Новобаста аз оне, ки Ҷопон дар ҷаҳон ҳамчун як давлати мутараққӣ баромад менамояд, ҷанбаҳои консервативӣ ва воқеӣ дар доктринаи манфиатҳои миллии он камтар боқӣ мондааст.

Дар Ҷопон мубрамгардии масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ ба вобастагии иқтисодии мамлакат ба захираҳои табиӣ, ки то 80%-ро ташкил медиҳанд, алоқаманд аст. Бо дарназардошти иқлими номусоид ва норасогии захираҳои табиӣ Ҷопон қодир нест, ки талаботи дохилии худро бо захираҳои истеҳсолӣ ва сузишворӣ таъмин намояд. Вайроншавии устувории ҳалқаи таъмини нафт дар минтақаҳои истихроҷкунандаи он, ҳосилнокии кам дар давлатҳои содиркунандаи ғалла, осебпазирии нақлиёти баҳрӣ ва шикасти низоми ҷаҳонии савдои озод ба амнияти молиявии Ҷопон таҳдиди зиёд дорад.

Масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар Иттиҳоди Аврупо бо дар назардошти он, нақши пешбарандаи он дар таъмини субот, рушд, шукуфоӣ ва амнияти қитъаи Аврупо ҷолибияти махсусро касб менамояд. Дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо таваҷҷӯҳи хоса ба таъмини амнияти молиявӣ ҳангоми арзёбии амнияти миллӣ ва иқтисодӣ ҷудо карда мешавад.[37]

Таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки дар Олмон қонунгузории алоҳида дар бахши таъмини амнияти молиявӣ қабул карда нашудааст.[38] Тамоми масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ якҷоя бо амнияти иқтисодӣ ва молиявӣ ба салоҳияти Вазорати мудофиаи Олмон вогузор карда шудааст. Роҳҳо ва усулҳои асосии таъмини амнияти молиявӣ дар Олмон ба фароҳам овардани шароит оид ба устувории асъори

[37] Германия. 2016 [монография] / В. Б. Белов, М. В. Грачева, А. К. Иванова и др.; отв. ред. В. Б. Белов]. – М.: Ин-т Европы РАН, 2017. – 130 с.
[38] Голощапова Ж.Э. Зарубежный опыт обеспечения экономической безопасности и возможности его применения в кыргызской республике [Текст] / Ж.Э. Голошапова // Вестник КРСУ. - 2013. - Том 13. - №12. – С. 131-134.

миллӣ, рушди рақобати солим ва тавсеаи фаъолияти зиддиинҳисорӣ асос мегирад.

Дар Олмон таъмини амнияти молиявӣ нигоҳ доштани устувории рушди иқтисодиро низ ифода менамояд. Муқаррароти асосии амнияти молиявии мамлакат як дастури расмии Вазорати мудофиаи Олмон муқаррар карда шудаанд, ки дар он таъмини амнияти молиявиро ҳамчун раванди дастгирии пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, пешгирӣ аз истифодаи ғайримақсадноки иттилооти молиявӣ, расонидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, демократикунии Аврупо ва тамоми ҷаҳон, таъмини савдои озод, дастрасӣ ба ашёи хом ва бозорҳои ҷаҳон баррасӣ карда шудааст. Новобаста аз оне, ки Олмон яке аз истеъмолкунандаи бузурги ашёи хоми воридотӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад, вобастагии он ба ашёи хоми давлатҳои дигар аз тарафи давлат ҳамчун таҳдид ба амнияти молиявӣ баррасӣ карда нашудааст. Қонун «Дар бораи дастгирии устуворӣ ва рушди иқтисодӣ дар Олмон» яке аз воситаҳои асосии таъмини амнияти молиявии мамлакат ба шумор меравад[39].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки гарчанде, ки дар бисёр давлатҳо мутобиқи санадҳои меъёрӣ дар самти амнияти молиявӣ бояд давлатҳо чунин сиёсати иқтисодиеро татбиқ намоянд, ки дар доираи мудели интихобгардидаи иқтисоди бозорӣ ба устувории сатҳи нархҳо, таъмини сатҳи баланди шуғл, таъмини мувозинати дохилӣ ва берунӣ ва нигоҳдории сатҳи баланди рушди иқтисодӣ бо суръати доимии рушди иқтисодӣ мусоидат намояд, аммо дар Олмон чун аксарияти дигар мамлакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо, дар раванди таъмини амнияти молиявӣ диққати асосӣ ба амнияти умумии Аврупо дода мешавад. Дар таъмини амнияти молиявӣ тибқи муқаррароти Вазорати мудофиаи Олмон таваҷҷӯҳи асосӣ ба

[39] Kyrychenko O.A. “Improving the management of financial security of enterprises in the financial crisis” / O.A. Kyrychenko. I.V. Kudria // Investytsii: praktyka ta dosvid. – 2013. - №10. - pp. 22-26. [Такмили идоракунии таъминоти молиявии корхонаҳо дар шароити буҳрони молиявӣ]

муколама ва созишҳои байналмилалӣ дода мешавад. Бинобар ин дар татбиқи сиёсати таъмини амнияти иқтисодӣ Олмон ба муносибатҳои байналмилалӣ ва институтҳои миллӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ ва иқтисодӣ дар ҷадвали 1.6 оварда шудааст. Чӣ тавре, ки аз ҷадвал бармеояд дар бисёр давлатҳои хориҷӣ таъмини амнияти молиявӣ дар консепсияҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар умум таҷассум ёфтааст.

**Ҷадвали 1.6. - Таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ ва иқтисодӣ**

| Давлатҳо | Меъёрҳои асосии ҳуқуқӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ | Унсурҳои асосии таъмини амнияти иқтисодӣ |
|---|---|---|
| ИМА | 1. Қонун дар бораи амнияти миллӣ (1947);<br>2. Стратегияи амнияти миллии ИМА;<br>3. Меморандуми соли 1990. | - рушди рақобат ба ҳамкорӣ дар самти молияю иқтисод;<br>- кам кардани ҳаҷми қарзи хориҷӣ. |
| Ҷопон | 1. Доктринаи Ёсидҳо (1946–1954);<br>2. Доктрина «Таъмини комплексии амнияти миллӣ» (солҳои 1976–1990); | - амнияти сиёсӣ дар доираи «ИМА-Ҷопон- Аврупо»;<br>- амнияти миллӣ ҳамчун воситаи ҳаллӣ масъалаҳои ҳамкории «Ғарб-Шарқ» ва «Шимол-Ҷануб»;<br>- амнияти ҳарбӣ барои ҳифзи ҷазираҳои Ҷопон. |
| Олмон | Директиваҳои Вазорати мудофиа<br>Китоби сафед | - рушди рақобат;<br>- маҳдудкунии монополия;<br>- устувории қурби асъори миллӣ. |
| Фаронса | Қонун дар бораи амнияти миллӣ (1964) | - ба ҳадди ақал расонидани хавфҳои беруна;<br>- нест намудани монеаҳо барои субъектони соҳибкорӣ;<br>- ба ҳадди ақал расонидани вобастагиҳо аз омилҳои беруна. |
| Британияи Кабир | | - дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ;<br>- таъсиси шабакаҳои коммуникатсионии «институтҳо –ҳукумат - бизнес;<br>- пешгӯи ва ҳифзи таҳдидҳои иқтисодӣ». |

**Сарчашма:** Никитенко П. Г. Экономическая безопасность: теория, методология, практика. Минск: Право и экономика, 2009. – 483с. – [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: (https://elib.bsu.by/bitstream/123456789/14142/1/Булавко_Экономическая%20безопасность. pdf)., кушода. Санаи муроҷиат: 5.06.2021.

Дар Фаронса санади асосие, ки муқаррароти алоҳидаи амнияти молиявиро муайян месозад, "Қонун дар бораи амнияти миллӣ" аз соли 1964 ба ҳисоб меравад. Консепсияи амнияти молиявии миллӣ аз тарафи ин

қонун ҳамчун раванди фароҳам овардани шароити мусоиди дохилӣ ва берунӣ барои баланд бардоштани некуаҳволии миллӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори иқтисодӣ муқаррар карда шудааст.

Таҳлили таҷрибаи таъмини амнияти молиявии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, аз қабили Нидерландия, Белгия, Дания, Люксембург, Швейтсария нишон медиҳад, ки ҳадафи асосии стратегии онҳо барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва муосиргардонии иқтисодиёт вобаста ба авҷгирии рақобат дар бозори ҷаҳонӣ равона карда шудааст[40].

Дар Руминия Стратегияи амнияти миллӣ соли 1999 дар ҷаласаи Шӯрои Олии амнияти давлатӣ қабул карда шудааст, ки санади муҳим барои кишвар дар таъмини демократия ва субот дар раванди рушди давлат ва ҳамгироии он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Самтҳои асосии таъмини амнияти молиявӣ дар Руминия аз инҳо иборатанд: татбиқи тадбирҳои самарабахши ба эътидол овардани вазъи макроиқтисодӣ, гузаронидани ислоҳоти сохторӣ дар иқтисодиёт, рушди бахши хусусӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, ҳамоҳангсозии қонунгузориҳои молиявию иқтисодӣ ва гумрукӣ бо қонунгузориҳои Иттиҳоди Аврупо. [41]

Дар Ҷумҳурии Чехия ҳуҷҷати консептуалие, ки дар он масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дарҷ гардидааст Стратегияи амнияти Ҷумҳурии Чехия ба шумор меравад. Дар ҳуҷҷати мазкур манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Чехия, таҳдидҳо ва хатарҳо ба амнияти молиявию миллии ин

---

[40] Mihus I.P.“International experience in shaping state policy in the field of financial security as a component of national security”, Demokratychne vriaduvannia. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.lvivacademy.com/vidavnitstvo_1/visnyk20/index.html., открытый. Дата обращения: 12.08.2022.

[41] Koval Ya. The state of economic security of Ukrainian banking institutions and the effect of economic reforms on formation of anticrisis measures / Ya. Koval. I. Mihus, P. Haman, M. Andriyenko // Financial credit activity: problems of theory and practice. – 2019. - №2(29). - pp. 32-43. [Вазъи амнияти иқтисодии муассисаҳои бонкии Украина ва таъсири ислоҳоти иқтисодӣ ба ташаккули чораҳои зиддибӯҳронӣ]

давлат муқаррар карда шуда, нақшаҳои дарозмуҳлати муҳофизавии давлат ва чораҳо оид ба таъмини амнияти давлат дар самти рушди устувор нишон дода шудааст. Стратегияи амнияти Ҷумҳурии Чехия шаш ҷанбаи муҳимми амнияти милии ин давлатро муқаррар менамояд: амнияти шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ-ҳарбӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва пешгирии ҷинояткории муташаккил.

Мақсадҳои таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Лаҳистон мувофиқи Стратегияи амнияти миллӣ муқаррар карда шудаанд, ки чунинанд: кафолати истиқлолият ва соҳибихтиёрии Лаҳистон, таъмини якпорчагии давлат, таъмини рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, фароҳам овардани шароит дар самти рушди устувор ва ғ. Дар байни таҳдидҳои асосӣ ба амнияти миллӣ - таъсири ноустувории иқтисодиӣ дар давлатҳои ҳамсоя ба иқтисодиёти миллӣ, таъсири раванди идоранашавандаи муҳоҷират ба устувории ҳолати иқтисодиву иҷтимоии Лаҳистон ва вобастагӣ ба манбаъҳои берунии сӯзишворӣ ҷудо карда шудаанд.

Дар байни давлатҳои Иттиҳоди Аврупо Ҷумҳурии Маҷористон таҷрибаи махсусро дар самти таъмини амнияти молиявӣ доро мебошад. Махсусан, ҳангоме, ки таҳдидҳо ба ҳолати амнияти молиявӣ дар солҳои 1994 - 1995 дар Маҷористон вобаста ба ҷой доштани касри дутарафа дар сатҳи баланд қарор доштанд, қабули чораҳо дар самти таъмини амнияти молиявӣ то андозае натиҷаҳои назаррас доданд. Дар ин солҳо касри амалиётҳои ҷорӣ - 9,4%-и ММД ва касри буҷети давлатӣ 9,6% -и ММД-ро ташкил медод. Илова бар ин, таваррум 28,3%-ро ташкил дода, афзоиши босуръати агрегати пулии М2 нисбат ба пойгоҳи пулӣ ба чашм мерасид. Пастравии якбораи пойгоҳи пулӣ бо пастравии меъёри захираҳои ҳатмӣ аз 11 то 7% -ро ташкил медод. Барои ислоҳ намудани вазъияти мазкур дар Маҷористон қабули як қатор чорабиниҳо аз қабили беқурбгардонии яккаратаи асъор дар ҳаҷми 9%, муқаррарсозии қурби расмии мубодилавӣ

дар шакли долони моил, гузаронидани интервенсияи асъор дар ҳаҷми 2,5 млрд. долл. ИМА ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа сатҳи таваррум 10,3% поён рафта, таҳдиди беқурбшавии асъори миллӣ паст карда шуд ва дар ниҳоят таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ ба ҳадди аққал расонида шуданд. Принсипи асосии сиёсати таъмини амнияти давлат дар Маҷористон аз он бармеояд, ки танҳо чораҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ амнияти молиявиро кафолат дода наметавонанд ва нақши омилҳои иқтисодӣ дар ин раванд назаррасанд. Унсури асосии консепсияи маҷории таъмини амнияти молиявӣ аз он бармеояд, ки ягон давлат наметавонад амнияти молиявии худро аз ҳисоби давлати дигар таъмин намояд.

Сиёсати амнияти миллӣ дар Маҷористон ба се унсури асосӣ аз қабили устувории васъи сиёсӣ, баланд бардоштани иқтисоди мудофиавӣ ва ҳамгирої дар доираи Аврупои Ғарбӣ сарчашма мегирад.

Таҷрибаи Австралия дар самти таъмини амнияти молиявӣ нишон медиҳад, ки шурӯъ аз бухрони молиявии соли 2008 Австралия ислоҳоти назаррасро дар бахши молия бо мақсади таъмини амният ва субот ба роҳ мондааст. Дар баробари қабули чорабиниҳои зиёд дар самти тиҳкими амнияти молиявӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими низоми миллии молиявӣ, Австралия чаҳор агентии махсусгардонидашударо таъсис додааст, ки онҳо чунинанд:

1. Бонки захиравии Австралия, ки сиёсати пулию қарзиро амалӣ мекунад, низоми пардохтро назорат мекунад ва ҳамчун қарздиҳандаи ниҳоӣ баромад мекунад. Бонки мазкур барои суботи умумии молиявӣ дар тамоми Австралия масъул аст;

2. Департаменти хазинадории Австралия;

3. Мақомоти танзимкунандаи пруденсиалии Австралия. Мақомоти мазкур сектори бонкӣ, иттиҳодияҳои қарзӣ, ширкатҳои суғуртаро танзим ва назорат мекунад;

4. Комиссияи коғазҳои қимматнок ва сармоягузории Австралия.

Илова бар ин, дар Австралия ба хотири таъмини амнияти бештари молиявӣ диққати беандоза ба ҳамоҳангсозии механизмҳои таъмини иттилоотии ин раванд зоҳир карда мешавад. Ҳамоҳангсозии зич байни мақомоти назоратӣ дар самти мубодилаи иттилоот тавассути Шӯрои танзимгарони молиявӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин моҳи октябри соли 2008 дар Австралия дар самти таъмини амнияти пасандозҳои аҳолӣ низоми даъвоҳои молиявӣ таъсис дода шуд, ки ҳоло дар доираи Қонуни бонкӣ танзим карда мешавад ва аз ҷониби Мақомоти танзимкунандаи пруденсиалии Австралия идора карда мешавад. Ҳадафи таъсиси низоми мазкур ҳифзи молиявии истеъмолкунандагон дар ҳолатҳои номусоид ва муфлисшавӣ ба шумор меравад. Ин низом ба амонатгузорон имконият медиҳад, ки пасандозҳои ба хавф мубталошудаи худро ҷуброн карда тавонанд.

Дар Булғористон низоми мониторинги амнияти молиявӣ таъсис дода шудааст, ки аз 4 сохтори молиявӣ иборат аст: Бонки миллии Булғористон, ки ҳамчун бонки марказӣ баромад намуда танзим ва назароти низоми бонкиро ба роҳ мемонад; Кумитаи назорати молиявӣ, ки назорати бахши сармоягузорӣ ва инчунин муассисаҳои молиявии ғайрибонкиро ба роҳ мемонад; Фонди суғуртаи пасандозҳо, ки дараҷаи пардохтпазирии бонкҳоро назорат мекунад; ва Вазорати молия, ки дар татбиқи сиёсат дар бахши молия масъул аст.

Булғористон инчунин тавассути татбиқи Дастурамали барқарорсозии бонкҳои Иттиҳоди Аврупо низоми дахолати барвақти ҳукуматро ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ коркард намуд. Мувофиқи ин низом мақомоти алоҳидаи Ҳукумати Булғористон ҳуқуқ доранд, ки ҳангоми ҷовобгӯ набудани фаъолияти бонкҳо ба талаботи Дастурамали зикргардида ё риоя нашудани он аз тарафи бонкҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ё ташкилотҳои қарзӣ барои тағйир додани стратегияҳои фаъолияташон ва татбиқи нақшаҳои барқарорсозии тарҳрезишуда, дахолат намоянд. Дар

ҳолате, ки дахолати мақомоти давлатӣ барои пешгирии ҳолатҳои бухронии ба амнияти молиявӣ таҳдидкунанда кофӣ набошанд ва ислоҳи қонуншиканиҳоро таъмин карда натавонанд, мақоми миллии назораткунандаи фаъолияти низоми молиявӣ метавонад, баъзе аъзои мақомоти танзимкунандаро барканор ё иваз кунад. Роҳбарияти болоии Бонки марказӣ низ дар ин раванд метавонад роҳбарони муваққатиро барои бонкҳои зери таҳдид қарордошта, таъин намояд.

Дар Индонезия барои таъмини фаъолияти самаранок ва бехатари низоми молиявӣ Агентии хизматрасонии молиявӣ таъсис дода шудааст, ки фаъолияти тамоми сохторҳои молиявии давлатро назорат менамояд.

Дар баробари ин Бонки Индонезия механизмҳои таҳлилиро барои арзёбии мунтазами таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат таҳия кардааст ва сиёсати макропруденсиалиро татбиқ менамояд. Дар ин мамлакат соли 2016 мутобиқи Қонун дар бораи пешгирӣ ва мубориза бо бухрони молиявӣ шабакаи амнияти молиявӣ ва сохторҳои идоракунии он таҷдид карда шуда, масъулиятҳои сохторҳои марбута оид ба ҳолати идоракунии бухронҳо мушаххас карда шуданд.

Дар ҳайати аъзоёни Кумитаи миллии суботи молиявӣ вазири молия, роҳбарони Бонки Индонезия ва Корпоратсияи суғуртаи пасандозҳо (бо узвият, вале бидуни ҳуқуқи овоздиҳӣ) ҳамчун шахсони ҳамоҳангсоз дохил мешаванд. Ин Комиссия барои мӯътадилсозии низоми миллии молия, инчунин барои муайян ва ҳалли нокомиҳо дар бонкҳои низомсози ватанӣ масъул аст, то аз бухронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ канорагирӣ кунад. Комиссия инчунин оид ба вазъи бухронии низоми молиявӣ дар ҳолати зарурӣ ба сарвари давлат тавсияҳои асоснокшуда, барои қабули чораҳои зарурӣ пешниҳод менамояд.

Дар Ҷумҳурии Ветнам таъмини амнияти молиявӣ дар вазъияти муосир кафолат дода нашудааст. Зеро дар бозори коғазҳои қимматноки ин давлат бисёр фаъолиятҳо ба принсипҳои бозорӣ мувофиқат намекунанд ва

сарчашмаи асосии хавфҳо ҳангоми гузаронидани амалиётҳо ин бахши молия ба шумор меравад. Дар бозори суғурта вобаста ба шиддатнокии рақобат аз тарафи иштирокчиёни бозор ва бозори пул вобаста ба ҷой доштани қарзҳои батаъхирафтода то ҳол хатарҳои зиёди эҳтимолӣ ҷой доранд. Коэффисиенти таносубияти қарзҳои ба таъхирафтода NPL дар Ветнам хеле баланд буда, назорати бозори молия ва пул самаранок нест.

Дар Ҷумҳурии Ветнам Стратегияи таъмини молиявӣ то соли 2020 ва баъд аз он амал менамояд, ки дар он як қатор ҳадафҳо пешбинӣ карда шуда буд (ҷадвали 1.7.).

**Ҷадвали 1.7. - Меъёрҳои таъмини амнияти молиявии Ветнам, барои солҳои 2011, 2020 ва баъд аз он.**

| Меъёрҳо | 2011-2015 | 2016-2020 | Баъд аз 2020 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳо аз боҷҳо ва хироҷ | 22-23% - ММД | 21-22%-ММД | |
| Таносуби даромади дохилӣ (ба ғайр аз истеҳсоли нафт) дар даромади умумии буҷет | >70% (2015) | >80% (2020) | |
| Сатҳи касри буҷет | <4,5% - ММД (2015) | 4% - ММД | 3% - ММД |
| Маҷмӯи қарзӣ нисбат ба ММД (қарзи давлатӣ ва кооперативӣ | <65% (2015) | <65% (2020) | <60% (2030) |
| Қарзи давлатӣ | <55% (2015) | <55% (2020) | <50% (2030) |
| Қарзи берунии давлатӣ | <55% (2015) | <50% (2020) | <45% (2030) |

**Сарчашма:** Hương L.T. Thinh B. Hung T.V. Financial security in the selected countries and the lessons for Vietnam // The EUrASEANs: journal on global socio-economic dynamics. - Bangkok, 2020. - №5 (24). - P.12. [Амнияти молиявӣ дар кишварҳои интихобшуда ва дарсҳо барои Ветнам]

Дар баробари ин, бисёре аз нишондиҳандаҳои дар стратегия овардашуда, то соли 2020 иҷро нагардиданд, ки ба таъмини амнияти молиявии мамлакат таъсири назаррас расонида натавонистанд. Махсусан дар Ветнам дар соли 2020 даромади буҷет аз ҳисоби боҷу хироҷ ба 21% расид, ҳаҷми даромад аз сарчашмаҳои дохилӣ 68% ва касри буҷет 5%-и

ММД-ро ташкил дод, ки ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда, мувофиқат накард.

Ҳамин тариқ, сабабҳои таъминоти пасти амнияти молиявиро дар Ҷумҳурии Ветнам ба таври зер ҷудо намудан мумкин аст:

Дар Ветнам мисли як қатор давлатҳои минтақаи Осиё дар фаъолияти бозори пулию қарзӣ то ҳол номуайянии зиёде мавҷуд аст, гарчанде назорати ҷории вазъи амнияти молиявӣ асосан аз тарафи бонкҳои марказӣ ба роҳ монда шуда бошад, низоми назорати мавҷуда ҳамаи паҳлӯҳои амнияти молиявиро дарбар намегирад ва воситаҳои муассири мониторинги хавфҳои молиявӣ вуҷуд надорад. Бозори сармоя то ҳол ба талаботи рушди иқтисод ҷавобгӯ нест, аз ин рӯ, низоми бонкӣ ҳамчунон канали асосии маблағгузории сармоягузорӣ ва умуман рушд мебошад. Аз ин рӯ, хавфҳои асосии системаи молиявӣ хавфҳои низоми бонкӣ мебошанд. Ғайр аз он, дар тӯли солҳои зиёд модели рушди Ветнам аз сармоягузориҳо ва қарзҳо хеле вобаста буд, аз ин рӯ, қарзҳои батаъхирафтода дар иқтисодиёт имрӯз асосан нокомии системаи бонкӣ мебошанд.

Дар ташкилотҳои қарзӣ низоми самараноки мониторинги мунтазам, системаҳои огоҳкунандаи хавфҳои эҳтимолӣ ҷой надоранд, ки самаранокии баҳодиҳӣ ва огоҳкунии хавфҳои бонкиро паст мегардонад.

Барои таъмини амнияти молиявӣ дар Федератсияи Россия нақши Бонки марказии Россия дар назорат ва танзими фаъолияти хоҷагидории бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ назаррас аст. Бонки мазкур раванди мунтазами таъмини амнияти молиявиро назорат намуда, тадбирҳои фавриро роҳандозӣ менамояд. Оид ба тадбирҳои вобаста ба суғуртаи пасандозҳо, Агентии суғуртаи пасандозҳо фаъолият менамояд, ки он нисбати пешниҳодоти Бонки марказӣ роҷеъ ба пасандозҳо ҳуқуқи гузоштани веторо дорад. Ин ба он имкон медиҳад, ки бе ризогии ӯ татбирҳои яктарафа аз тарафи Бонки марказӣ қабул карда нашавад. Бо мақсади андешидани чораҳо дар самти таъмини амнияти молиявӣ ва ҳалли

масъалаҳои ҷойдошта Бонки марказӣ ва Агентии суғуртаи пасандозҳо тамоми ваколатҳоро дар самти назорати пурраи низоми молиявӣ доро мебошанд.

Дар баробари Бонки марказӣ, Агентии суғуртаи пасандозҳо, Вазорати молия, Кумитаи суботи молиявии Федератсияи Россия ҳамчун мақомоти муҳимми таъмини амнияти молиявӣ дар мамлакат баромад менамоянд.

Кумитаи суботи молиявӣ дар Федератсияи Россия соли 2014 таъсис дода шудааст ва тавсияҳои заруриро дар самти таъмини амнияти молиявӣ ба мақомоти болоӣ пешниҳод менамояд ва барои ҳамоҳангсозии тадбирҳо дар самти таъмини амнияти молиявӣ ва идоракунии зиддибӯҳронӣ масъул аст.

Новобаста аз оне, ки дар Федератсияи Россия соли 2017 Стратегияи амнияти иқтисодӣ қабул карда шудааст, ҷанбаҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат дар ин стратегия пурра фаро гирифта нашудаанд ва нишондиҳандаҳои ками муаррификунандаи фаъолияти молиявии мамлакат нишон дода шудааст, маҳакҳои меъёрӣ барои баҳогузории минбаъдаи ин бахш, ошкорсозии минтақаҳои проблемавӣ ва амаликунии тавсияҳо муқаррар карда нашудаанд[42]. Аз ин нуқтаи назар дар Федератсияи Россия бисёре аз мутахассисони бахши молия зарур мешуморанд, ки Стратегияи нави амнияти молиявӣ қабул карда шуда, дар он маҷмӯи нишондиҳандаҳо оид ба ҳар як унсури таркибии амнияти молиявӣ нишон дода шавад, меъёрҳои ҳадду ҳудудии онҳо муқаррар карда шаванд.

Қабули чунин стратегия имкон медиҳад, ки вазъи ҳар як воҳиди таркибии амнияти молиявӣ арзёбӣ карда шуда, таҳлили маҷмуавии падидаҳои амнияти молиявӣ баҳогузорӣ карда шавад.

---

[42] Канашина А.И. Основные аспекты разработки стратегии финансовой безопасности России [Текст] / А.И. Канашина // Электронный научный журнал «ГосРег». - 2019. - № 1. – С. 33-45.

Дар Ҷумҳурии Белорус зери таъсири номуайяниҳои иқтисодӣ ва геосиёсӣ, сустгардии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, афзоиши калавишҳо дар бозорҳо, афзоиши қарзҳои беруна, касри амалиётҳои ҷорӣ ва маҷмӯи омилҳои дигар мушкилоти таъмини амнияти молиявиро пеш овардааст.

Айни замон низоми молияи Ҷумҳурии Белорус дар ҳолати субот қарор дорад, аммо сиёсати санксионии давлатҳои Ғарб ва осебпазирии фаъолияти низоми байналмилалии ҳисоббаробаркунӣ, ҳангоми интихоби нодурусти ҷанбаҳо ва самтҳои сиёсат эҳтимол ба амнияти миллии Белорус таҳдид намояд. Бонки миллӣ дар таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Белорус нақши асосиро мебозад.[43]

Масъалаҳои ҳифзи амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Белорус дар банди 7-уми Консепсияи амнияти милли Ҷумҳурии Белорус дарҷ гардидааст.[44] Амнияти молиявии Ҷумҳурии Белорусро ҳамчун ҳолати низоми молиявии давлат фаҳмида мешавад, ки дар доираи он ҳадафҳои миллии Ҷумҳурии Белорус аз таҳдидҳои дохила ва берунӣ ҳифз карда мешаванд. Кафолатнокии ҳифзи амнияти миллӣ ба воситаи мониторинги муносибатҳои молиявӣ, пешгӯии саривақтии таҳдидҳои дохила ва берунӣ ва самаранокии қонунгузории бахши молияро таҷассум менамояд. Шиносоӣ бо фасли 5-уми Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Белорус нишон медиҳад, ки тағйироти куллие, ки дар сатҳи байналмиллалӣ мегузарад дар Белорус барои аз нав дида баромадани масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ замина мегузорад.[45]

---

[43] Годес Н.В. Национальная финансовая безопасность: теория и практика в условиях текущих вызовов и угроз [Текст] / Н.В. Годес // Банковский Вестник. – Чэрвень, 2022. – С. 31.

[44] Концепция национальной безопасности Республики Беларусь [Электронный ресурс]: Концепция, утв. Указом Президента Республики Беларусь, 9 нояб. 2010 г., № 575 // Электроннчй ресурс: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=p31000575. Дата обрашение: 19.03.2022.

[45] Григорьева Е.Н. Финансовая безопасность в структуре экономической безопасности Республики Беларусь: теоретико-правовой аспект [Текст] / Е.Н. Григорьева // Экономические и юридические науки. Теория и история государства и права. - № 13.- с.145-150.

Илова ба ин, дар доираи банди 8.4-и Стратегияи миллии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Беларус то соли 2030 дар заминаи таъмини амнияти иқтисодии давлат самтҳои асосии рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ пешбинӣ карда шудааст.

Таъмини заминаи устувори муносибатҳои молиявӣ дар Белорус асоси сиёсати буҷетӣ, молиявӣ ва андозӣ муайян карда шудааст. Дар сиёсати андозии ин мамлакат, таваҷҷӯҳи махсус ба баланд бардоштани самаранокии низоми андоз бо мақсади таъмини суръати муайяни рушди иқтисодӣ, татбиқи кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инвеститсионӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда шудааст.[46]

Таҳдидҳои амнияти молиявӣ дар як қатор давлатҳои иттиҳоди иқтисодии Авру Осиё ба мисли Россия ва Белоруссия ба долларишавии иқтисодиёт алоқаманд аст. Новобаста аз байналмилалишавии асъорҳои баъзе даватҳои рӯбатараққӣ дар ҳисоббаробаркунии байналмилалии ба доллари ИМА ва Аврупо аз 60% то 80%-и  савдои хориҷӣ рост меояд, бисёре аз пардохтҳо ба воситаи бонкҳои миёнарави ИМА амалӣ карда мешавад, ки ин ба амнияти молиявии онҳо таъсири назаррас мерасонад.

Аз ин лиҳоз, давлатҳои узви ИИАО саъй доранд, ки механизми мукаммал намудани амалиётҳои ҳисоббаробаркуниро дар доираи ин иттиҳод ба роҳ монда, ба ИИА имкон диҳанд мақоми субъекти низоми ҷаҳонии молиявиро ба даст орад. Дар ин самт татбирҳои косептуалӣ аллакай андешида шудааст ва мувофиқи фармони Шӯрои Комиссияи иқтисодии Авру Осиё аз 17 марти соли 2022 №12 «Дар бораи татбиқи чораҳо оид ба баланд бардоштани устувории иқтисодиёти давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авру Осиё» дар соҳаи таъмини амнияти молиявӣ тадбири чунин чораҳо пешбинӣ шудааст: – тавсеаи истифодаи асъори

[46] Национальная стратегия устойчивого социально-экономического развития Республики Беларусь на период до 2030 года. М-во экономики Респ. Беларусь; Науч.-исслед. экон. ин-т. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.srrb.niks.by/info/program.pdf., открытый. Дата доступа: 09.01.2018.

миллии давлатҳои узв ҳангоми амалисозии ҳисоббаробаркунӣ дар доираи савдои мутақобила, таҳияи механизми ҳисоббаробаркунӣ бо асъори миллӣ ва тартиби гузаронидани маблағҳои боҷҳои воридотӣ, гумрукӣ, махсус, зиддидемпингӣ, ҷубронӣ ба даромади давлатҳои аъзо, аз ҷумла бо истифодаи имконпазири низоми ҳисоббаробаркунии клирингии Бонки байнидавлатӣ, таъмини низоми миллии интиқоли паёмҳои молиявӣ байни давлатҳои узв; таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили фаъолияти институтҳои рушд бо таваҷҷӯҳ ба тезонидани рушди иқтисодии ҳамаи давлатҳои аъзо.

Дар байни давлатҳои ИДМ низоми молияи Ҷумҳурии Қазоқистон нисбатан устувор аст, гарчанд дар он низ баъзе проблемаҳо аз қабили касри дарозмӯҳлати буҷет, калавиши баланди қурби асъор, фаъолнокии пасти сармоягузорӣ, сатҳи баланди қарзи хориҷӣ ба чашм мерасад[47]. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо мақсади таъмини амнияти молиявӣ аз тарафи Ҳукумат самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи молияи давлат муқаррар карда шудааст, ки он дар «Нақшаи стратегии рушди Ҷумҳурии Қазоқистон то соли 2025», таҷассум ёфтааст.

Сиёсати таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба таъмини мувозинатии дарозмуддат ва устувории низоми буҷети кишвар, таъмини субот ва самаранокии низоми бонкии кишвар, таъмини тавозуни мусбии пардохт, устувории низоми пулию қарзӣ ва устуворгардонии бозори молиявӣ равона карда шудааст[48].

Дар қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон» (бо тағйироту иловаҳо аз 28.12.2018 г.) қайд карда шудааст, ки яке аз таҳдидҳои амнияти миллии давлат заифгардии

[47] Баранова Н.А. Проблемы управления в социально-экономических системах: теория, методология, практика : монография / Н.А. Баранова, О.В. Иовлева, А.Н. Литвинов [и др.]. – Чебоксары: ИД «Среда», 2019. – С.162.
[48] Отчет о финансовой стабильности Национального Банка РК. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://nationalbank.kz., открытый. Дата обращения: 20.05.2022.

устувории низоми молияи он, яъне пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ ба шумор меравад.[49]

Стратегияи дарозмӯҳлати рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони муосир ба принсипҳои базавии таъмини амнияти иқтисоди ва унсурҳои таркибии он аз қабили амнияти молиявӣ асос мегирад. Дар ин асно давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба таъмини амнияти молиявӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Дар стратегии рушди Ӯзбекистони нав барои солҳои 2022 - 2026 таваҷҷӯҳи хоса ба як қатор унсурҳои амнияти молиявӣ аз қабили таъмини мустақилияти молиявии мамлакат, таҳкими имкониятҳои молиявии ҳокимиятҳо, зиёдгардонии захираҳои молиявии мамлакат, таҳкими бозори фондӣ ва ғ. дода шудааст[50].

Масъалаҳои дар самти таъмини амнияти молиявӣ ҷойдошта дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон хоси аксари давлатҳои ИДМ мебошанд. Ба ин проблемаҳо пеш аз ҳама дохил мешавад: касри буҷет (-3424 млрд. сӯм ё 0,5%- ММД дар соли 2020), сатҳи баланди таваррум (11,1% дар соли 2020), Қарзи умумии давлатӣ, нисбат ба ММД (31%) ва ғ. Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз вазифаҳои асосии таъмини амнияти молиявӣ баҳодиҳии саривақтӣ ва дақиқи вазъият дар самти арзёбии амнияти молиявӣ, ошкори саривақтии омилҳои таҳдидкунанда, муайян кардани шиддат, тавсиф, манбаъҳо ва сабабҳои таъсири омилҳои таҳдидкунанда ба вазъи молиявии мамлакат ва гурӯҳбандии онҳо ба шумор меравад[51].

Ҳамин тариқ, таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ барои тамоми кишварҳои ҷаҳон,

---

[49] Закон РК «О национальной безопасности Республики Казахстан» (с изменениями и дополнениями по состоянию на 28.12.2018 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document., открытый. Дата обращения: 20.05.2022.

[50] Стратегия развития нового Узбекистана на 2022 — 2026 годы / Указ Президента Республики Узбекистан от 28 января 2022 года № УП-60 - [Электронный ресурс]. – Режим доступа:https://www.norma.uz/novoe_v_zakonodatelstve/utverjdena_strategiya_razvitiya_novogo_uzbekistana_na_2022-2026_gody., открытый. Дата обращения: 20.05.2022.

[51] Исмаилова Н. К. Показатели государственной финансовой безопасности в Узбекистане // Инновации в экономике. Тошкент-2021 Том 4, №3. С.11.

бахусус дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва озодкунии савдои хориҷӣ ба як масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Бо дарназардошти шарҳи мафҳуми «таъмини амнияти молиявӣ» дар доираи давлатҳои мавриди таҳқиқ қарор додашуда ва шарҳи оне, ки дар низомҳои қонунгузории ин мамлакатҳо зикр гардидааст, метавон хулоса намуд, ки амнияти молиявии давлат ҷузъи асосии амнияти миллӣ буда, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар бахши иқтисод ва молияро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ифода менамояд.

Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ҳангоми коркарди стратегияҳои таъмини амнияти молиявӣ чорабиниҳои зиёдеро амалӣ намуданд, ки муҳимтаринашон чунинанд:

– низоми устувори фаъолияти муассисаҳои молиявии худро тариқи рушди ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми идораҳои марбута барои мубодилаи озоди иттилоот таъмин менамоянд;

– дахолати барвақти давлатро ба танзими фаъолияти бонкҳои мушкилии молиявидошта бо мақсади пешгирии шикасти низоми молиявӣ иҷозат медиҳад;

– ба мақомоти марбутаи ҳукумат барои ҳалли масъалаҳои марбутаи низоми молия ваколат дода мешавад;

– талаботи сахтро оид ба ҷалби депозитҳо ва истифодаи он ҳамчун паноҳгоҳи ниҳоӣ таъмин менамоянд;

– барномаҳои зиёди давлатиро дар самти таъмини амнияти молиявӣ амалӣ мекунанд.

Тафовут дар сохтори муассисаҳои молиявӣ дар ҳар як мамлакат ва дигар хусусиятҳои фаъолияти хоҷагидории онҳо тафовут дар сиёсати молиявӣ ва идоракунии молияи давалатӣ мегардад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари дар ҳоли гузариш ба шумор меравад, татбиқи таҷрибаи ҷаҳонии пешрафта дар самти таъмини амнияти молиявӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор меравад.

Бо дарназардошти натиҷаи таҳлили гузаронидашуда ва мушкилоти ҷойдошта дар самти таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд.

Солҳои охир ноустувории сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон, инчунин таъсири давраи иқтисодии ҷаҳонӣ дар баробари бухрон дар бозорҳои молӣ ва пулию қарзӣ таъсири хеле қавӣ доранд ва ба ин васила хатарҳои зиёди воқеиву эҳтимолиро барои истеҳсолот ва тиҷорати ватанӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ҳамин ҳол, иқтисоди дохилӣ ҳанӯз ҳам бо мушкилот рӯбарӯ аст, зеро сифати иқтисод ҳанӯз боло нарафтааст, дар ҳоле, ки қарзи давлатӣ босуръат афзоиш ёфтааст.

Таҳти назоратии қатъии Бонки миллӣ тавсеаи чорабиниҳо дар самти мукаммалгардонии фаъолияти тиҷоратии бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади кафолати амнияти молиявӣ зарур мебошад. Ин махсусан ба фаъолияти банкҳои саҳомии нисбатан даромади пастдошта, дахл дорад. Татбиқи механизмҳои пешрафтаи бозорӣ дар самти назорат ва пешгирии хатарҳои системавӣ дар фаъолияти муассисаҳои молиявӣ дар таъмини амнияти молиявӣ метавонад, нақши ҳалкунанда бозад.

Барои мукаммалгардонии низоми мубодилаи иттилоот байни муассисаҳои молиявӣ ва мақомоти танзимкунанда ва ҳамчунин баланд бардоштани масъулияти сохторҳои молиявӣ дар таъмини амнияти молиявии мамлакат дар умум қабули тадбирҳои иловагии саривақтӣ зарур шуморида мешавад. Ин амал ба ҳукумат ва идораҳои марбута имконият фароҳам меоварад, ки саривақт аз ҳолатҳои сар задани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба низоми молияи мамлакат хабардор гардида, тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Кам кардани хатарҳо ба низоми молиявии мамлакат тавассути ба эътидол овардани бозори пулию қарзӣ/бонкӣ ва идоракунии хавфҳои пардохтпазирӣ низ имконпазир аст. Дар баробари ин диверсификатсияи шаклҳои истифодаи сармояи ҷалбкардашуда ба бонкҳо имкон медиҳанд,

ки хавфи зарар дидани онҳоро (дидани зиёнашонро), ки дар натиҷаи махсусгардонии зиёд ба фаъолияти қарзӣ пеш омадааст, кам гардонад.

Ҷалби захираҳои иловагии молиявӣ тариқи аз нав истифодабарии фоидаи тақсимнашуда, даст кашидан аз дороиҳое, ки фоида намеоранд, бароришӣ саҳмияҳо барои ҷалби бештари саҳмдорони дохилӣ ва хориҷӣ, барориши вомбаргҳои конвертатсияшаванда барои баланд бардоштани иқтисоди молиявии муассисаҳои қарзӣ ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ зарур аст.

Ҳамаи ин, агар дар навбати аввал ба таъмини коэффисиенти воқеии кифоятии сармоя аз рӯи стандартҳои Базел 2, таъмини пардохтпазирии бонкҳо ва пешгирии ногаҳонии гирифтани пул аз суратҳисобҳо ё муфлисшавии низоми бонкӣ мусоидат намояд дар ниҳоят дар таъмини амнияти молиявии мамлакат дар умум оварда мерасонад.

Баланд бардоштани рақобатпазирии низоми молиявии мамлакат барои қонеъ кардани талаботи иқтисодиёт ба захираҳои молиявӣ ва рушди устувори он мувофиқи стандартҳо ва равандҳои байналмилалӣ зарур аст.

Барои таъмини амнияти молиявӣ зарурати ноил гардидан ба чунин шабакаҳои амнияти молиявӣ муҳим аст: тавозун байни танзими молия ва устувории макроиқтисодӣ.[52].

Ҳамин тавр таъсири амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар айни замон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити фаъолияти молиявии ноустувори имрӯза, нигоҳ доштани низоми молиявии бехатар, рақобатпазир, устувор бо мақсади пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии бухронӣ тақозо менамояд.

---

[52] Лишунин А.С. Зарубежный опыт управления финансовой безопасностью кредитных организаций / А.С. Лишунин // Интернет-журнал «Науковедение». – 2017. - Том 9. - №4. - [Электронный рессурс]. – Режим доступа: http://naukovedenie.ru/pdf/82evn417.pdf., открытый. Дата обращения: 18.12.2022.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби якум:**

1. Ҷаҳонишавии молиявӣ раванди объективии баҳамназдикшавӣ ва марҳилаи ниҳоии байналмилалишавии низомҳои миллии молиявӣ ба шумор меравад, ки дар натиҷаи вусъатёбии ҳамгироии молиявӣ, озодкунии ҳаракати сармоя, вусъатёбии амалиётҳои байнисарҳадии пулию қарзӣ ба вуҷуд омада, маҷмӯи муносибатҳои хоҷагидориро дар самти бана қшагирӣ, ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молияи ҷаҳонӣ, дар асоси ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ дар тамоми курраи ҷаҳон ифода менамояд.

2. Амнияти молиявии давлат яке аз вазифаҳои асосии таҳияи ҳадафҳои стратегии рушди низоми молиявиест, ки маҷмӯи тадбирҳои умумӣ, усулҳо ва воситаҳои баҳамалоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ ва танзимкуниро ифода намуда, барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи мамлакат аз таъсирҳои таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, хавфҳои воқеӣ ва иқтидорӣ, ки эҳтимоли расонидани зарари колони иқтисодиро дорад равона карда шуда, шароити мусоидро барои таъмини кифоягии захираҳои моддӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ, бехтарсозии дараҷаи мустақилияти иқтисодӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, гузариш ба рушди устувор ва мутавозин дар асоси таъсиси низоми самараноки мониторинг, назорат ва танзими захираҳои молиявӣ фароҳам меоварад.

3. Таъмини амнияти молиявии давлат дар айни замон самти муҳимтарини ба эътидол овардани равандҳои иқтисодӣ мебошад. Амнияти молиявӣ тавассути як қатор нишондиҳандаҳо ифода карда мешавад, ки арзишҳои ҳадди аққали онҳо имкон медиҳанд, сатҳи хатарҳо ва таҳдидҳои ҳозира ва ояндаро муайян намуда, барои коҳиш додани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шавад. Аммо барои рафъи вазъи буҳронӣ дар кишвар низоми нави нишондиҳандаҳои амнияти молиявии давлатро ташаккул додан лозим аст. Чунин низоми нишондиҳандаҳо ба имконияти сари вақт

муътадил гардонидани муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ва дар сурати ба вуҷуд омадани тамоюлҳои манфӣ, барои безарар гардондани оқибатҳои манфии онҳо ёрӣ мерасонад. Дар таъмини амнияти молиявии мамлакат нақши ҳалкунандаро сифати механизми давлатии таъмини амнияти молиявӣ мебозад.

4. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки амнияти молиявии давлат ҷузъи асосии амнияти миллӣ буда, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар бахши иқтисод ва молияро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ифода менамояд. Ҳангоми коркарди стратегияи таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи чунин унсурҳо аз таҷрибаи ҷаҳони тавсия дода мешавад: таъмини низоми устувори фаъолияти муассисаҳои молиявии мамлакат тариқи рушди ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми идораҳои марбута; дахолати барвақти давлат ба танзими фаъолияти бонкҳои мушкилии молиявидошта бо мақсади пешгирии шикасти низоми молиявии мамлакат; ба мақомоти марбутаи ҳукумат барои ҳалли масъалаҳои марбутаи низоми молия ваколат дода шавад; ҷорӣ намудани талаботҳои сахт оид ба ҷалби депозитҳо ва истифодаи онҳо ҳамчун паноҳгоҳи ниҳоӣ; қабули барномаҳои зиёд ва махсусгардонидашуда дар самти таъмини амнияти молиявӣ.

5. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари дар ҳоли гузариш ба шумор меравад, татбиқи таҷрибаи ҷаҳонии пешрафта дар самти таъмини амнияти молиявӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор меравад. Таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити фаъолияти молиявии ноустувори имрӯза, нигоҳ доштани низоми молиявии бехатар, рақобатпазир, устувор бо мақсади пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии буҳронӣ тақозо менамояд.

# БОБИ 2. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ УСТУВОРГАРДОНИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

## 2.1. Асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат дар сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва соноатикунонии босуръати мамлакат ба дастрасии кофӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ алоқаманд аст, ки он дар навбати худ сифати хуби фаъолияти институтҳои танзимкунандаи соҳа ва мавҷудияти заминаҳои рушдкардаи қонунгузориро тақозо менамояд. Ҳамзамон тамоюли минбаъдаи рушди бахши буҷет ва молияи мамлакат ба самаранокии механизми институсионалии танзими он алоқаманд аст.

Аз ин лиҳоз, дар баробари дигар ҷанбаҳои таҳқиқотӣ таъмини амнияти молиявии мамлакат, таҳқиқи асосҳои институтсионалии танзими он ба мо имкон медиҳад, ки мушкилоти ҷойдошта дар самти танзими ҳуқуқии соҳа, ошкор карда шуда, роҳҳои мукаммалгардонии он пешниҳод карда шаванд.

Низоми институтҳои таъмини амнияти молиявӣ чунин низомеро ифода менамояд, ки имкон медиҳад ҳадафҳои гузоштаи давлат дар самти амнияти молиявӣ тариқи ба роҳ мондани фаъолияти ҳамоҳангшудаи идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар асоси қонунгузории ҷойдошташуда, татбиқ карда шавад.[53] Низоми таъмини амнияти молиявӣ унсури муҳимми амнияти иқтисодии мамлакат ба шумор меравад, ки маҷмӯи сохторҳои мувофиқ ва раванди муайяни қабул ва

[53] Кузнецова И. Формирование системы институтов обеспечения национальной безопасности государствае [Текст] / И. Кузнецова // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2008. - №2(23). – с. 79-83.

татбиқи қарорҳоро оид ба нигоҳдории устувории молиявӣ танзим менамояд.

Сохторҳои институтсионалӣ - институтҳои давлатӣ ва шахсони воқеӣ мебошанд, ки қарорҳоро дар самти таъмини амнияти молиявӣ қабул менамоянд. Институтҳои таъмини амнияти молиявӣ институтҳои расмӣ ва ғайрирасмиро дарбар мегирад. Ба институтҳои расмӣ ташкилотҳои давлатӣ, мақомоти қонунгузор, мақомоти судӣ, шаҳрвандон ва шахсони воқеӣ дохил мешаванд.

Институтҳои ғайрирасмии боқимонда институтҳоро аз қабили васоити ахбори умум, оммаи васеъ ва ҳамчунин шахсони воқеиро дарбар мегирад, ки метавонанд дар ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати амнияти молиявӣ ба андозае таъсир расонанд.

Низоми самараноки таъмини амнияти молиявӣ дар расмиёти худ бояд сохтори иерархии мутавозинро дарбар гирад, ки сохторҳои гуногуни танзимкунандаи бахши молияро муттаҳид намуда, устувории молиявии мамлакатро кафолат диҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотии олии таъмини амнияти давлатӣ Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Он мақоми машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амният[54] таъсис ёфта, мақоми роҳбарии коллегиалӣ доир ба масъалаҳои мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи қарорҳо оид ба татбиқи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таъмини амният мебошад.

Асоси сиёсию ҳуқуқии фаъолияти Шӯрои амниятро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти давлатӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

[54] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646

Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияи амнияти миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амният ташкил медиҳанд.

Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми конститутсионии роҳбарии машваратӣ оид ба масъалаҳои мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи қарорҳо дар мавриди амалӣ сохтани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ, истиқлолияти давлатӣ, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб меёбад.

Бо ин мақсад Шӯрои амният масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи таъмини амният, проблемаҳои стратегии амнияти иқтисодии давлатӣ, ҷамъиятӣ, мудофиавӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои амният, ҳифзи саломатии аҳолӣ, пешгӯӣ, пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои онҳо, таъмини устуворӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар баррасӣ менамояд.

Яке аз фишангҳои механизми институтсионалии таъмини амнияти молиявӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба воситаи сохторҳои институтсионалии зикр карда шуда, табиқ карда мешавад. Давлат муҳити муайяни институтсионалиро ташаккул медиҳад, ки алоқаҳои гуногунро байни сохторҳои давлатӣ ва субъектони бозор танзим менамояд.

Самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявиро агар аз як тараф тариқи мукаммалгардонии қонунгузории соҳа, қабули қонунҳои нав ба роҳ мондан мумкин бошад, аз тарафи дигар ба воситаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектони ин низом ба воситаи рушди ҳамкориҳои мақомоти танзимкунандаи соҳа амалӣ намудан мумкин аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои институтсионалии танзими таъмини амнияти молиявӣ дар се сатҳ таъсис дода шудааст: – дар сатҳи

миллӣ, дар сатҳи соҳавӣ ва дар сатҳи корхонаҳо. Меъёрҳои ҳуқуқии дар самти миллӣ қабул гардида дар навбати худ ба ду сатҳ тақсим мешаванд.

1. Меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи амнияти миллӣ дар умум;

2. Меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи амнияти молиявии мамлакат ва ё унсурҳои алоҳидаи он.

Меъёрҳои ҳуқуқии дар сатҳи корхона ва ташкилотҳо маҷмӯи қоидаҳо ва тартиботеро ифода менамояд, ки муносибатҳои дохили фирмавиро дар раванди устуворгардонии вазъи молиявии корҳонаҳо ифода менамояд.

Дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мақомоти давлатӣ, ваколатҳои онҳо ва механизми ҳамкориашон муқаррар карда шудааст. Қонунгузориҳои мамлакат дар самти таъмини амнияти молиявӣ қонунгузориҳоеро дарбар мегирад, ки субъектҳои фаъолияти хоҷагидор ва низоми молиявии мамлакатро дар умум танзим менамоянд, қонунҳое, ки тартиботи ташкил, фаъолият ва салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ ва институтҳои таъминкунандаи амнияти молиявии мамлакатро танзим менамоянд, қонунҳое, ки бевосита масъалаҳои ташкили таъмини амнияти молиявиро танзим менамоянд ва қонунгузориҳое, ки ӯҳдадориҳоро барои вайрон намудан ё иҷро накардани қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ ифода менамояд.

Заминаҳои ҳуқуқии танзими таъминоти амнияти молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 15.03.2016 с., № 1283 ва аз 03.08.2018 с., № 1540) асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлатро муайян карда, низоми таъмини амният, вазифа, мақсад ва самтҳои асосии онро ба танзим дароварда, салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳоро, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон дар соҳаи таъмини амният муқаррар менамояд[55].

[55] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» Қонунҳои ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1283; аз 03.08.2018 с., № 1540) Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» амнияти миллӣ ҳамчун ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ арзёбӣ карда шудааст. Субъектҳои амният тибқи конуни мазкур давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон муқаррар карда шудаанд. Дар қонуни мазкур гарчанде, ки мафҳуми амнияти молиявӣ дар алоҳидагӣ шарҳ дода нашудааст, унсурҳои алоҳидаи он дар доираи мафҳумҳои амнияти иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва амнияти берунӣ шарҳ дода шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» расонидани зарар ба амнияти иқтисодии давлат, аз ҷумла тавассути қочоқ ба дастоварда ва маблағгузории терроризм, инчунин номуътадил гардонидани вазъи молиявии кишвар, ҳумчун таҳдидҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст.

Ҳамчунин дар ин қонун салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини амният, салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон муқаррар карда шудаанд.

Моддаи 18- уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» «таъмини амнияти иқтисодӣ» масъалаҳои алоҳидаи таъминоти амнияти молиявиро аз қабили таъмини ҳамкории самаранок бо сохторҳои молиявии ватанию байналмилалӣ, бартарияти равона намудани захираҳои қарзии дохилию хориҷӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ барои барқарор кардан ва рушди иқтисодиёти ватанӣ, баланд набардоштани сатҳи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва устувор гардонидани қисми

даромади он, роҳ надодан ба истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷет ва захираҳои давлатиро дарбар мегирад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 722 бо тағйиру иловаҳои охирон аз 07.08.2020 № 1721 ворид карда шудааст, дар моддаи 6 вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки дар байни онҳо мавқеи махсусро вазифаҳои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати иҷрои он, таҳлили иқтисодӣ ва пулӣ, танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкил ва таъмини фаъолияти низомҳои пардохтӣ, клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ, танзиму назорати фаъолияти низомҳои мазкур ва хизматрасониҳои пардохтӣ, ба таври монополӣ амалӣ намудани эмиссияи пули накд, ба муомилот баровардан ва аз муомилот гирифтани пул, нигаҳдорӣ ва идораи захираҳои байналмилалӣ ҷойҳои махсусро ишғол менамоянд. Дар баробари ин тибқи қонуни мазкур Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо мақсади мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мутобиқи қонун чораҳои зарурӣ андешад[56] иҷроиши маҷмӯи чунин вазифаҳо аз тарафи Бонки миллӣ таъсири бевосита ба амнияти молиявии мамлакат мерасонад. Дар баробари ин баъзе масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ва ғ. баррасӣ карда шудааст.

[56] Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 3.08.2018 № 1548, аз 07.08.2020 № 1721)

Дар сатҳи фармонҳои Президент, Консепсияи миллии амнияти иттилоотии мамлакат, Стратегияи амнияти иқисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва ғ.-ҳо дохил мешаванд.

Илова бар ин, дар ин сатҳ санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо тартиботи ташкил, фаъолият ва ӯҳдадориҳои мақомоти давлатии таъминкунандаи амнияти молиявӣ муқаррар карда шудаанд, дохил мешаванд. Санадҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллӣ дохил мешаванд.

Санадҳои меъёрии гуногуни аз тарафи моқомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қабулгардида вазифаи дақиқсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти молиявиро ифода менамояд. Дар баробари санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикргардида, сарчашмаи муҳимми таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордодҳо ва созишномаҳои байналмилалие мебошанд, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидааст. Муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм самти муҳимми таъмини амнияти молиявӣ башумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии созишномаҳои зиёд дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастомада ба ҳисоб меравад. Стратегияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои амалисозии барномаҳо оид ба ноил гардидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои амнияти молиявии мамлакат ба шумор меравад.

Санадҳои меъёрию-ҳуқуқии баррасишуда ҳамчун сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар самти таъмини амният дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти мамлакат ва махсусан дар соҳаи молия ба ҳисоб мераванд. Татбиқи унсурҳои ҷойдоштаи қонунгузориҳо дар самти амнияти миллӣ ва иқтисодӣ, имкон медиҳад, ки тасаввуроти объективӣ оид ба

дараҷаи таъсири эҳтимолии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба манфиатҳои миллӣ дар самти иқтисодиёт ва молия, имкониятҳои пешгирикунӣ ва бартарафсозии онҳо бардошта шавад.

Чораҳо дар самти амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ, махсусан истифодаи асъори хориҷӣ қисми муҳимми тадбирҳои пешбинишуда дар самти таъмини амнияти молиявӣ ба шумор меравад. Қонунгузориҳо дар самти пулшуӣ, муқовимат бо коррупсия, сарчашмаи муҳимми амнияти молиявӣ мебошад.

Гарчанде, ки қонунгузорӣ дар бахши таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум дар даврони соҳибистиқлолӣ хеле мукаммал гардидааст, вале дар қисмати таъмини амнияти молиявӣ баъзе мушкилиҳо низ ҷой доранд, ки чунинанд: парокандагии меъёрҳои ҳуқуқии ҷойдошта, ҷой доштани мухолифатҳо дар қонунгузорӣ, мавҷуд набудани қонуни алоҳида дар самти таъмини амнияти моливӣ, мавҷуд набудани механизми татбиқи сиёсати умумидавлатӣ, ҳамоҳангии нокифояи фаъолияти мақомоти таъминкунандаи соҳа ва ғ.

Дар шароити муосир низоми институтсионалии таъминоти амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи назаррас ташаккул наёфтааст.

Дар баробари ин шиносоӣ бо қонунгузории соҳа нишон медиҳад, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии махсус, ки дар онҳо меъёрҳои шарҳдиҳӣ, принсипҳо, таъминоти ҳуқуқии бевосита амнияти молиявии мамлакат оварда шуда бошад, вуҷуд надорад.

Қонунгузориҳои мавҷуда дар самти амнияти миллӣ масъалаҳои амнияти молиявиро пурра дарбар намегиранд, ягонагии мафҳумҳо мушоҳида намешавад. Якмаъногӣ, дақиқии мафҳумҳои амнияти молиявӣ дар сатҳҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки самтҳо ва воситаҳои таъмини амнияти молиявӣ дуруст дақиқ карда шавад, ҳадафҳо ва механизми ноилгардӣ ба он дуруст ба роҳ монда шавад. Аз ин нуқтаи назар зарур мешуморем, ки дар оянда сифати қонунгузориҳо дар самти таъмини

амнияти молиявӣ баланд бардошта шавад. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсиррасонии мустақими конунгузориҳо ба беҳдошти амнияти молиявӣ ва самаранокии механизми таъмини он таъсир расонида, ҳамчун воситаи муҳимми ҳуқуқии таъмини амнияти молиявӣ баромад намояд.

Ташаккулёбии институтҳои муосири таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди дарозмуҳлат ва мураккаб буда аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ пайдо шудаанд.

Барои мукаммал гардонидани фаъолияти институтҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, зарур аст, ки чораҳои зарурӣ дар самти марказонидани равандҳои қабули қарорҳои давлатӣ дар ин самт, ворид намудани масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар ҳаммаи меъёрҳои ҳуқуқии танзимикунандаи амнияти миллӣ ва молиявӣ ба роҳ монда шавад.

Вазифаҳои мубраме, ки дар назди инститтутҳои таъмини амнияти молиявӣ меистад, инҳоянд:

– ташаккули манфиатҳои миллӣ дар асоси тақозои ҷории иқтисодиёти мамлакат ба захираҳои молиявӣ;

– муайян намудан ва пешгӯии таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия;

– таҳияи стратегияи миллии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста боназардошти таҳдидҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ;

– таҳияи нақшаи чорабиниҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои пешбинишуда;

– татбиқи нақшаҳо дар дохили мамлакат ва берун аз он дар самти таъмини амнияти молиявӣ.

Ҳалли масъалаҳои зикргардида, имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти низоми институтсионалии танзими таъминоти амнияти миллӣ баланд бардошта шавад.

Ҳамзамон зарур мешуморем, ки дар қонунгузориҳои амалкунандаи мамлакат мафҳумҳои консептуалии амнияти молиявӣ ба мисли амният, амнияти молиявӣ, таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ, шаклҳои амнияти молиявӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дақиқ муқаррар карда шаванд.

Дар баробари ин зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқии танзими амнияти молиявӣ, дараҷаи бо захираҳои молиявӣ таъмин будани шаҳру ноҳияҳои мамлакатро дарбар гирифта, нақши онҳо дар худтаъминкунии захираҳои молиявӣ баланд бардошта шавад.

Меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ бояд на танҳо сохтори амнияти молиявии мамлакатро муқаррар ва танзим намоянд, балки, механизми ҳифзи онро аз таҳдидҳои ба амалоянда таъмин намуда, унсурҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, воситаҳо, шаклҳо ва хусусиятҳои амалишавии онҳоро дақиқ намоянд. Дар баробари ин тамоми мафҳумҳо ва категорияҳои амнияти молиявӣ дар қонунгузориҳои ҷойдошта ва қабулшаванда дуруст дақиқ карда шавад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми институтҳои таъминкунандаи амнияти молиявии мамлакат дар асоси муттаҳидгардонии иқтидор ва воситаҳои онҳо имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои гузошташуда хубтар ноил гардида, ҳалли масъалаҳои гузошташуда, дар асоси хуб ба роҳ мондани ҳамкорӣ, муттаҳидӣ, коркарди шароитҳои мусоиди шаклҳо, воситаҳо ва усулҳо саривақт ва босамар ба роҳ монда шавад.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолият хоси тамоми мақомоти давлатӣ ба шумор меравад, ки он имконияти идоракунӣ ва назорати соҳаро боз ҳам мусоидтар мегардонад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти институтҳои танзимкунандаи амнияти молиявии мамлакат имконият медиҳад, ки такроршавии вазифаҳо бартараф карда шуда, таносубияти ҳадафнок ва оптималии байни мақомоти давлатӣ, сохторҳои зертобеи онҳо таъмин карда шуда, баҳисобгирӣ ва мубодилаи иттилоот ба роҳ монда шавад, ҳамчунин хароҷоти моддӣ ва вақтӣ кам гардонида шавад.

Муқаррар намудани тамоми ҷузъиёти таъмини амнияти молиявӣ дар меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа шарти муҳими фаъолияти устувори амнияти молиявӣ ба шумор меравад.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷойдошта, зарур аст тамоюлҳои принсипиалии амнияти молиявии мамлакат аз қабили мутавозинии низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайдарҳам кам намудани вобастагии буҷети мамлакат аз пардохтҳои андозӣ, нигоҳдории қарзи берунӣ дар минтақаи субот, сохтани шароит барои баҳадди ақал расонидани хавфҳои қарзи хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии уҳдадориҳои хароҷоти буҷет, таъсиси шароити натиҷанокии хароҷоти давлатӣ ба инобат гирифта шавад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат тавaҷҷӯҳи хоса ба мафҳуми манфиатҳои миллӣ дода шудааст, аммо таъмини амнияти молиявӣ ба ин мафҳум ворид нагардидааст.

Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми баррасии танзими ҳуқуқии амнияти молиявӣ зарур аст, ки диққати махсус ба санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии умумӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ ва амнияти иқтисодӣ зоҳир шавад.

Нақш ва моҳияти институти қонунгузорӣ дар таъмини амнияти молиявии мамлакат, устуворгардонии вазъи молиявӣ ва пешгирии таҳдидҳо бениҳоят назаррас буда, мукаммалгардонии минбаъдаи он бояд дар асоси ҳамкории мунтазами тамоми шохаҳои ҳокимият, муассисаҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ - шаҳрвандӣ ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, ки тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа ба танзим даровarda шавад. Рушди ҳамкории тамоми институтҳои танзимкуннадаи соҳа ҳангоми бунёди меъёрҳои ҳуқуқии он, имкон медиҳад, ки меъёрҳои ҳуқуқии ягона, ҳамоҳангшуда ва дар самти таъмини амнияти молиявӣ қабул карда шавад.

Ҳамин тавр, модели ҳуқуқии механизми таъмини манфиатҳои миллӣ дар соҳаи молия бояд ба принсипи мутавозинии таъмини ҳуқуқии

манфиатҳои субъектони амнияти молия, ҷамъият ва давлат вобаста карда шавад.

Самаранокии таъмини амнияти молиявӣ пеш аз ҳама ба фаъолияти пурраи худи иқтисодиёти мамлакат алоқаманд аст. Низоми самараноки таъмини амнияти молиявӣ бояд сохтори иэрархии мутавозинро дарбар гирад, ки дар он намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президент, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳо ва идораҳои соҳавӣ дохил шаванд.

## 2.2. Арзёбии вазъи муосир ва қимматҳои ҳудудии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти фаъоли хоҷагии ҷаҳони баромад намуда, пас аз аъзошавӣ ба СУС ва озодкунии фаъолияти иқтисодии беруна дар давоми даҳсолаи охир дар шароити татбиқи ислоҳоти куллӣ дар бахши иқтисоди беруна, молия, беҳдошти иҷтимоӣ ва идоракунии давлатӣ қарор дорад. Аммо дар раванди гузаронидани чунин ислоҳотҳои бузург, ки ба мукаммалгардонии низоми иқтисодии бозорӣ ва сохтори давлати демократии ҳуқуқбунёд нигаронида шудааст, баъзе мушкилотҳо пеш меоянд, ки то дараҷаи назаррас ба амнияти иқтисодӣ ва молиявии кишвар таъсир расонида, гоҳо ихтилофотро нисбат ба татбиқи сиёсати макроиқтисодии баэтидоловаранда ба вуҷуд меорад. Яке аз сабабҳои асосие, ки алъон ба талошҳои Ҳукумати кишвар дар бунёди иқтисоди пешрафта ва таъмини рушди устувори он, ҳифзи манфиатҳои иқтисоди берунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ монеъ мешавад, ноустувории низоми молиявии кишвар ба шумор меравад, ки масъалаи мазкурро мубрам арзёбӣ мегардонад. «Дар баробари ин масъалаи таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар шароити вусъатгирии ҳамгироии он ба хоҷагии ҷаҳонӣ ба воситаи иштирок дар созмонҳои байналмилалии савдо ва гурӯҳҳои минтақавии ҳамгироӣ боз ҳам мубрамтар мебошад»[57].

---

[57] Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику [Текст] / Д.Б.

Ҳамин тавр мусаллам аст, ки иқтисодиёти ҳар як давлати ҷаҳон ва таъмини амнияти миллии он ҳамчун кафили истиқлолияти кишвар, субот ва самаранокии фаъолияти ҷомеа, пеш аз ҳама, бо вазъи молияи он ва қобилияти ҳифзи он аз таҳдидҳои беруна тавсиф карда мешавад.

Масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати мамлакат қарор доранд ва кӯшишҳои олимони ватанӣ, пеш аз ҳама барои муайян кардани ҷанбаҳои нави он равона карда шудаанд. Масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодию молиявӣ дар дилхоҳ кишвар мушкилоти дорои аҳамияти умумидавлатист, ки мунтазам таваҷҷӯҳи олимон, иктисодчиён, мутахассисони бахши молия, сиёсатмадорон ва ғайраро ба худ ҷалб мекунад. Таваҷҷӯҳ ба амнияти молиявӣ ба нақши худи молия ва низомҳои молиявии давлат дар таъмини молиявии кишвар муайян карда мешавад.

Рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои байналмилалишавӣ ва ҷаҳонишавии муосир хос аст. Яке аз шартҳои рушди раванди ҷаҳонишавӣ дар замони муосир аз байн бурдани марзҳои байни сатҳҳои низоми ҷаҳонӣ – байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ маҳсуб мешавад. Ба андешаи як қатор олимон рафти рушд ва тараққиёти кишварҳои алоҳида ба сатҳи пайвастшавиашон ба хоҷагии ҷаҳонӣ алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, барои арзёбӣ, баҳогузорӣ ва назорати тамоюлҳои имрӯзаи ҷаҳонии иқтисод ба расмият даровардани онҳо зарур аст. Таъмини амнияти молиявии давлат шарти асосии қобилияти сиёсати мустақили молиявию иқтисодии он ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи манфиатҳои миллӣ ба амал бароварда шавад. Таъмини амнияти молиявии давлат ба як қатор омилҳо аз қабили таъмини устувории тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию техникии кишвар, устувории низоми пардохту

Кодирзода, К.Х. Хушвахтзода, Б.М. Джумъаев // Международные отношения и безопасность. - 2022. - №1(1). - С. 130-140.

ҳисоббаробаркуниҳо, имконияти пешгирии таъсири бухронҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ, ба ҳадди аққал расонидани иқтисодиёти соявӣ, пешгирии фирори сармоя ва ғ. алоқаманд аст.

Амнияти иқтисодӣ ҳифзи манфиатҳои миллиро таъмин намуда, ба рушди иқтисодиёт ва суботи ичтимоию сиёсии ҷомеа мусоидат мекунад. Онро аз паҳлӯҳои гуногун баррасӣ намудан мумкин аст, аз ҷумла:

- ҳамчун давлати дорои шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ ва илмию техникӣ, инчунин ҷамъиятӣ бо камоли кордонӣ тайёршуда, ки самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулотро кафолат медиҳад;

- ҳамчун дараҷа ва низоми бисёрсатҳа;

- ҳамчун раванде, ки фаъолияти воқеии ҷомеаро оид ба нигоҳ доштан ва афзун намудани шароити пешрафти пай дар пайи иқтисодиёт кафолат медиҳад[58].

Таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ дар дилхоҳ кишвар ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд. Таҳдидҳои дохилӣ асосан дар натиҷаи сиёсати нокифояи молиявию иқтисодӣ, баҳисобгирии номукаммали муассисаҳои молиявӣ ва роҳбарияти онҳо, ҷой додан ба иштибоҳҳо, суистифода аз вазифа ва дигар ихтилофҳо дар идоракунии низоми молиявии кишвар ба миён меоянд. Дар шароити муосир таҳдидҳои беруна нақши махсус мебозанд.

Ба таҳдидҳои беруна инҳо дохил мешаванд:

– таҳдидҳое, ки дар натиҷаи тағйирёбии мундариҷаи ҷараёнҳои молиявӣ бинобар ҷудо шудани онҳо аз равандҳои такрористеҳсолӣ ва ҳаракати онҳо ба сармояи ҳаннотӣ ба вуҷуд омадаанд;

– таҳдидҳое, ки дар натиҷаи вусъат ёфтани рақобат дар бозори ҷаҳонӣ аз сабаби шиддат ёфтани робитаҳои иқтисодию хоҷагидорӣ ба амал омадаанд;

---

[58] Кудряшов В.С. Современные угрозы финансовой безопасности России [Текст] / В.С. Кудряшов, В.Ю. Доберчук // Juvenis scientia. – 2018. - №6. – С. 4-7.

– таҳдидҳое, ки аз сохтори ғайримантиқии содирот ва воридот ба вуҷуд омадаанд;

– таҳдидҳое, ки дар натиҷаи дахолати воридот ба бозори дохилии молҳо ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ба вуҷуд омадаанд[59].

Ҳамин тариқ, барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта, кӯшишҳои иловагӣ харҷ намудан зарур аст. Мақсади асосии ноил шудан ба амнияти молиявии кишвар бунёди чунин ҳолати иқтисодиёт мебошад, ки устувории комплекси иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин намуда, кафили некӯаҳволии ҷамъият, беҳтар қонеъ намудани талаботи иқтисодии онҳо, таъмини мустақилияти иқтисодии он, ҳифзи иқтисодиёти миллӣ аз таҳдидҳои беруна мебошад.

Барои баҳогузории масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқи Низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ пеш меояд. Низоми нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ воситаи муҳимми муайян кардани вазъи низоми молиявии давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд нишондиҳандаи «қиммати ҳадди ҳудудӣ» истифода карда мешавад, ки он дар асоси нишондодҳои макроиқтисодӣ ташаккул меёбанд, ки манфиатҳои назарраси миллиро инъикос мекунанд ва аз ҷониби вазорату муассисаҳои дахлдор тасдиқ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои муҳимми муаррификунандаи вазъи амнияти молиявии кишвар ба андешаи мо чунин мебошанд: сатҳи таваррум, нишондиҳандаи касри буҷет, ҳаҷми қарзи беруна, дороиҳои умумии низоми бонкӣ, меъёри кифоягии сармояи бонкҳо, афзоиши ҳаҷми пул ва ғ.

Гарчанде, ки сатҳи баланди таваррум ба рушди устувори иқтисодиёт таҳдид менамояд оид ба сатҳи оптималии он дар иқтисодиёт ақидаи ягона вуҷуд надорад. Дар баробари ин барои таъмини сатҳи муътадили инкишофи иқтисодиёт сатҳи муайяни таваррум бояд ҷой дошта бошад, ки

---

[59] Кудряшов В.С. Современные угрозы финансовой безопасности России [Текст] / В.С. Кудряшов, В.Ю. Доберчук // Juvenis scientia. – 2018. - №6. – С. 4-7.

он истеҳсолкунандагонро барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли молу хизматрасониҳо ҳавасманд гардонад. Сатҳи оптималии таваррум аз андозаи 1- 3 % оғоз гарида, афзоиши он то 5 - 6 % қобили қабул дониста мешавад. Агар сатҳи таваррум аз ҳудуди 6 - 10% қарор гирад, он баланд арзёбӣ гардида, болоравии минбаъдаи он метавонад ба иқтисодиёт оқибатҳои ногувор орад. Дар ин раванд аллакай зарурати қабули чораҳои таҳқирнопазир оид ба коҳиш додани сатҳи он пеш меояд ва давлатҳое, ки дар давоми муҳлати зиёд чунин сатҳи таваррум ҷой дорад паст намудани он боз ҳам мушкилтар мегардад.[60].

Ҳамин тариқ, сатҳи таваррум нишондиҳандаи калидии арзёбии дараҷаи амнияти молиявии кишвар ба шумор меравад, ки онро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ менамоем (ниг. ба ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. - Муқоисаи сатҳи воқеии таваррум нисбати қимматҳои ҳадди ҳудудии отн бо фоизҳо, нисбат ба соли гузашта**

| Номгӯи молҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи нархҳои истеъмолӣ | 106,1 | 105,8 | 105,9 | 107,3 | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109,0 |
| Молҳои озуқа (бе машрубот) | 107,6 | 102,6 | 104,2 | 109,1 | 102,4 | 111,4 | 112,5 | 110,6 |
| Молҳои ғайриозуқаворӣ | 103,8 | 104,8 | 108,2 | 104,3 | 105,9 | 105,1 | 105,0 | 107,8 |
| Хизматрасонии пулакӣ | 104,3 | 103,0 | 104,9 | 106,0 | 105,9 | 102,6 | 104,7 | 106,7 |
| Қиммати ҳадду худудӣ барои таваррум, % | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 |
| Фарқият аз қиммати ҳадду ҳудудӣ | 0,1 | -0,2 | -0,1 | 1,3 | -2,2 | 1,9 | 2,6 | 3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2022. - С. 145.

Таҳлили сатҳи индекси нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сатҳи таваррум дар соли 2020 8,6%-ро ташкил менамояд, ки нисбати соли 2014 2,5% баланд аст. Ин нишондиҳанда барои молҳои озуқаворӣ

[60] Криворотов В.В. Пороговые значения индикативных показателей для диагностики экономической безопасности Российской Федерации на современном этапе [Текст] / В.В. Криворотов, А.В.Калина, И.С. Белик // Вестник УрФУ. Серия экономика и управление. - 2019. – Том 18. - №6. - С. 900. - С. 892–910.

нисбатан баланд буда, дар соли 2020 то 12,5% расидааст. Новобаста аз оне, ки солҳои охир ҷаҳиши якбораи сатҳи нархҳо мушоҳида мешаванд, сатҳи таваррум ҳоло дар минтақаи субот қарор дорад. Дар баробари ин қайд намудан зурур аст, ки гарчанде, ки сатҳи таваррум нисбат ба ҳадду ҳудуди қобили қабули он дар давоми солҳои 2014-2017 аз 0,1 то 1,3% зиёд бошад, ин нишондиҳанда дар солҳои охир баландтар гардида дар соли 2020 аз ҳадди қобили қабул 2,6% ва 2019 1,9% зиёд гардидааст. Фарқияти сатҳи таваррум нисбат ба молҳои озуқаворӣ 6,5%-ро ташкил менамояд, ки аллакай аз минтақаи субот берун гардидааст ва эҳтимолияти таъсиррасонии он ба амнияти молиявии кишвар ва нигоҳдории сатҳи некӯаҳволии мардум зиёд гардидааст.

Агар аз як тараф сатҳи таваррум ба омилҳои дохилӣ алоқаманд бошад аз тарафи дигар солҳои охир ба амнияти молиявии мамлакат то андозае таварруми воридотӣ таъсиррасон аст. Дар соли 2022 сатҳи таваррум дар ҷаҳон 8,3%-ро ташкил дод, ки аз сатҳи қиммати ҳадду ҳудудии он 2,3% баланд аст. Ин нишондиҳанда дар байни баъзе аз шарикони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши воридот дар соли 2022 чунин буд: Ҷумҳурии халқии Чин 2%, Туркия 19,6%, Ҷумҳурии Ӯзбекистон 10,8%[61]. Дар 6 моҳаи аввали соли 2023 барои баъзе аз шарикони воридотии ҷумҳурӣ сатҳи таваррум ҳатто аз қиммати ҳадду ҳудудии он ба дараҷаи назаррас баланд гардид. Махсусан дар Эрон 42,4%, Казоқистон 14,8%, Литва 10,5% -ро ташкил дод.[62] Чунин ҳолат ба дараҷаи назарас эҳтимоли воридоти таваррумро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд гардонида, ба амнияти молиявии он таҳдид эҷод менамояд.

Нишондиҳандаи дигари муҳим дар арзёбии амнияти молиявии кишвар таносубияти касри буҷети кишвар нисбати ММД ба шумор меравад, ки ҳолати ғайриустуворро дар фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ инъикос менамояд, ки ҳолати онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамоем.

---

[61] Inflation rates in a global comparison. [Манбаи электрон]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.worlddata.info/inflation.php#:~:text=In%202022%2C%20the%20global%20inflation,of%208. 0%20percent%20was%20determined., кушода. Санаи мурочиат: 12.01.2023.

[62] Inflation rate, average consumer prices. [Манбаи электрон]. – Ҳолати дастрасӣ. https://www.imf.org/external/datamapper/PCPIPCH@WEO/WEOWORLD/VEN., кушода. Санаи мурочиат: 12.01.2023.

Дар ҷадвали 2.2 нишондиҳандаи касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД оварда шудааст. Чӣ тавре, ки дар ҷадвал бармеояд дар давоми солҳои 2015-2017 тавозуни буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ буда қисми даромади он аз қисми хароҷоташ зиёд аст. Аммо шурӯъ аз соли 2018 то 2020 касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти афзоёнда дошта, он дар соли 2020 ба 337,2 млн сомонӣ расидааст, ки ба 0,41% ММД-и кишвар баробар аст. Ин нишондиҳанда нисбати қиммати ҳадди ҳудудии он 4,59% кам аст ва дар минтақаи субот қарор дорад, ки ба амнияти молиявии кишвар таҳдид нахоҳад кард.

**Ҷадвали 2.2. - Касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 |
| Зиёдатӣ; каср (-), млн. сомонӣ | 1237,0 | 309,1 | 110,9 | -308,7 | -261,9 | -337,2 | 711,1 |
| Касри буҷет нисбати ММД, % | | | | -0,43 | -0,33 | -0,40 | - |
| Қиммати ҳадди ҳудудӣ | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| Фарқият аз қаммати ҳадди ҳудудӣ | | | | 4,57 | 4,67 | 4,6 | - |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2022. - С.212, 390.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ узви як қатор созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ аз қабили СУС гардидааст ва дар арзёбии оқибатҳои пайвастшавӣ ба ИИАО қарор дорад. Рушди ҳамгироии минтақавӣ дар минтақа ва пайвастшавӣ ба ташкилотҳои нав дар баробари афзалиятҳои худ метавонад бо дарназардошти пасткунии сатҳи боҷҳои гумрукӣ ба молҳои воридотӣ ба вазъи тавозуни буҷети давлатии мамлакат таъсири манфӣ расонад. Зеро айни замон пардохтҳо аз боҷҳои гумрукӣ ҳиссаи бузургро дар қисми даромади буҷет ташкил менамоянд ва дар ҳолати паст ё бекор кардани онҳо эҳтимолияти афзудани касри буҷет ва аз минтақаи субот баромадани қимматҳои ҳадду ҳудудии он ҷой дорад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо қабули

ухдадорихои нав дар доираи ин созмонҳо бояд пеш аз ҳама пас аз дарёфт намудани сарчашмаҳои нави даромади буҷет ба роҳ монда шавад.

Дар баробари нишондиҳандаҳои зикргардида, барои арзёбии амнияти молиявии кишвар таҳқиқи динамикаи таносубияти қарзи берунӣ нисбат ба ММД-ро зарур мешуморем.

Нишондиҳандаи тағйирёбии андозаи қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дараҷаи таъсиррасонии он дар амнияти молиявии кишвар дар ҷадвали 2.3 оварда шудааст. Андозаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 3243,7 млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 42,63% зиёд аст.

**Ҷадвали 2.3. - Нишондиҳандаи тағйирёбии андозаи қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД.**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзи хориҷӣ (млн. долл. ИМА) | 2274.1 | 2879,0 | 2924,2 | 2925,3 | 3243,7 | 3,256 | 143,178 |
| Қарзи хориҷи нисбат ба ММД (%) | 32,7 | 40.3 | 38,9 | 36,0 | 40,6 | 38,2 | 124,159 |
| Қиммати ҳадди ҳудудӣ | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | - |
| Фарқият аз қиммати ҳадди ҳудудӣ | -7,3 | 0,3 | -1,1 | -4 | +0,6 | -1,8 | - |

**Сарчашма:** Отчёт о состоянии государственного долга за 2016-2021 гг. – [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: http://minfin.tj/index.php?do=static&page=gosdolg#sdolg., кушода. Санаи муроҷиат: 12.12.2022.

Гарчанде, ки андозаи қарзи хориҷӣ нисбати қиммати ҳудудии он дар давоми солҳои 2016-2017 аз ҳудуди 7,3% то 4% камтар буд, дар соли 2020 он якбора афзоиш ёфта 40,6%-и ММД-и кишварро ташкил дод, ки нисбат ба қиммати ҳадди ҳудудии он 0,6% зиёд аст. Аз тамоюли тағйирёбии динамикаи маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки қиммати воқеии қазри хориҷӣ ба қиммати ҳадди ниҳоӣ он наздик гардида, тамоюли афзоишёбӣ дорад. Идомаёбии чунин тамоюл метавонад дар солҳои оянда барои таъмини амнияти молиявии кишвар монеаҳои муайянеро пеш орад.

Нишондиҳандаҳои дигари муаррификунандаи сатҳи амнияти молиявии кишвар - тағйирёбии ҳаҷми пул ба шумор меравад, ки дар ҷадвали 2.4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми пул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дараҷаи таъсиррасонии он ба амнияти молиявии кишвар.**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул, млн сомонӣ | 10790 | 14788 | 18018 | 18949 | 26050 | 26139,90 | 28 400,12 | 263,21 |
| Ҳаҷми пули миллӣ, млн сомонӣ | 6 721 | 10 025 | 14 093 | 15 172 | 22155 | 21884,09 | 24 039,43 | 357,68 |
| Афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, %. | 18,69 | 37,05 | 21,84 | 5,17 | 37,47 | 0,35 | 9,85 | - |
| Қиммати ҳадди ҳудудӣ: сатҳи таваррум +10%, %. | 15,8 | 15,9 | 17,3 | 13,8 | 17,9 | 18,6 | 19 | - |
| Фаркият аз қиммати ҳадди ҳудудӣ | 2,89 | 21,15 | 4,54 | -8,63 | 19,57 | -18,25 | -9,15 | - |

**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014-2021. Бонки миллии Тоҷикистон. – 98 с.

Чӣ тавре, ки аз ҷадвал бармеояд нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 28400,12 млн. сомониро ташкил менамояд, ки нисбат ба соли 2015 163,21% зиёд аст. Аз ин миқдор 24 039,43 млн. сомониро ҳаҷми пули миллӣ ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2015 257,68% зиёд гардидааст. Дараҷаи баланди афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина дар солҳои 2016 ва 2019 ба мушоҳида мерасад, ки нисбат ба қиммати ҳадди ҳудудии он 21,15% дар соли 2016 ва 19,57% дар соли 2019 зиёд аст.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нишондиҳандаи дигари арзёбикунандаи иқтидори молиявии кишвар ба шумор меравад, ки дараҷаи маблағгузорӣ ба иқтисодиёт ва таъмин бо сарчашмаҳои қарз ба он алоқаманд аст.

Динамикаи тағйирёбии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ва сандуқи карзии муассисаҳои молиявии кишвар, дар ҷадвали 2.5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.5. - Динамикаи тағйирёбии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ва сандуқи карзии муассисаҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, млн сомонӣ | 18639 | 21187 | 20932 | 21201 | 21976 | 22643,43 | 22 414,74 | 120,25 |
| Ҳиссаи маҷмӯи дороиҳои низоми бонкӣ нисбати ММД, %. | 38.51 | 38.86 | 34.28 | 30,80 | 28,41 | 27,43 | 22,66 | 58,84 |
| Қиммати ҳадди ҳудудӣ | 80;100 | 80;100 | 80;100 | 80;100 | 80;100 | 80;100 | 80;100 | |
| Фарқият | 61,49; 61,49 | 41,14; - 61,14 | 45,72; 65,72 | 49,2; 69,2 | 51,59; 71,59 | 52,57; 72,57 | 57,84; 77,84 | |
| Сандуқи карзӣ, ҳаз. Сомонӣ | 10955,296 | 9591,662 | 8307,258 | 8426,369 | 9447,978 | 10882,524 | 11649,80 | 106,33 |
| Ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, %. | 58,78 | 45,27 | 39,69 | 39,75 | 42,99 | 48,06 | 51,97 | |
| Қиммати ҳадди ҳудудӣ | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | 45 | |
| Фарқият аз меъёр | 13,78 | 0,27 | -5,31 | -5,25 | -2,01 | 3,06 | 6,97 | |

*Сарчашма:* Бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014-2021. Бонки миллии Тоҷикистон. - 98с.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 22643,43 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015 58,84% зиёд аст. Ҳиссаи маҷмӯи дороиҳои низоми бонкӣ нисбати ММД дар соли 2021 22,66%-и ММД-и кишварро ташкил медод, ки он нисбат ба қиммати ҳадди ҳудудии он аз 57,84 то 77,94% кам аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 38,51%-и ММД-и кишварро ташкил медод.

Таҳқиқи динамикаи тағйирёбии ҳаҷми сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нишон медиҳанд, ки дар соли 2021 ҳаҷми сандуқи қарзии муассисаҳои молиявӣ 11649,80 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015 6,33% зиёд мебошад. Ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар 7 соли охир тамоюли пастравӣ дорад. Зеро агар ин нишондиҳанда дар соли 2015 58,78%-и дороиҳои ташкилотҳои қарзиро ташкил медод дар соли 2021 то 51,97% кам гардидааст. Аммо новобаста аз тамоюли пастравӣ нишондиҳандаи ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ягона нишондиҳандае мебошад, ки

дар аксари солҳои давраи таҳлилшаванда аз қиммати ҳадди ҳудудии он зиёд аст. Мувофиқи адабиётҳои иқтисодӣ ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, набояд аз 45% зиёд бошад. Дар соли 2015 фарқияти ҳиссаи воқеии сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нисбати меъёри қиммати ҳадди ҳудудии он 13,78% ва нисбати соли 2021 6,97% зиёд аст.

Нишондиҳандаи муҳимми муаррификунандаи амнияти молиявии кишвар сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ба шумор меравад, ки дараҷаи бо пул таъмин кардани иқтисодиётро ифода менамояд. Монетизатсияи баланд ба пайдоиши миқдори зиёди пул аз бонкҳо барои додани қарз мусоидат мекунад. Агар сатҳи пасти монетизатсия вуҷуд дошта бошад, пас қарзҳо гарон мешаванд ва давлат норасоии маблағро эҳсос мекунад.

Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015-2021 аз 22,29% то 25,54%-ро ташкил медиҳад. Қиммати ҳадди ҳудудии ин нишондиҳанда барои давлатҳои рӯ баинкишоф 20-30% муқаррар гардидааст, ки фарқияти таносубияти он дар соли 2021 5,54% нисбати қиммати 20 ва -5,543%-ро нисбати қиммати 30 ташкил медиҳад (ҷадвали 2.6.).

**Ҷадвали 2.6. - Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт | 22,29 | 27,17 | 29,49 | 27,52 | 29,7 | 26,23 | 25,54 |
| Қиммати ҳадди ҳудудӣ | 20-30% | 20-30% | 20-30% | 20-30% | 20-30% | 20-30% | 20-30% |
| Фарқият аз қиммати ҳадди ҳудудӣ | 2,29; -7,71 | 7,17;-2,83 | 9,49; -0,51 | 7,52; -2,48 | 9,7; -0,3 | 6,23; -4,77 | 5,54; -5,54 |

*Сарчашма:* Бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014-2022. Бонки миллии Тоҷикистон. -98 с.

Яке аз мушкилоти дигаре, ки ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд ин долларкунонии бахши молия ба шумор меравад. Долларкунонӣ одатан хоси давлатҳои пойбанди воридот буда истифодаи асъори хориҷиро ҳамчун воситаи ченак, мубодила, нигоҳдории арзиш ифода менамояд.

**Ҷадвали 2.7. - Сатҳи долларизатсияи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо%).**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Долларизатсияи депозитҳо | 63.2 | 57.1 | 52.7 | 53.3 | 52.0 | 50.4 |
| Долларизатсияи қарзҳо | 61,63 | 58,90 | 55,23 | 49,35 | 41,90 | 33,13 |

**Сарчашма**: IMF Country Report No. 22/53 Republic of Tajikistan. February 2022. Washington, D.C -P.33 (100p.)

Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 2.7 бармеояд дар соли 2021 50%-и пасандозҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доллари ИМА рост меояд. Гарчанде, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2016 паст гардида бошад ҳам, ҳоло дар муқоиса ба давлатҳои ИДМ ва хориҷи дур баланд аст.

Долларикунонии бахши молия самаранокии сиёсати пулиро паст гардонида, ҳассосияти бахши молияи кишварро ба омилҳои беруна, хавфи пардохтпазтирӣ ва ликвиднокӣ баланд мебардорад. Ҳангоми идоракунии нокифояи чунин хавфҳо низоми молияи кишвар метавонад осебпазир гардад. Аз ин рӯ, барои паст намудани таъсири манфии долларикунонии иқтисодиёт ба низоми молияи кишвар қабули тадбирҳои дар самти ғайридолларикунонии иқтисодиёт муҳим мегардад, ки он метавонад ба табдирҳо оид ба маҳдудгузории хавфҳои ликвиднокӣ, назорати хавфҳои қарзӣ, баланд бардоштани ҷолибияти пули миллиро дарбар гирад.

Ҳамин тавр таҳлили нишондиҳандаҳои амнияти молиявии кишварро аз рӯи қимматашон ба 2 гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) Нишондиҳандаҳое, ки бузургии воқеии онҳо аз қиммати ҳадди ҳудудии муқарраршуда паст аст ва ба амнияти молиявии кишвар таҳдид наменамоянд. Ба ин нишондиҳандаҳо касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, ҳиссаи маҷмӯи дороиҳои низоми бонки нисбати ММД, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти кишвар дохил мешаванд.

2) Нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бузургии онҳо нисбати қиммати ҳадди ҳудудии онҳо баланд аст ва зарурати коркарди

чорабиниҳоро оид ба дар сатҳи пасттар нигоҳ доштани онҳо аз қиммати муқарраргардида тақозо менамояд. Ба ин нишондиҳандаҳо дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ нишондиҳандаҳои сатҳи таваррум махсусан ба молҳои озуқаворӣ, ҳиссаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, новобаста аз оне, ки қиммати аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодии баррасишаванда барои таъмини амнияти молиявии кишвар таҳдидкунанда нестанд, имрӯз барои баланд бардоштани нақши молия дар рушди иқтисодии кишвар зарурати мукаммалгардонии низоми молиявии кишвар пеш омадааст, ки метавонад динамикаи рушди нишондиҳандаҳои молиявии кишварро устувор гардонида, стратегияи пурзӯр намудани таъсири он ба тамоми соҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро ташаккул диҳад. Ҳамаи ин, зарурати эҷоди як механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишварро дар шароите ба миён меорад, ки тариқи он мамлакат метавонад ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо шароитҳои беҳтар ва мусоидтар ҳамроҳ шавад. Ин амал дар навбати худ ба татбиқи як қатор барномаҳо, аз ҷумла барномаҳои ҳамгироӣ бо раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи гардиши гуногуни пулӣ алоқаманд аст.

Дар баробари ин «фаъолгардии ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иқтисодиёти ҷаҳонӣ зарурати таҳия ва татбиқи чораҳои ҷадид оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии бахши молия, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти иқтисодиро тақозо менамояд»[63].

[63] Низомов С.Ф. Интеграция банковского сектора Таджикистана к мировой финансовой системе в условиях членства в ВТО [Текст] / С.Ф. Низомов, Б.М. Джумьаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2013. - № 2/7 (123). - С. 27-31.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада дар ниҳоят чунин самтҳои муҳимми таъмини амнияти молиявии кишварро пешниҳод менамоем:

– коркарди низоми доимоамалкунандаи баҳогузории таҳдидҳои беруна ба амнияти молиявии кишвар, муқаррар намудани субъектҳои асосии он ва коркарди механизми таъсиррасонӣ ба он;

– таҳияи методологияҳои муосири ояндабинӣ, ошкор намудан ва пешгирӣ кардани зуҳури омилҳое, ки ба амнияти молиявӣ таҳдид менамоянд;

– ҳавасмандгардонии таҳқиқотҳои илмӣ дар самти ошкор ва муайян намудани тамоюлҳои беруна ва дараҷаи таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ;

– ташкили низоми назорати самарабахш ба таъмини амнияти молиявии кишвар;

– кам намудани вобастагии бахши иқтисоди хориҷии кишвар аз содироти ашёи хом ва коркарди стратегияи нави иқтисодие, ки ҷаҳиши босуръат ва босифати иқтисодиётро кафолат медиҳад;

– пешгирии беқурбшавии асъори миллӣ, коркарди низомҳои самарабахши назорати фирори асъор ва ҷалби сармояи хориҷӣ ва муайян намудани ҳудуди иштироки сармояи хориҷӣ дар сохтори сармояи ширкатҳои ватанӣ;

– вусъат бахшидани раванди ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба низоми молиявии ҷаҳонӣ, ҳамчун қисми муҳимми низоми муосири хоҷагии ҷаҳонӣ.

### 2.3. Арзёбии таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз хусусиятҳои муосири рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ба нақши бевоситаи низоми молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон зуҳур меёбад. Агар аз як тараф устувории низоми

молиявии ҷаҳонӣ кафили дастрасии саривақтии тамоми давлатҳои ҷаҳон ба захираҳои молиявӣ бошад, аз тарафи дигар ҷой доштани ҳолатҳои бесуботӣ дар низоми молияи ҷаҳонӣ сабаби сар задани хатарҳои алоҳида, на танҳо дар низоми молияи мамлакатҳо, балки бахши воқеии иқтисодиёти онҳо хоҳад буд. Аз ин рӯ, ҳолатҳои бесуботии молиявие, ки имрӯз дар хоҷагии ҷаҳонӣ ҷой дорад, зарурати арзёбии таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пеш меорад.

Раванди амалисозии сиёсати дарҳои боз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ то андозае сабаби кушодашавии бозори молия гардида, дараҷаи тавъамии ҳолатҳои дар хоҷагии ҷаҳонӣ бавуқӯъояндаро зиёд намуд. Аз ин рӯ возеҳ аст, ки дилхоҳ бесуботӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ монеаҳои навро дар таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш меорад. Ҳамин тавр, ҷаҳонишавии молиявӣ дар баробари дигар зуҳуроти худ метавонад ба бесуботии умумии бозори ҷаҳонӣ оварда расонад, ки ба дараҷаи таъминоти амнияти молиявӣ ва устувории макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъсир нахоҳад монд.

Сабабаи асосии ҳолати бесуботӣ дар низоми молияи ҷаҳон агар аз як тараф ба бӯҳрони COVID-19 алоқаманд бошад, аз тарафи дигар ноороми вазъи сиёсии ҷаҳон, авҷгирии сиёсати таҳримӣ, муҳорибаҳои сиёсӣ байни давлатҳои абарқудрат оид ба аз нав тақсим намудани захираҳои ҷаҳонӣ устувории низоми молияи ҷаҳониро зери шубҳа қарор дод.

Таҳқиқоти гузаронидаи олимони хориҷӣ дар самти бӯҳронҳои иқтисодиву молиявӣ дар солҳои охир нишон дод, ки дар соли 2020 дар ҷаҳон фаъолнокии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба дараҷаи назаррас коҳиш ёфт, ки чунин ҳолат ҳатто дар давраи бӯҳрони молиявии солҳои 2008-2009 ба чашм нарасидааст.

Дар ҷадвали 2.8 суръати рушди ММД-и ҷаҳонӣ дар солҳои 2018-2022 оварда шудааст. Аз рӯи маълумотҳои ХБА дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсолоти ҷаҳонӣ 3,2% коҳиш ёфт, ки он ба дараҷаи назаррас ба пастравии суръати рушди ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ оварда

расонид. Дар ин сол тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати рушди ММД 4%-ро ташкил дод, ки нисбати солҳои қаблӣ 3,3% пасттар аст. Сатҳи назарраси пастравии ММД дар соли 2020 дар давлатҳои минтақаи евро (6,5%), Ҳиндустон (7,3%), ИМА (-3,5%) мушоҳида гардид. Пастравии назарраси ММД дар давлатҳои мутараққии саноатӣ (-4,6%), ки иқтисодиёти калони кушод доранд ва ба меъёри фоизи қарз дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсир расонида метавонад, сабаби зиёдшавии вобастагии ҳолати давлатҳои давраи гузариш ва рӯбатараққӣ ба сиёсати макроиқтисодӣ ва молиявию пулии онҳо мегардад.

**Ҷадвали 2.8. - Суръати рушди ММД-и ҷаҳонӣ дар солҳои 2018-2022.**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022* |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷаҳон дар умум | 3,2 | 2,8 | -3,2 | 5,9 | 4,9 |
| Давлатҳои мутараққии ҷаҳон | 2,3 | 1,6 | -4,6 | 5,4 | 4,0 |
| Давлатҳои давраи гузариш ва рӯбатараққӣ | 4,6 | 3,8 | -2,1 | 6,3 | 5,2 |
| ИМА | 3,0 | 2,2 | -3,5 | 5,95 | 4,9 |
| Давлатҳои минтақаи евро | 1,9 | 1,3 | -6,5 | 4,6 | 4,3 |
| Ҷопон | 0,6 | 0,0 | -4,7 | 1,66 | 3,0 |
| Чин | 6,8 | 6,0 | 2,3 | 8,11 | 5,7 |
| Ҳиндустон | 6,5 | 4,0 | -7,3 | 8,7 | 8,5 |
| Россия | 2,8 | 2,0 | -3,0 | 4,75 | 3,1 |
| Тоҷикистон | 107,6 | 107,4 | 104,5 | 109,2 | 108,0 |

* -тибқи пешгӯӣ. Сарчашма: World Economic Outlook Update, The IMF, July 2022; Финансовая индустрия в условиях глобальной нестабильности: Россия и международная практика // Информационно-аналитическое обозрение. Ассоциация банков России. –С. 5;

**Сарчашма:** World GDP Growth Rate 1961-2023. [Манбаи электрон]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.macrotrends.net/countries/WLD/world/gdp-growth-rate., кушода. Санаи мурочиат: 12.01.2023.

Новобаста аз оне, ки дар оғози соли 2021 рушди иқтисодиёти ҷаҳон ба андозае барқарор карда шуд, оғози ҷангӣ сард дар шакли нав, норӯшаниҳои зиёдеро дар дурнамои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ пеш овард. Раванди барқароршавии нобаробар дар давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишонаи пайдошавии бесуботии молияи ҷаҳонӣ гардид.

Дар соли 2019 дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ анҷоми марҳилаи рушд дар сикли иқтисодӣ мушоҳида гардид, пандемия ба таназзули иқтисоди дар аксари мамлакатҳо оварда расонид.

Дар расми 2.1 динамикаи тағйирёбии шохиси фаъолнокии иқтисоди барои солҳои 2021-2023 барои як қатор давлатҳои ҷаҳон оварда шудааст.




**Расми 2.1. - Динамикаи тағйирёбии шохиси фаъолнокии иқтисодӣ дар соли 2021 барои як қатор давлатҳои ҷаҳон.**

**Сарчашма:** World Economic Outlook Update, The IMF, April 2023. Финансовая индустрия в условиях глобальной нестабильности: Россия и международная практика // Информационно-аналитическое обозрение. Ассоциация банков России. 114с.

Дар соли 2021 шохиси фаъолнокии иқтисодӣ хусусияти нобаробарии барқароркунии фаъолнокии иқтисодӣ дар давлатҳои алоҳидаро нишон дод. Нисбатан дараҷаи баланди сатҳи барқароркунӣ дар ИМА мушоҳида гардид, ки он ба эмгузаронии омавии аҳолӣ ва сармоягузории зиёд ба иқтисодиёт алоқаманд аст. Ҷопон нобобаста аз татбиқи сиёсати пулҳои арзон натавонист, ки саривақт оқибатҳои бухрони сармоягузорӣ ва нархҳоро бартараф созад.

Аз рӯи маълумотҳои Хазинаи байналмилалии асъор дар соли 2020-2022 маҷмӯи даромади миллӣ ба сари аҳолӣ дар давлатҳои давраи гузариш

ва рӯбатараққӣ 20% кам гардид. Махсусан ҳолати ногувор дар давлатҳои сатҳи даромадашон паст мушоҳида гардид.

Бухрони молиявии ҷаҳонӣ дар назди давлатҳо мушкилотро дар самти интихоби унсурҳои алоҳидаи тадбиқи сиёсати баэътидоловаранда пеш овард. Барои ҳалли масъалаҳои ҷории иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигоҳдории устувории молиявӣ ба манфиатҳои дарозмуҳлати давлатҳо таҳдидҳои навро эҷод намуд. Эҳтимолияти сар задани бухронҳои нав ва ба итмом нарасидани раванди барқарорсозӣ намегузорад, ки сиёсати фарогири ҳавасмандкунандаи фискалӣ ва пулию қарзӣ гузаронида шавад. Дар баробари андешидани тадбирҳои зиёд дар самти дастгирии давлатӣ метаванад, ки осебпазирии молиявиро зиёд намуда, барои афзоиши сатҳи таварруми интизорӣ замина фароҳам оварад.

Махсусан, чунин ҳолат дар 10 давлати даҳгонаи бузург мушоҳида гардид, ки дар онҳо сатҳи таваррум аз доираи мақсадноки он берун гардида, сабаби содироти таварум ба давлатҳои дигар, ҳамзамон Тоҷикистон гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар ин раванд зарурият пеш омад, ки барои таъмини рушди ҳадафноки иқтисодиёт дастгирии ҳолати тавозунии буҷети мамлакатро коҳиш дода, диққати асосиро ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳамчунин маблағгузорӣ ба инфрасохтори сабз ва рақамӣ зиёд намояд.

Дар соли 2021 маҷмӯи қарзи ҷаҳонӣ (қарзи давлатӣ ва корпоративӣ) 235 трлн. долл АМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 10%, кам гардида 247% ММД-и ҷаҳониро ташкил дод.

Ҳаҷми қарзи давлатии ҷаҳонӣ бошад дар соли 2021 96% ММД-и ҷаҳонро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 4% камтар аст. Ба андозаи он пеш аз ҳама сатҳи баланди рушди воқеии ММД-и ҷаҳонӣ, сатҳи баланди таваррум ва лағви татбирҳои дастгирии молиявии ба COVID-19 рабтдошта таъсир расониданд.




**Расми 2.2. - Динамикаи қарзи умумиҷаҳонии давлатӣ ва хусусӣ, нисбат ба ММД барои солҳои 1970–2021.**

**Сарчашма:** IMF Global Debt Database, 2022. [Манбаи электрон]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.weforum.org/agenda/2023/02/global-debt-2022-and-other-economy-stories_february-2023/., кушода. Санаи муроҷиат: 12.02.2023.

Сатҳи нисбатан баланди қарзи давлатӣ нисбат ба ММД дар Ҷопон 262,5%, ИМА – 128,1%, Шоҳигарии мутаҳида- 103,8%, давлатҳои минтақаи евро – 97,5% рост меояд. Махсусан асъори ин давлатҳо асъори асосии захиравӣ ба ҳисоб меравад ва вазифаи пули ҷаҳониро иҷро менамояд (ҷадв. 2.9.).

Сиёсати шароити сусти молиявӣ тез ё зуд сабаби мунокишаи байни бонкҳои марказӣ оид ба нигоҳдории устувории нарх мегардад, ки носуботиҳои навро дар иқтисодиёти ҷаҳон пеш меорад. Дар ин раванд дар хизматрасонии қарзи хориҷӣ мушкилоти нав пеш меояд ва ё сабаби саривақт хизмат нарасонидани он боиси сар задани нофаҳмиҳои нав байни давлатҳои ҷаҳон мегардад.

**Ҷадвали 2.9. - Ҳаҷми қарзи давлатӣ нисбат ба ММД барои як қатор мамлакатҳои ҷаҳон.**

| | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷаҳон | 61.2 | 64.1 | 74.8 | 76.9 | 84.1 | 99.8 | 95.7 |
| Давлатҳои мутараққӣ | 71.8 | 78.5 | 91.8 | 98.2 | 105.3 | 124.6 | 119.5 |
| Минатақаи евро | 66.0 | 69.7 | 80.4 | 86.0 | 85.8 | 99.0 | 97.5 |
| Ҷопон | 172.8 | 180.7 | 198.7 | 205.7 | 236.3 | 259.4 | 262.5 |
| Шоҳигарии мутаҳида | 43.0 | 50.7 | 64.6 | 75.7 | 84.8 | 103.6 | 103.8 |
| ИМА | 64.6 | 73.4 | 86.6 | 95.1 | 108.8 | 134.5 | 128.1 |
| Давлатҳои рӯбаинкишоф | 35.0 | 32.9 | 38.4 | 37.4 | 54.2 | 64.5 | 64.0 |
| Ҷумҳурии халқии Чин | 29.2 | 27.2 | 34.6 | 33.9 | 57.2 | 68.1 | 71.5 |
| Дигар давлатҳо | 36.7 | 34.7 | 40.0 | 38.7 | 51.9 | 61.4 | 57.6 |
| Давлатҳои сатҳи даромадашон паст | 29.2 | 27.3 | 29.6 | 28.0 | 42.9 | 48.6 | 48.7 |

***Сарчашма:*** Source: IMF Global Debt Database, 2022. [Манбаи электрон]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.weforum.org/agenda/2023/02/global-debt-2022-and-other-economy-stories-february-2023/., кушоад. Санаи муроҷиат: 12.02.2023

Ҳамин тавр, бесуботии молиявӣ сабаби қароргирии бозорҳои молиявӣ дар ҳалқаи таварруми афзоянда мегардад, ки сиёсатҳои пулию қарзии татбиқшаванда он вақт наметавонад, ки онро ба иҳотаи худ гиранд. Ин дар навбати худ ба дефолтҳои оммавӣ ва афзоиши арзиши дороиҳои иқтисодӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин индустрияи молиявии ҷаҳонӣ, ки имрӯз дар зери таъсири технологияи рақамӣ дар давраи таҳаввулоти сохторӣ қарор дорад, зарурати саривақт мутобиқат гардонидани низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба он бо мақсади таъмини амнияти молиявӣ тақозо менамояд. Имрӯз бар ивази моделҳои стандартии индустрияи молиявӣ сохторҳои гибридии он ба вуҷуд омадааст, ки сарҳадҳои ҷойдоштаро дар бозори молиявӣ пурра лағв намудааст ё ин ки ба сарҳадҳои шартӣ мубаддал гардонидааст. Инқилоби рақамӣ доираи истифодаи технологияи иттилоотиро дар бахши молия васеъ гардонид, ки боиси ивазшавии сохтори он гардид ва хусусияти фаъолияти таъминкунанда ва истифодакунандаи хизматрасониҳои молиявӣ гардид.

Аз ин рӯ, бо дар назардошти чунин раванд мамлакати моро низ зарур аст, ки доир ба гузариш ба низоми молиявии рақамӣ тадбирҳои зурурияро роҳандозӣ намоянд.

Дар баробари ин, яке аз тамоюлҳои нав дар низоми молиявии ҷаҳонӣ истифодаи васеъи зеҳни сунъӣ ба шумор меравад. Дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон имрӯзҳо қисми зиёди қарзҳо барои аҳолӣ ва корхонаҳои хурду миёна ба воситаи зеҳни сунъӣ дода мешавад. Истифодаи он ҳамчунин дар арзёбии хавфҳои қарзӣ ошкорсозии ҳолатҳои қаллобӣ дар бонкҳо муфид аст. Аммо, арзиши баланди технологияи зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, ки сабаби маҳдудият дар татбиқи ҳамаҷонибаи он дар низоми молияи давлатӣ гардад.

Зуҳуроти дигаре, ки имрӯз дар низоми молияи ҷаҳонӣ ба чашм мерасад, кӯшишҳо оид ба барориши пулҳои рақамӣ ба шумор меравад. Ҷорӣ намудани намунаҳои санҷишии пулҳои рақамӣ таҳкурсӣ барои гузариш ба он дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Ҷорӣ намудани асъорҳои рақамӣ метавонад, сабаби заиф гардидани нақши бонки миллӣ ҳамчун иштирокчии мустақими бозори молия гардад.

Ба рушди асъорҳои рақамӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон таъсири назаррасро пандемияи COVID-19, гузошт, ки дар ин давра ба дараҷаи назаррас истифодаи пардохтҳои бидуни тамос зиёд гардид ва савдои электронӣ ҷойи савдои анъанавиро гирифт.

Дар давраи солҳои 2018-2021 сатҳи миёнаи рушди амалиётҳои ғайринақдии пардохтӣ 13% ва дар давлатҳои дорои бозорҳои рӯ ба рушд 25%-ро ташкил дод[64]. Дар назар аст, ки ин нишондиҳанда дар сатҳи ҷаҳонӣ дар соли 2026 ба 15% хоҳад расид. Дар баробари ин таваҷҷӯҳ ба асъорҳои рақамӣ ба машҳургардии криптоасъорҳо бо истифодаи технологияи блокчейн алоқаманд аст. Дар соли 2021 миқдори агентҳои иқтисодӣ, ки

[64] Черенкова С.А. Достоинства и потенциальные риски введения цифрового рубля в современной России [Текст] / С.А. Черенкова // Национальная безопасность. – 2023. – № 1. - С. 53-65.

криптоасъорро истифода менамуданд 295 миллионро ташкил дода, нисбати соли пешина ба 178% зиёд гардидааст[65].

Новобаста аз оне, ки истифодаи криптоасъор бартариятҳои зиёдро дорад он барои таъмини амнияти молиявии мамлакат метавонад як қатор ҳолатҳои ногуворро пеш орад. Зеро танзими он тариқи қонунгузорӣ мушкил буда, нисбатан ғайримарказонидашуда ва бениҳоят ноустувор аст.

Аз ин рӯ, истифодаи он барои анҷом додани амалиётҳои қаллобӣ ва ҳаннотӣ бештар ба чашм мерасад, ки сабаби ташаккулёбии бахши соягии иқтисодиёт мегардад.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи С. Фоли нишон медиҳад, ки қариб аз чор як ҳиссаи истифодабарандагони биткойн ва нимми амалиётҳо бо биткойн гузаронидашаванда ба фаъолиятҳои аз тарафи қонун иҷозат доданашуда алоқаманд аст[66].

Таҷрибаи давлатҳои татбиқкардаи асъори рақамӣ дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ барои давлатҳои иқтисодиёти хурди кушоддошта, махсусан Ҷумҳури Тоҷикистон хеле муфид аст. Аммо новобаста аз ҷой доштани хавфҳои муайян дараҷаи баланди рақамикунонии иқтисодиёт, амаликунии кӯшишҳо оид ба истифодаи технологияи навтарин дар баланд бардоштани самаранокии молиявӣ дар хориҷа, ҳамчунин рушди ҳамкориҳои фаромарзии пулию қарзӣ зарурати гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба асъори рақамӣ рӯзе пеш хоҳад овард. Низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд дар ин раванд аз тамоюлҳои бавуқӯъоянда дар хоҷагии ҷаҳонӣ қафо монад.

---

[65] Henry Hon. Crypto Market Sizing. Global Crypto Owners Reaching. - [Электронный рессурс]. – Режим доступа: URL:https://assets.ctfassets.net/hfgyig42jimx/5i8TeN1QYJ-Djn82pSuZB5S/85c7c9393f3ee67e456ec780f9bf11e3/Cryptodotcom_Crypto_Market_Sizing_Jan2022.pdf., открытый. Дата обращения: 12.03.2023 [Определение размера крипторынка. Глобальные владельцы криптовалют достигают]

[66] Sean Foley. Sex, drugs, and bitcoin: How much illegal activity is financed through cryptocurrencies? – [Электронный рессурс]. – Режим доступа: URL: //cashes-sentials.org/app/uploads/2018/07/foley_karlsen_talis_sex_drugs_and_bitcoin.pdf., открытый. Дата обращения: 12.01.2023. [Ҷинсӣ, маводи мухаддир ва биткоин: Чӣ қадар фаъолияти ғайриқонунӣ тавассути криптовалюта маблағгузорӣ мешавад?]

Дар ин раванд барои таъмини амнияти молиявӣ дар шароити бароризиши пулҳои рақамӣ зарурати қабули тадбирҳои саривақтӣ дар сатҳҳои болоии низоми молия ва агентҳои истифодакунандагони он пеш меояд. Ба андешаи мо пеш аз ҳама зарур аст, махфияти маълумотҳои истифодабарандагон, суръат ва асосноккунии арзиши амалиётҳо бо асъорҳои рақамӣ таъмин карда шавад. Дар баробари ин баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ба воситаи тадбиқи барномаҳои маҷмӯии таҳсилотӣ аз муассисаҳои таҳсилоти миёна то муассисаҳои олӣ ва баъдаздипломӣ пеш меояд. Ҳалли саривақтии камбудиҳое, ки дар раванди гузариш пеш меоянд аз тарафи Бонки миллӣ метавонад обрӯи эътибори онро ҳамчун мақоми тадбиққунандаи сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати баэътидоловаранда баланд бардорад.

Ҳамин тавр, бесуботии молиявии ҷаҳонӣ метавонад, чунин хавфҳоро дар самти таъмини амнияти молиявии мамлакат пеш орад:

- хавфҳои институтсионалӣ ва танзимкунӣ, ки ба механизми номукаммали танзими низоми молия, мавҷудияти монеаҳои баланди маъмурӣ, нақшаи хубтарҳрезинашудаи амал барои таъмини ҳолати босуботӣ, қобилияти пасти миёнаравони молиявӣ ҳангоми идораи хавфҳо алоқаманд аст;

- хавфҳои пулӣ ва молиявӣ, ки ба сохтори ғайримукаммали механизми бароризиши пул, ҳамоҳангии нокифояи тадбирҳои сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати молиявӣ, қиммати баланди пул, ки барои ноил гардидан ба мувозинати тақозо ва арза ба пул тариқи воситаҳои анъанавӣ мушкилӣ пеш меорад асос мегирад;

- хавфи фаъолияти муассисаҳои низомсози молиявӣ.

Барои бартараф намудани хавфҳои зикркардашуда, зарур аст низоми самараноки идоракунии хавфҳо коркард карда шавад, ки хавфҳои низомиро дар соҳаи қарз ба ҳадди расонида, таъсири омилҳои субъективиро дар низоми молияи мамлакат кам гардонад, устувории макроиқтисодии мамлакатро таъмин намояд.

Дар баробари ин зарур аст, ки инфрасохтори бозори молия дар мамлакат мукаммал гардонидашуда, иқтисодиёти соягӣ дар бахши низоми бонкӣ ба ҳадди аққал расонида шавад. Коркард ва тадбиқи механизми таъмини устувории молиявӣ имкон медиҳад, ки сохтори низоми молиявии мамлакат мукаммал карда шуда, суръати рушди иқтисодиёти миллӣ устувор карда шавад. Ҳамзамон мавҷудияти чунин механизм самаранокии сиёсати пулию қарзии аз тарафи Бонки миллӣ таҳияшавандаро баланд мебардорад ва номувофиқатиҳои сохториро барҳам диҳад ва сар задани ҳолатҳои буҳрониро пешгирӣ намояд.

## Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби дуюм:

1. Таҳқиқи асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ нишон дод, ки гарчанде, ки қонунгузорӣ дар бахши таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум дар даврони соҳибистиқлолӣ хеле мукаммал гардидааст, вале дар қисмати таъмини амнияти молиявӣ баъзе мушкилиҳо ҷой доранд. Қонунгузориҳои мавҷуда дар самти амнияти миллӣ масъалаҳои амнияти молиявиро пурра дарбар намегиранд, ягонагии мафҳумҳо мушоҳида намешавад.

2. Барои мукаммал гардонидани фаъолияти институтҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, зарур аст, ки чораҳои зарурӣ дар самти марказонидани равандҳои қабули қарорҳои давлатӣ дар ин самт, ворид намудани масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ дар ҳаммаи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи амнияти миллӣ ва молиявӣ ба роҳ монда шавад.

3. Нишондиҳандаҳои амнияти молиявии кишвар аз рӯи қимматашон ба 2 гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: Нишондиҳандаҳое, ки бузургии воқеии онҳо аз қиммати ҳадди ҳудудии муқарраршуда паст аст ва ба амнияти молиявии кишвар таҳдид наменамоянд: касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, ҳиссаи маҷмӯи дороиҳои низоми бонки нисбати ММД, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти кишвар; 2. Нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бузургии онҳо нисбати қиммати ҳадди

ҳудудии онҳо баланд аст ва зарурати коркарди чорабиниҳоро оид ба дар сатҳи пасттар нигоҳ доштани онҳо аз қиммати муқаррааргардида тақозо менамояд: сатҳи таваррум махсусан ба молҳои озуқаворӣ, ҳиссаи қарзи беруна нисбат ба ММД, афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ.

4. Новобаста аз оне, ки қиммати аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодии дар боб баррасишуда, барои таъмини амнияти молиявии кишвар таҳдидкунанда нестанд, имрӯз барои баланд бардоштани нақши молия дар рушди иқтисодии кишвар зарурати мукаммалгардонии низоми молиявии кишвар пеш омадааст. Ҳамаи ин, зарурати эҷоди як механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишварро дар шароите ба миён меорад, ки тариқи он мамлакат метавонад ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо шароитҳои беҳтар ва мусоидтар ҳамроҳ шавад.

5. Барои таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, низоми доимоамалкунандаи баҳогузории таҳдидҳои беруна ба амнияти молиявии кишвар коркард, методологияҳои муосириояндабинӣ, ошкор намудан ва пешгирӣ кардани зуҳури омилҳое, ки ба амнияти молиявӣ таҳдид менамоянд таҳия, низоми назорати самарабахш ба таъмини амнияти молиявии кишвар ташкил, беқурбшавии асъор ва фирори сармояи миллӣ пешгирӣ карда шуда, ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба низоми молиявии ҷаҳонӣ вусъат бахшида шавад.

6. Барои ба ҳадди ақал расонидани таъсири бесуботии умумии бозори ҷаҳонӣ ба низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур аст низоми самараноки идоракунии хавфҳо коркард карда шавад, ки хавфҳои низомиро дар соҳаи қарз ба ҳаддӣ расонида, таъсири омилҳои субъективиро дар низоми молияи мамлакат кам гардонад ва устувории макроиқтисодии мамлакатро таъмин намояд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ УСТУВОРГАРДОНИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

## 3.1. Роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ.

Таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба авҷгирии таъсири омилҳои берунӣ зарурати пешниҳоди роҳҳои устуворгардонии онро бо дарназардошти таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, бунёди механизми самараноки ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидории кишварро тақозо менамояд. Дар баробари ин устуворгардонии амнияти молиявии кишвар ҳамчун қисми ҷудонашавандаи амнияти миллии он кафили фаъолияти бенуқсони тамоми мақомотҳои давлатӣ буда, фаъолияти соҳаҳои васеъи ҷомеа, ташкилоту корхонаҳо ва шаҳрвандонро дарбар мегирад. “Бо дарназардошти тавъам будани иштироки давлат дар равандҳои ҷаҳонишавӣ зарурати коркарди механизми нави таъмини амнияти иқтисодӣ пеш меояд”[67]. Дар чунин шароит низоми молиявии давлат ба сатҳи махсуси дастгирии давлатӣ ниёз дорад, ки онро тариқи қабули меъёрҳои махсуси маъмурию ҳуқуқӣ таъмин намудан мумкин аст. Устуворгардонии амнияти молиявии мамлакат пеш аз ҳама таъмини амнияти молиявиро дар унсурҳои асосии он, аз қабили молияи давлатӣ ва маҳаллӣ, молияи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, молияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро тақозо менамояд. Ташкили фаъолияти субъектҳои иқтисодии зикргардида оид ба огоҳиёбӣ, чораандешӣ ва пешгирии таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат худ яке аз роҳҳои асосии таъмини амнияти молиявии мамлакат ба шумор меравад. Дар ин раванд чораҳои таъмини амнияти молиявӣ нақши калидиро мебозанд ва

[67] Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику [Текст] / Д.Б. Кодирзода, К.Х. Хушвахтзода, Б.М.Джумъаев // Международные отношения и безопасность. - 2022. - №1(1). - С. 130-140.

онҳо маҷмӯи чорабиниҳои ташкилию идоракунӣ, ҳуқуқию сиёсӣ, иқтисодию ҳарбӣ ва махсусро дарбар мегиранд, ки ба ҳифзи объектҳои бахши молияи давлатӣ равона карда шуда, имконияти фаъолият намудан дар шароитҳои номусоиддатаринро таъмин менамоянд[68].

Ин чораҳо ҳамчунин маҷмӯи меъёрҳоеро ифода менамоянд, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ байни тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ дар раванди банақшагирӣ, ташаккулёбӣ, азнавтақсимкунӣ ва истифодабарии фондҳои пулӣ барои қонеъ гардонидани тақозои ҷамъиятӣ бавуҷуд меоянд, равона карда шудаанд.

Хусусиятҳои хосӣ чораҳои амнияти молиявӣ дар он таҷассум мeёбанд, ки агар аз як тараф онҳо маҷмӯи муносибатҳоро дар раванди ташаккулёбӣ ва истифодаи фондҳои марказонидашуда ифода намоянд, аз тарафи дигар онҳо меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи бахши молия, андоз ва буҷети кишварро фаро мегиранд.

Ҳамин тавр, барои устувор гардонидани амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи имрӯзаи рушди бахши молия ва ҳассос гардидани он аз воқеаҳои дар хоҷагии ҷаҳонӣ бавуқӯъоянда вобаста ба авҷгирии равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ, аз як тараф ва риоя нагардидани принсипҳои ҳаракати озоди мол, сармоя ва омилҳои истеҳсолот дар байни давлатҳои абарқудрат аз тарафи дигар чунин роҳҳои устуворгардонии амнияти молиявии мамлакатро пешниҳод менамоем (ҷадвали 3.1.1):

1. Таъмини мутавозинии қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва рушди устувории он дар давраи дарозмӯҳлат.

Таъмини мутавозинӣ ва устувории дарозмӯҳлати буҷети давлатӣ ҳумчун унсури таркибии низоми молияи давлат заминаи муҳим барои нигоҳдории сатҳи устувори рушди тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат ба шумор меравад. Ҳолати мутавозинии буҷети

[68] Моргун О.В. Понятие и основные особенности мер финансовой безопасности [Текст] / О.В. Моргун // Национальная безопасность. – 2014. - № 2(31). - С. 235-243.

давлатӣ барои рушди иқтисодиёт шароитҳои асосиро муҳайё сохта, барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва гуногунранг сохтани сохтори он замина фароҳам меоварад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккулёбӣ ва самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, ошкорсозӣ ва пешгирии хавфҳои фискалӣ аз тарафи мақомоти давлатии ваколатдор ба роҳ монда мешавад, ки салоҳиятҳои асосиро дар соҳаи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетию андозӣ доранд. Дар баробари дигар масъалаҳои ба ҷамъоварӣ ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ нақши ин мақомот дар таъмини ҳолати тавозунии буҷети давлатӣ, пешгирии хавфҳои ба он алоқаманд назаррас ба шумор меравад. Дар баробари ин баҳри таъмини рушди устувори буҷети давлатӣ зарур мегардад, ки механизми маҳдудкунии афзоиши хароҷотҳои буҷети давлатӣ коркард карда шуда, сарчашмаҳои иловагии ғайриандозии қисми даромади он аз ҳисоби рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши давлатӣ, истихроҷ, коркард ва фурӯши захираҳои табиӣ дарёфт карда шаванд. Ҳамзамон таъмини самаранокии татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти ташкили низоми пурраи коркарди алюминий ва пахта ҳамчун молҳои стратегии содироти мамлакат ва дигар молҳо, ки арзиши зиёди изофашуда доранд, метавонад сарчашмаҳои андозии буҷети мамлакатро зиёд гардонад.

Дар баробари ин, зарур аст талаботҳои иловагӣ оид ба таъмини устувории ташаккулёбӣ ва истифодаи буҷети давлатӣ ҷорӣ карда шавад, ки ӯҳдадориҳои қисми хароҷоти онро бо таъмини захираҳои молиявӣ дар асоси принсипҳои шаффофият ва афзалнокӣ кафолат диҳад. Истифодаи усулҳои барномаву ҳадафнокии татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин раванд метавонад барои баланд бардоштани самаранокии хароҷотҳои буҷетӣ ҳам дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи буҷетӣ маҳаллӣ заминаи устувореро дар ин самт бунёд созад.

Ҷадвали 3.1. - Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

| | Самтҳо | Маҷмӯи чорабиниҳои татбиқшаванда |
|---|---|---|
| АМНИЯТИ БУҶЕТИЮ МОЛИЯВӢ | Таъмини мутавозинии қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва рушди устувории он дар давраи дарозмӯҳлат | - баланд бардоштани эътимоднокии пешгӯиҳои иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети давлатӣ вобаста ба он;<br>- ташаккулдиҳии буҷети давлатӣ аз рӯи пешгӯиҳои дарозмуҳлати ба вазъи воқеии иқтисодиёти кишвар асоснокшуда;<br>- таъмини тамомияти баҳисобгирии захираҳои молиявӣ;<br>- банақшагирии маблағҳои буҷетӣ дар асоси зарурати иҷрои бечунучарои ӯҳдадориҳои хароҷотии мавҷуда;<br>- нигоҳдории қарзи давлатӣ ва сохтори он дар сатҳи муътадил ва амн. |
| | Мукаммалгардонии низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет | - баланд бардоштани самараноки аудити давлатии молиявӣ;<br>- пурзур намудани назорат аз рӯи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ дар бахши молия;<br>- васеъ намудани фарогирии вазифаҳои назорат аз болои тамоми субъектҳои низоми молияи давлатӣ;<br>- мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар самти муқаррар намудани стандартҳои ягона барои тамоми сатҳҳои низоми буҷет. |
| АМНИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ | Коркард ва татбиқи механизми танзими муносибатҳои байнибуҷавӣ | - мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар мамлакат;<br>- аз нав дида баромадани салоҳиятҳои сатҳҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ташаккулёбӣ ва истифодаи бахши даромад ва хароҷоти буҷети мамлакат;<br>- коркарди маҳакҳо ва меъёрҳои расонидани кӯмакҳои молиявӣ дар асоси шароитҳои амалишавии низоми буҷет;<br>- чораандешӣ оид ба сабукгардонии дараҷаи вазнинии андозҳо. |
| | Бунёди шароит барои баланд бардоштани сифати идоракунии молиявии мақомотҳо ва идораҳои бахши молияи мамлакат | - рушди методологияи идоракунии молиявӣ дар бахши идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ;<br>- расонидани дастгири методии кормандони ҷавони бахши молияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар самти баланд бардоштани сифати идоракунии молиявӣ;<br>- таъмини меъёрӣ, ҳуқуқии рушди назорати дохилӣ дар самти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. |

*Идомаи ҷадвали 3.1.*

| | Самтҳо | Маҷмӯи чорабиниҳои татбиқшаванда |
|---|---|---|
| АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ НИЗОМИ БУҶЕТ | Рушди низоми назорати давлатӣ ва маҳаллии молиявӣ | - ташкили назорати давлатии молиявӣ аз рӯи стандартҳои қабулгардидаи байналмилалӣ;<br>- ҷудосозии салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ дар самти назорати дохилӣ ва берунии молиявӣ;<br>- мукаммалгардонии усулҳо ва шаклҳои назорати давлатии молиявӣ;<br>- устуворгардонии назорати раванди иҷроиши буҷет ва риояи талаботҳои қонунгузорӣ дар ин самт;<br>- устуворгардонии назорат аз рӯи истифодаи сарчашмаҳои буҷетӣ. |
| | Рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатӣ | - мусоидат намудан ба гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар мамлакат;<br>- татбиқи технологияи рақамӣ дар раванди идоракунии молияи давлатӣ;<br>- автоматикунонии раванди банақшагирӣ, ташаккулёбӣ ва тақсимоти воситаҳои пулии буҷети давлатӣ. |
| АМНИЯТИ АНДОЗӢ | Таъмини фаъолияти самаранокии низоми андоз | - мукаммал намудани дараҷаи самаранокӣ ва мустақилияти сиёсати андозӣ;<br>- баланд бардоштани нақши пардохтҳои андозӣ дар истиқлолияти молиявии мамлакат;<br>- нигаронидани сиёсати андозӣ ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт ва фаъолноксозии равандҳои инноватсионӣ;<br>- истифодаи вазифаҳои андоз ҳамчун механизми таъмини амнияти иқтисодӣ;<br>- таъмини риояи принсипҳои адолатнокӣ, мутавозинӣ ҳангоми татбиқи сиёсати андозӣ. |
| АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ | Таъмини самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия | - рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҷумҳурӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ;<br>- баланд бардоштани нақши ташкилотҳои байналмилии молиявӣ дар сармоягузории иқтисодиёти кишвар;<br>- дарёфти роҳҳои нави ҷалби сарчашмаҳои қарзӣ аз ташкилотҳои байналмилалӣ;<br>- коркарди механизми назорати мақсаднок истифода шудани захираҳои қарзии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ |
| АМНИЯТИ АСЪОРӢ | Бунёди низоми самараноки танзими асъор ва назорати асъор. | - мукаммалгардонии механизми ҳифзи воҳиди асъори миллӣ, бозори асъор, молия;<br>- пешгирии фаъолияти иқтисодии берунии ғайриқонунӣ;<br>- пешгирии баровардани воситаҳои пулӣ ба хориҷа тариқӣ маҷроҳои ғайриқонунии интиқоли пул. |
| АМНИЯТИ ҚАРЗӢ | Идоракунии самараноки қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | - самаранокгардонии қарзи давлатӣ;<br>- пурзӯр намудани назорати маъмурӣ аз болои анбӯҳҳои молиявии давлат;<br>- татбиқи тағйироти куллии институтсионалӣ, ки фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам меорад. |

**Сарчашма**: Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

2. Бунёди шароит барои баланд бардоштани сифати идоракунии молиявии мақомотҳо ва идораҳои бахши молияи мамлакат.

Мукаммалгардонии шароитҳо ва равишҳои идоракунии молияи давлатӣ нақши муҳимро дар беҳдошти сифати хизматрасониҳои буҷетӣ мебозад. Зеро он ба интихоби самти истифодашавии воситаҳои буҷетӣ, дастрасии захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии хароҷотҳои буҷетӣ ҳангоми маблағгузории соҳаҳои иҷтимоиёт таъсир расонида, боварии аҳолиро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳисоботдиҳӣ, шафофияти истифодаи захираҳои давлатии молиявӣ баланд мебардорад. Дар ин раванд зарур аст, ки равиши умумии идоракунии молиявӣ дар мақомоти танзимкунандаи бахши молияи кишвар ҷорӣ карда шавад, ки тамоми ҷанбаҳои молияи давлатиро фаро гирифта, устувории молияи давлатиро дар асоси ташаккулёбӣ ва тақсимоти саривақтии захираҳои буҷетӣ кафолат диҳад.

Рушди низоми баҳодиҳӣ, мониторинг ва назорати сифати идоракунии молия дар сатҳҳои гуногун унсури муҳимми таъмини самаранокии молияи давлатӣ ба шумор меравад.[69] Дар ин асос идоракунии молиявӣ мавҷудияти низоми самараноки назорат ва аудитро, якҷоя бо мониторинг ва баҳогузории хавфҳои молиявӣ тақозо менамояд. Гузаронидани мониторинги сифати идоракунии молияи давлатӣ аз тарафи мақомоти асосии танзимкунандаи захираҳои буҷетӣ ва шабакаҳои маҳаллии онҳо яке аз самти муҳимми сиёсати буҷетӣ ба шумор меравад, ки барои ошкорсозии мушкилот дар самти молияи мамлакат ва қабули саривақтии чораҳои ислоҳотӣ имконият меоварад.

3. Рушди низоми назорати давлатии молиявӣ.

Мушкилоти назорати давлатии моливӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар самти таъмини амнияти молиявӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии

---

[69] Пятанова В.И. Развитие инструментария финансового менеджмента в российских университетах [Текст] / В.И. Пятанова, Н.Н. Шаш // Вестник РЭУ им. Г. В. Плеханова. - 2018. - №3(99). - С. 123-130.

Тоҷикистон низоми назорати қисми даромад ва хароҷоти давлатӣ беҳбудиро тақозо менамояд. Зеро вогузор намудани чунин назорат танҳо ба зиммаи мақомоти андоз, ки масъули ҷамъоварии андозҳо ба шумор меравaнд, пайгирии вазъи воқеии иқтисодии андозсупорандагонро кам ба инобат мегиранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мақомоти давлатии назорати молиявӣ аз рӯи қонунгузорӣ Палатаи ҳисоб баромад менамояд[70]. Дар баробари ин вазифаҳои алоҳидаи назорати молиявӣ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳури Тоҷикистон ва як қатор ширкатҳои аудиторӣ вогузор карда шудааст. Аммо теъдоди мақомоти зикргардида ниҳоӣ набуда, баъзе аз вазифаҳои дигари назорати молиявӣ ба дигар мақомотҳои давлатӣ низ вогузор карда шудаанд.

Низоми назорати молиявӣ маҷмӯи чораҳои назоратиро дар самти назорати қонунӣ будани истифодаи имтиёзҳо, батаъхиргузории пардохтҳои андозӣ, саривақт пурра ба буҷет воридшудани пардохтҳои андозӣ, таъмини риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти буҷет, назорат аз болои маблағгузории иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва шартҳои гирифтани трансфертҳои байнибуҷетиро дарбар мегирад. Дар ин раванд боз ҳам мукаммал намудани асосҳои ҳуқуқии танзими соҳа ва дақиқтар муайян кардани ваколатҳои мақомоти танзимкунандаи соҳа, баҳри пешгирии такроршавии ваколатҳо зарур шуморида мешавад.

Ҳамин тариқ, мукаммалгардонии низоми назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки захираҳои давлатии молиявӣ ҳадафнок истифода карда шуда, ҳаракати анбӯҳҳои молиявӣ аз марказ ба истифодабарандагон дуруст ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин эҳтимолияти истифодаи ғайримақсадноки захираҳои пулии буҷет паст

---

[70] Давлатзода Д.А. Формирование стратегических направлений развития и реформирования государственного финансового контроля в Республике Таджикистан [Текст] / Д.А. Давлатзода // Финансы: теория и практика. – 2022. - Т. 26. - № 3. - С.146-156.

карда шуда, риоя нагардидани талаботҳои қонунгузориҳои соҳа пешгирӣ карда мешавад.

4. Бунёди низоми самараноки танзими асъор ва назорати асъор.

Низоми назорати асъор ва танзими асъор қисми муҳимми таъмини амнияти молиявии мамлакат ба шумор меравад, ки ба нигоҳ доштан ва баланд бардоштани устувории фаъолияти иқтисодиёт, таъмини устувори иқтисодӣ ва молиявии мамлакат равона карда шудааст. Дар шароити авҷгирии таҳдидҳои беруна ба амнияти молиявӣ мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ оид ба амалисозии амалиётҳои асъорӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз самаранокии низоми танзими асъорӣ ва назорати асъорӣ сатҳи рушди иқтисодиёт, устувории асъори миллии давлат, устувории низоми молия ва муҳити сармоягузорӣ дар кишвар алоқаманд аст.

Танзими асъорӣ ин маҷмӯи зиёди чораҳое мебошанд, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, маъмурӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ ба роҳ монда мешаванд. Он қисми муҳимми сиёсати асъорӣ ба шумор меравад, ки на танҳо механизми назорати раванди риояи қонунгузории мамлакатро аз тарафи субъектони фаъолияти хоҷагидор ва механизми устуворгардонии асъори миллӣ ифода менамояд, балки фишанги муҳимми таъмини амнияти молиявӣ ва иқтисодии мамлакат мебошад.

Аз ин лиҳоз, барои самаранок истифода намудани равандҳои асъорӣ дар раванди устуворгардонии амнияти молиявӣ назорати мунтазами амалиётҳои байналмилалии тиҷоратӣ пеш меояд. Сатҳи устувори рушди истеҳсолоти миллӣ, рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар хориҷи мамлакат бевосита ба устувории асъори миллӣ алоқаманд аст.

Дар баробари ин устувории амнияти молиявӣ дар сатҳи баланд ба устувории асъори миллӣ, равандҳои дар раванди ҳаракати пул бавуқӯъоянда, низоми қарзӣ ва сиёсати қарзӣ алоқаманд аст. Ҷалби сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт низ ба самаранокии сиёсати асъорӣ ва танзими асъор алоқаманд аст.

Ҳамин тавр танзими асъорӣ на танҳо омили муҳимми сиёсати асъорию молиявии мамлакат ба шумор меравад, балки дар сатҳи муайян хусусияти муносибатҳои шарикии иқтисодии мамлакатро ба давлатҳои хориҷӣ ифода менамояд. Риояи меъёрҳои раванди танзими асъори имконият медиҳад, ки манфиатҳои миллӣ ва иқтисодии давлат ҳифз карда шуда, амнияти молиявии он таъмин карда шавад.

Дар шароити муосир ҳангоме, ки муносибатҳои иқтисоди байни давлатҳои Ғарб ва шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаб қарор дорад, ҳолати ноустуворӣ дар низоми асъор метавонад, сабаби берун рафтани сармоя аз иқтисодиёти кишвар гардад, ки ба амнияти молиявии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад. Мукаммалгардонии воситаҳои назорати асъор ва танзими асъор шаффофияти анбӯҳҳои пулиро таъмин намуда, гурезиши сармояро ба хориҷа пешгирӣ менамояд. Нақши муҳимми назорати асъорӣ дар баробари мустаҳкамкунии амнияти молиявӣ боз дар он таҷассум меёбад, ки он нисбати маблағгузории фаъолиятҳои ғайриқонунӣ муқовимат намуда, имконияти қонуникунонии пулҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашударо бекор месозад. Ҳар як амалиётҳои сохтакоришуда оид ба фурӯши мол ва хизматрасонӣ дар хориҷа ва ё аз хориҷа сабаби ворид нагардидани маблағҳои муайяни андозӣ аз қабили боҷи гумрукӣ, андоз аз арзиши изофашуда, андоз аз даромад ба буҷети давлат мегардад.

Аз ин лиҳоз, васеъ намудани салоҳиятҳои мақомоти танзимкунандаи асъор ва назораткунандаи амалиётҳои асъорӣ дар самти мониторинги ҳаракати сармояи хориҷӣ дар дохили мамлакат, на танҳо имконият медиҳад, ки амалиётҳои содиротию воридотӣ назорат карда шавад, балки нисбати берун рафтани сармоя аз кишвар чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки чораҳои танзими назорати асъор ва танзими асъор бояд на ба он дараҷае шадид бошад, ки сабаби зиёдшавии қочоқ, пайдоиши бозори сиёҳи асъор ва коҳиши қобилияти харидории асъор гардад.

5. Мукаммалгардонии низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет.

Аудити давлатӣ самти муҳимми устуворгардонии бахши молия ва пешгирикунандаи истифодаи ғайримақсадноки захираҳои буҷетӣ ба шумор меравад. Дар ин самт нақши Палатаи ҳисоб хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Он имконият медиҳад, ки самаранокӣ ва натиҷанокии идоракунии давлатӣ баланд бардошта шуда, шаффофияти раванди кори мақомоти танзимкунандаи вазъи молиявии давлат таъмин карда шавад. Ҳангоми гузаронидани аудити давлатӣ аз тарафи мақомоти салоҳиятдор дар раванди буҷет зарур аст, ки диққати аввалиндараҷа барои иҷроиши талаботҳои ҷойдошта ба сохторҳои ҳисоботдиҳанда дар ҳар як давраи ҳисоботӣ зоҳир карда шавад. Дар баробари ин фаъолияти мақомоти салоҳиятдори аудити молияи давлатӣ бояд тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии муассисаҳои буҷетиро дарбар гирад.

6. Таъмини фаъолияти самаранокии низоми андоз.

Амалисозии сиёсати самараноки андозӣ яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодиёт, ташаккулёбии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии иқтисодиёти соягӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолнокии сармоягузорӣ ба шумор меравад[71]. Қобилияти давлат дар мустақилона ташаккул додани захираҳои худии молиявӣ дараҷаи истиқлолияти онро ҳангоми амалисозии сиёсати дохилӣ ва берунӣ ифода менамояд. Сиёсати андозӣ бояд ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт равона карда шуда, дар баробари он зарур аст, ки мутавозинии қисми даромад ва хароҷоти буҷети мамлакат таъмин карда шавад. Ташаккулдиҳии ҳавасмандӣ барои фаъолноксозии инноватсионии андозсупорандагон, ҳамчунин дастгирии ақидаҳои инноватсионӣ ҳадафҳои асосии ташаккули низоми самараноки андоз ба шумор меравад.

---

[71] Хамидова С.Х. Формирование механизма повышения эффективности налоговой нагрузки в Республике Таджикистан [Текст] / С.Х. Хамидова // Endless light in science. - 2022. – С. 275 – 280.

Сохтори низоми андоз ҳамчун механизми таъмини амнияти иқтисодӣ ба воситаи иҷроиши вазифаҳои он, аз қабили вазифаи фискалӣ, танзимкунанда, назорат, иҷтимоӣ, ҳавасмандкунанда ва ғ. амалӣ карда мешавад. Бо ибораҳои дигар истифодаи фишангҳои андозӣ бо мақсади таъмини амнияти молиявӣ ба воситаи муқаррар сохтани сатҳи мутавозинии вазифаҳои алоҳидаи худи низоми андоз амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии он ташаккули сатҳи оптималии сатҳи буҷет ба шумор меравад, ки имкон медиҳад амнияти молиявии мамлакат таъмин карда шавад. Ҳангоми ташаккули механизми низоми андоз, ки ба таъмини амнияти молиявии мамлакат нигаронида шудааст, бояд принсипҳои адолатнокӣ, мутавозинии низоми андоз дар мадди аввал гузошта шуда, интихоби фишангҳо ва воситаҳои он вобаста ба ҳадафҳои стратегии мамлакат ба роҳ монда шавад.

7. Идоракунии самараноки қарзи берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Идоракунии самараноки қарзи берунӣ яке аз унсурҳои муҳимми идоракунии тамоми низоми молияи давлатӣ ба шумор меравад. Ба самаранокии идоракунии қарзи берунии давлатӣ маҷмӯи омилҳои васеъ таъсир мерасонанд, ки бевосита ба сиёсати қарзии мамлакат алоқамандand[72].

Таҷрибаи давлатҳои бисёре аз ҷаҳон нишон медиҳад, ки низоми ғайрисамараноки идоракунии қарзи берунӣ омили пайдоиш ва доманпаҳнкунии бухронҳои иқтисодӣ мегардад. Усулҳои хавфноки идоракунии қарзи берунӣ низоми хоҷагидории миллиро осебпазир мегардонад. Сатҳи баланди қарзи берунӣ ба болоравии фоизи қарз оварда мерасонад, ки ба бахши воқеии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Болоравии вобастагӣ ба қарзи берунӣ ба қурби асъор фишор меоварад, дар татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ вазнинӣ меорад.

[72] Косов М.Е. Факторы роста эффективности управления государственным долгом [Текст] / М.Е. Косов // Вестник университета. – 2020. - №12. - С. 5-11.

Аз ин лиҳоз зарур мегардад, ки воситаҳо ва механизмҳои идоракунии қарзи хориҷӣ ба воситаи маблағҷалбкунии дубора, таҷдиди сохтори қарз, хусусгардонии моликияти давлатӣ дарёфт карда шавад.

Мақсади асосии идоракунии қарзи берунии давлатӣ маблағгузории самараноки тақозои давлатӣ дар захираҳои қарзӣ ва иҷроиши саривақтӣ ва бечунучарои ӯҳдадориҳои қарзӣ ба шумор меравад[73].

Мукаммалгардонии низоми идоракунии қарзи берунӣ ба андешаи мо бояд ба самараноккунонии қарзи давлатӣ, устуворгардонии назорати давлатӣ аз болои анбӯҳҳои молиявии давлатӣ, амалисозии тағйироти институтсионалии куллӣ дар самти бунёди фазои мусоиди сармоягузорӣ равона карда шуда бошад.

Дар баробари ин, зарур аст, ки маҳдудияти ҷалби қарзи берунӣ вобаста ба вазъи макроиқтисодии кишвар нигоҳ дошта шуда, сохтори қарзи беруна аз ҳисоби баланд бардоштани ҳаҷми қарзҳои сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои сердаромад хубтар карда шавад. Илова бар ин, зарур аст, ки хароҷотҳои барои хизматрасонии қарзи давлатӣ кам карда шуда, сиёсати оқилонаи ҷалб ва истифодаи мақсадноки қарзи берунӣ ба роҳ монда шавад.

8. Рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатӣ.

Рақамикунонии соҳаи молия раванди ворид намудан ва татбиқи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсиониро ҳангоми банақшагирӣ, ташаккулёбӣ ва тақсимоти воситаҳои пулии буҷети давлатиро ифода менамояд. Гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати муосир зарурати рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатиро ба вуҷуд меорад. Технологияи иттилоотӣ ҳамчун натиҷаи дастовардҳои илми муосир имкониятҳои нав ва воқеиро барои беҳтарсозии хусусиятҳои сифатии низоми идоракунии молияи давлатӣ фароҳам овард. Тадбиқи

[73] Менлашева Н.М. Совершенствование механизмов управления государственным внешним долгом [Текст]: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Н.М. Менлашева. – Душанбе, 2021. - С. 113. - 206 с.

технологияи рақамӣ дар раванди идоракунии молияи давлатӣ самаранокии идоракунии молияи давлатиро баланд бардошта, хароҷотҳои дар ин самт ба амалояндаро аз қабили хароҷотҳои пулӣ, вақтӣ ва меҳнатиро кам мегардонад. Дар баробари ин таъсири омилҳои инсонӣ ба амнияти молиявӣ ба ҳадди ақҷал расонида шуда, сатҳи коррупсия дар сохторҳои молияи давлатӣ паст карда мешавад. Илова бар ин, раванди худкори ҷамъоварӣ, таҳлил ва натиҷагирии маълумоти оморӣ дар самти молия, андоз ва буҷет ба роҳ монда шуда, шаффофияти иттилоотҳо оид ба фаъолияти мақомоти давлатии молия таъмин карда мешавад.

9. Таъмини самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия.

Новобаста аз оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ узви ташкилотҳои бонуфузи молиявӣ аз қабили ХБА, Бонки ҷаҳонӣ ва ғ. гардидааст, рушди минбаъдаи ҳамкориҳои он бо чунин ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти устуворгардонии вазъи молиявии давлат беҳбудиро тақозо менамояд. Зеро дар муқоиса ба давлатҳои алоҳида, аз қабили Ҷумҳурии Халқии Чин ва Федератсияи Россия, ки сармоягузорони асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд, нақши ин ташкилотҳои молиявии зикргардида, ҳоло дар сармоягузории иқтисодиёти кишвар назаррас нест. Бартарияти ҷалби сармоягузориҳо ва сарчашмаҳои қарзӣ дар ин созмонҳо дар он таҷассум меёбад, ки онҳо захираҳои қарзиро бо арзиши пасттар нисбати арзиши бозории қарз бо шароитҳои нисбатан мусоидтар пешниҳод менамоянд.

Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор ташкилотҳои дигари моливӣ ҳамкориҳоро дар асоси қарордод ба роҳ мемонад, ки имконияти ҷалби сарчашмаҳои қарзиро аз фондҳои пулии онҳо фароҳам меоварад. Одатан Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, ки сарчашмаҳои қарзиро аз ХБА барои рӯпуш кардани касри тавозуни пардохт, Бонки ҷаҳонӣ барои гузаронидани ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд қарзҳо ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷалб намояд.

Илова бар ин, зарур мегардад, ки механизми назорати мақсаднок истифода шудани ин захираҳои қарзӣ коркард карда шавад, то он, ки ҷалби қарзи берунӣ аз ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ асоснок ва самарабахш бошад. Зеро дар таърихи истифодаи чунин қарзҳо ҳолатҳои ғайримақсаднок истифода шудани онҳо ҷой доштанд, ки сабаби паст гардидани боварии институтҳои байналмилалии молиявӣ ба бахши молияи кишвар мегардад.

10. Коркард ва татбиқи механизми танзими муносибатҳои байнибуҷавӣ.

Қисми муҳимми сиёсати буҷетӣ мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ ба шумор меравад. Дар асоси он равишҳои муқаррар намудани сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ дар ташаккулёбӣ ва истифодаи бахши даромад ва хароҷоти буҷети мамлакат коркард карда шуда, маҳакҳо ва меъёрҳои расонидани кӯмакҳои молиявӣ дар асоси шароитҳои амалишавии низоми буҷет ба роҳ монда мешавад[74]. Бо ибораи дигар муносибатҳои буҷети байни буҷети давлатӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ такмил дода мешавад, ки дар асоси он сиёсати буҷетӣ татбиқ мегардад. Тақсим намудани салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ дар бахши ҷамъоварии андозҳо ва сабук гардонии дараҷаи вазнинии андозҳо ба қисматҳои гуногуни иқтисодиёт омили муҳимми устуворсозии бахши молия ба шумор меравад. Он самаранокии бахши ҷамъиятиро муқаррар намуда, чораҳои таъсиррасонии буҷетро ба иқтисодиёт ва махсусан барои ташаккулёбии зерсохтори хоҷагидорӣ муқаррар месозад. Коркард ва татбиқи механизми танзими муносибатҳои байнибуҷавӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ имконият медиҳад, ки ҷудосозии имтиёзҳои иловагӣ дар самти ӯҳдадориҳои хароҷотии буҷети кишвар кам карда шуда,

---

[74] Джурахонзода Б. Дж., Баротов А. Х. Роль межбюджетных отношений в социально-экономическом развитии регионов Республики Таджикистан [Текст] / Б.Дж. Джурахонзода, А.Х. Баротов // Финансово-экономический вестник. Таджикский государственный финансово-экономический университет. – Душанбе, 2019. - №3(19). -С. 157-165.

самаранокии идоракунии тамоми сатҳҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ таъмин карда шавад.

Ҳамин тавр, амалисозии роҳҳои зикргардида, имконият медиҳад, ки сатҳи амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста бо ҳифзи манфиатҳои мамлакат устувор гардонида шуда, самаранокии ислоҳоти гузаронидашаванда дар бахши молия таъмин карда шавад.

Яке аз принсипҳои асосии амалишавии низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти буҷет ба шумор меравад[75]. Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат, афзоиши аҳолӣ, авҷгирии равандҳои шаҳрнишинишавӣ омилҳои асосии афзоиши ҳаҷми буҷетҳои маҳаллӣ ба шумор меравад.

Буҷетҳои маҳаллӣ қисми муҳимми низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравaнд. Гузаронидани маблағҳои пулӣ аз марказ ба сатҳи маҳаллӣ нуқтаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои байнибуҷетиро муайян мекунанд.

Ҷустуҷӯи оқилонаи ҳалли роҳҳои рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ дар минтақаҳо зарурати дар шакли қонунӣ мустаҳкам намудани салоҳиятҳои буҷетиро байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷетҳои маҳаллӣ, мукаммалгардонии низоми баҳогузории воқеии талаботҳо ба хароҷотҳо дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ, коркарди стандартҳои ҳадди аққали давлатиро тақозо менамояд [2, 51][76].

Дар баробари роҳҳои пешниҳод гардида, барои бунёд ва устувор гардонии амнияти молиявӣ гузаронидани ислоҳот дар самти бозомӯзии кадрҳо дар соҳаҳои молия, маориф, адлия, тандурустӣ ва андоз зарур

---

[75] Балаев М.А. Основные этапы развития бюджетной системы и межбюджетных отношений в Республике Таджикистан [Текст] / М.А. Балаев // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. - Санкт-Петербург, 2009. - №1. - С. 134-140.

[76] Гуломзода М.Ф. Особенности и проблемы бюджетной поддержки региональной экономики в Республике Таджикистан [Текст] / М.Ф. Гуломзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Таджикский государственный университет коммерции. – 2018. - №2(23). - С. 51-59.

шуморида мешавад. Соҳаҳои зикргардида, устувории низоми молияи кишварро кафолат медиҳанд ва низоми одилонаи истифодабарии захираҳои молиявиро коркард ва назорат менамоянд.

Ҳамчунин рушди ҳамгироии қисматҳои амнияти молиявӣ дар сатҳи давлатӣ, бахши хусусӣ, корхонаву ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ имкон медиҳад, ки устувории низоми молиявӣ дар тамоми сатҳҳо таъмин карда шуда, саводнокии молиявии тамоми аҳолии мамлакат баланд бардошта шавад, то онки малакаҳои ташаккулдиҳӣ ва истифодабарии фондҳои пулӣ дар тамоми сатҳҳо бо муқаррар кардани ҳадафҳои дарозмӯҳлат ва интихоби самараноки маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ба роҳ монда шавад. Таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмуддат аст ва метавонад дар ячейкаҳои аввалини молиявии давлат оғоз гардад.

Ташкили низоми омӯзиши молияи давлат, корхонаҳо ва оила дар марҳилаҳои аввали таҳсилот имконият медиҳад, ки малакаи оқилона истифода намудани захираҳои молиявӣ аз тарафи тамоми ҷомеа таъмин карда шавад.

Ҳамин тавр, устуворгардонии амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҷоди шароитҳои мусоидтарин дар самти рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам меоварад. Новобаста аз оне, ки устуворгардонии амнияти молиявӣ дар давраи буҳрони низоми иқтисодӣ барои давлатҳои иқтисодиёти хурди кушод дошта нисбатан душвор аст, татбиқи тавсияҳои илмии овардашуда то андозае дар устуворгардонии молиявии мамлакат саҳмгузор хоҳад буд.

## 3.2. Механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ.

Рушди бахши молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон таъмини рақобатпазирии он дар шароити ҷаҳонишавӣ дар баробари омилҳои дигари беруна ба вазъи амнияти иқтисодии кишвар алоқаманд аст.

Масъалаи таъмини амнияти молиявӣ  дар замони муосир, ки таъсири низомҳои байналмилалии молиявиро ба иқтидори молиявии кишварҳо дучанд кардааст, мубрам гардида моҳияти махсусро дар таъмини амнияти умумии беруниқтисодии давлат кашф менамояд. Вобаста ба вазъи нишондиҳандаҳои молиявии кишвар таъмини назорати ҳолати онҳо метавонад, ки дараҷаи таҳдидҳои берунаро ба сатҳи рушди иқтисодии кишварҳо паст гардонад.

Аз ин лиҳоз, амнияти молиявӣ маҳаки фаъолияти самараноки мамлакат ба шумор меравад. Бе таъмин намудани амнияти молиявии кишвар дар амалия ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ барои ҳар як мамлакат имконнопазир мегардад.

Ҳамин тавр дар шароити тағйирдиҳии сохтори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ аз иқтисодиёти аграрӣ зарурати ташаккулдиҳӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ пеш меояд, ки ҷудо намудани тавуҷҷӯҳи хоссаро ба масъалаҳои амнияти молиявӣ бозҳам дучандтар мегардонад.

Новобаста аз оне, ки амнияти молиявии дилхоҳ давлатро истиқлолияти молиявии он ташкил мекунад, на ҳаммаи давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ имконияти қонеъ намудани эҳтиёҷоти иқтисодиёташонро бо захираҳои молиявии дохилӣ доранд.

Аз ин рӯ, дар шароити норасогии сарчашмаҳои пулӣ дар иқтисодиёт сарчашмаҳои берунии молиявӣ аз қабили сармояи ташкилотҳои байналмилалии молиявию қарзӣ, давлатҳои алоҳида, ширкатҳои фаромилалӣ, маблағгузориҳои корпоративӣ ва хусусии хориҷӣ васеъ истифода карда мешаванд, ки дар баробари ҳалли масъалаҳои маблағгузорӣ таҳдидҳои муайянеро низ ба вуҷуд меоранд.

Низоми молия воситаи асосии иҷроиши ӯҳдадориҳои давлат дар назди аҳолӣ ба шумор меравад, ки дар навбати худ ба сатҳи бовари халқ нисбати давлат таъсири мусбат расонида, рушди устувори муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд.

Аз ин лиҳоз, тамоми табақаҳои ҷомеа ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба рушди устувори низоми молиявӣ ҳавасманд мебошанд. Дар баробари ин монанди дигар соҳаҳои фаъолияти давлат ба амнияти молиявии он муҳити сиёсии давлат таъсир мерасонад.[77]

Барои таъмини самараноки амнияти молиявии мамлакат зарурати муқаррарсозии таҳдидҳо ба он пеш меояд. Зери мафҳуми таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ шаклҳои бевосита ва дақиқи осеб ё маҷмӯи шароитҳо ва омилҳое фаҳмида мешаванд, ки ба манфиати давлат, корхона, ҷамъият, шаҳрвандон ва ҳамчунин ба ҳифзи арзишҳои миллӣ хатар эҷод менамояд[78].

Таҳдидҳои амнияти молиявии давлат маҷмӯи омилҳоеро ифода менамояд, ки ба вазъи молияи иқтисодиёт дар умум ва унсурҳои алоҳидаи он дар алоҳидагӣ таъсири манфӣ расонида, вазъи иқтисодиётро ноустувор мегардонад ва рушди муътадили ҷомеаро халалдор месозад ва ҳамчунин хатари назаррас ба манфиатҳои муҳимми шахсият, ҷамъият, давлат ва бахши молия мерасонад[79].

Таҳдидҳои амнияти молиявии давлат эҳтимолияти сар задани чунин ҳодисаро дар бахши молия ифода менамояд, ки раванди такрористеҳсолотро халалдор намуда, рушди иқтисодиёти давлатро ноустувор ва сенарияҳои буҳронии онро зиёд мегардонад[80].

Ҳамин тавр, таҳдидҳои амнияти молиявӣ ба манфиатҳои молиявии шахсиятҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Ба таҳдидҳои амнияти молиявӣ дар сатҳи давлат буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ, таъсири иқтисодиёти соягӣ ба низоми молия, гурези

---

[77] Воробьев Ю.Н. Финансовая безопасность государства [Текст] / Ю.Н. Воробьев, Е.И. Воробьева, А.С. Мощева, Л.П. Гончаренко // Научный вестник: финансы, банки, инвестиции. – Москва, 2016. - №2. – С. 14-17.

[78] Ҳамон ҷо

[79] Фелюст А.А. Организация противодействия угрозам финансовой безопасности Российской Федерации [Текст]: автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук / А.А. Фелюст. – Москва, 2011. – 21 с.

[80] Мальцева И. Разработка методических основ формирования индикаторов финансовой безопасности экономики России [Текст]: диссертация на соискание кандидата экономических наук / И. Мальцева. - Москва, 2006. – 226 с.

сармоя ба хориҷа, номувофиқатии ақидаҳои мақомоти идоракунӣ оид ба тақсимот ва истифодаи захираҳои низоми буҷет, халалдоршавии вазъи молиявӣ ва ғ. дохил мешаванд[81].

Байни таҳдидҳои амнияти молиявӣ заифии низоми молия, мушкил будани ҷамъоварии андозҳо, аз ҷиҳати молиявӣ рушд накардани баъзе минтақаҳои мамлакат мавқеи махсусро иҷро мекунад. Таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ, таҳдидҳо ба амнияти бозори фондӣ, буҷет, низоми молия ва низоми бонкиро дарбар мегиранд.

Дар умум, таҳдидҳои амнияти молиявиро ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо менамоянд. Таҳдидҳои берунӣ, берун аз давлат бавуҷуд меоянд ва ба вазъи молия, низоми молиявии давлат таъсири бавосита ва бевосита мерасонанд.

Миқдори таҳдидҳое, ки дар дохили давлат ба вуҷуд меоянд аз таҳдидҳои беруна зиёданд. Аммо, новобаста аз ин онҳо нисбатан танзимшаванда мебошанд ва дар раванди гузаронидани ислоҳоти оқилона онҳоро бартараф намудан мумкин аст. Аз тарафи дигар, онҳо нисбатан хатарноканд, зеро ба устувории низоми молия ва иқтисодиёти кишвар марҳила ба марҳила таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар баробари ин таҳдидҳои дохилӣ метавонад, таҳдидҳои беруниро заифтар ё фаъолтар гардонанд.

Дар баробари гурӯҳбандии таҳдидҳо ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ онҳоро ба таҳдидҳои мустақим ва ғайримустақим ҷудо намудан мумкин аст. Таҳдидҳои мустақим ё бавосита таҳдидҳое мебошанд, ки ба объекти амният таъсири мустақими манфӣ мерасонанд. Таҳдидҳои ғайримустақим бошад, ба объекти амният ҳангоми мавҷудияти дигар омилҳои иловагӣ таъсир хоҳанд расонид.

---

[81] Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику [Текст] / Д.Б. Кодирзода, К.Х Хушвахтзода, Б.М.Джумъаев // Международные отношения и безопасность. - 2022. - №1(1). - С. 130-140




**Расми 3.1. - Таҳдидҳои амнияти молиявии мамлакат дар шароити чаҳонишавӣ.**

**Сарчашма:** Буркальцева Д.Д. Классификация угроз финансовой безопасности государства в контексте трансформации социально-экономической системы [Текст] / Д.Д. Буркальцева, О.Г. Блажевич, О.А. Гук, А.С. Тюлин, Н.С. Сафонова // Бизнес. Образование. Право. - 2018. - №4(45). - С. 46 – 53.

Таҳдидҳои берунӣ хусусияти системавӣ дошта, таҳдидҳои дохилиро вазнинтар менамоянд[82]. Сабабҳои болоравии таҳдидҳои беруна ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба байналмилалишавии хоҷагии ҷаҳонӣ, авҷгирии равандҳои фаромилалишавӣ, авҷгирии рақобати

[82] Клоков Е. А. Финансовая безопасность государства: сущность и современные угрозы [Текст] / Е.А. Клоков // Научный вестник Омской академии МВД России. – 2010. - №2(37). - С. 45.

шадид бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ, вобасташавии ба сармояи хориҷӣ алоқаманд аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ маъмулан чунин қисматҳои таҳдидҳои амнияти молиявиро ҷудо мекунанд:

- Таҳдидҳо ба бахши молияю андоз;
- Таҳдидҳо ба бахши бонкдорию қарзӣ;
- Таҳдидҳо ба соҳаи муомилоти молия ва пул;
- Таҳдидҳо ба соҳаи маблағгузорӣ ва соҳаи фаъолияти бозори асъор[83].

Қайд кардан зарур аст, ки таҳдидҳои амнияти буҷетӣ, андозӣ, пулӣ, бонкӣ, суғуртавӣ, маблағгузорӣ ба ҳам алоқаманд буда, дар умум таҳдидҳо ба амнияти молиявии давлатро ифода менамоянд.

Норасогии захираҳои молиявӣ, ки дар натиҷаи авҷгирии таҳдидҳои молиявӣ ба вуқӯъ мепайвандад ба маблағгузорӣ нашудани барномаҳои муайян оварда мерасонад, ки барои амнияти миллии кишвар таҳдидҳои навро эҷод менамояд. Ва баръакс таҳдидҳои ҳарбӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, ки асоси амнияти миллӣ ба шумор меравад, зарурати зиёд намудани маблағгузории бахши ҳарбӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ ё экологиро ба вуҷуд меорад, ки дар навбати худ ба амнияти молиявии кишвар таҳдид хоҳад намуд.

Ҳамин тавр, таҳдидҳои молиявӣ барои амнияти миллии кишвар таъсир мерасонад ва аз сатҳи таъмини он ҳифзи манфиатҳои миллии мамлакат вобастагӣ дорад[84].

Қисмати буҷету андозии амнияти молиявӣ яке аз унсурҳои муҳимми амнияти молиявии давлат ба шумор меравад. Зеро маҳз низоми буҷетиву андозии мамлакат тақсимоти захираҳои молиявиро ба роҳ мемонад. Дар

---

[83] Клоков Е. А. Финансовая безопасность государства: сущность и современные угрозы [Текст] / Е.А. Клоков // Научный вестник Омской академии МВД России. – 2010. - №2(37). - С. 47.

[84] Буркальцева Д.Д. Классификация угроз финансовой безопасности государства в контексте трансформации социально-экономической системы [Текст] / Д.Д.Буркальцева, О.Г. Блажевич, О.А. Гук, А.С. Тюлин, Н.С. Сафонова // Бизнес. Образование. Право. - 2018. - №4(45). - С. 46 – 53.

баробари ин таъминоти кифоягии буҷет шарти асосии рушди устувори иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад. Дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозҳо ҳиссаи асосии буҷети давлатӣ рост меояд ва дар ҳолати ҷой доштани қарзи андоз таҳдидҳо ба амнияти молиявии кишвар зиёд мегардад.

Амнияти молиявии мамлакат пеш аз ҳама дар асоси воридоти мунтазам, устувор ва доимо афзуншавандаи даромадҳо ба низоми буҷет таъмин карда мешавад, ки андозаи он барои иҷроиши ӯҳдадориҳои давлат дар назди халқ дар шакли хароҷотҳои иҷтимоӣ имконият фароҳам меоварад. Андозҳо сарчашмаи асосии ташаккулёбии даромадҳои давлат ва унсури муҳимми пешбарии сиёсати иқтисодии мамлакат ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, мавҷудияти қарзи андозӣ ба иқтидори давлат оид ба иҷроиши ӯҳдадориҳои дохилӣ ва беруниаш таъсири назаррас мерасонад.

Мафҳуми «амнияти андозӣ» ҷузъҳои маъмурию ҳуқуқӣ, ташкилию сохторӣ ва касбию вазифавии амнияти молиявиро дарбар мегирад[85].

Мазмуни амнияти андозӣ ташаккули низоми андозро аз рӯи принсипҳои муайян аз қабили муайян ва содда кардани мафҳумҳои соҳаи андоз ва андозбандӣ, ташкили низоми шаффофи андозбандӣ, тасдиқи тартиб ва такмили назорати раванди ҷамъоварии андозҳо, кам кардани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ва ғ. ифода мунамояд.

Пардохтҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ҳудуди 70%-и даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамоянд. Гарчанде, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 66% баробар буд, дар солҳои алоҳида то 78% (2014)-ро ташкил додааст (расми 3.2.).

---

[85] Новикова Т.Е. Финансовая и налоговая безопасность государства [Текст] / Т.Е. Новикова, А.С. Чимпоеш // Научный потенциал молодежных исследований. Сборник статей V Международной научно-практической конференции. – Петрозаводск: «Новая Наука», 2021. - С. 25-30.




**Расми 3.2. - Динамикаи тағйирёбии ҳиссаи воридотҳои андозӣ дар ҳаҷми умумии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Сарчашма:* Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ //Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПЧТ, 2020. -702 С. Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон//Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2022. -361с.

Дар соли 2021 иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 105,1% таъмин карда шуд Дар ин давра даромади ҷорӣ ва грантҳо ба миқдори 104,7 %, воридоти андозҳо 105,5 %, андоз аз даромад ва андоз аз фоида 105,7 %, пардохтҳои иҷтимоӣ 104,4 %, андоз аз молу мулки ғайриманқул 105,3 %, андоз аз фурӯш, аз арзиши иловашуда ва аз гардиш 101,2 %, аксизҳои дохилӣ 100,2 %, аксизҳои берунӣ 113,3 %, андозҳои дигари берунӣ барои савдо ва амалиётҳо 132,3%, андозҳои дигари дохилӣ аз молу хизматҳо 107,0 % ва воридоти ғайриандозӣ ба андозаи 111,8 % таъмин гардид.

**Ҷадвали 3.2. - Иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2021, млн. сомонӣ.**

| | Буҷети тасдиқшуда | Иҷроиши аслӣ | Иҷроиши аслӣ бо % | Буҷети тасдиқшуда | Иҷроиши аслӣ | Иҷроиши аслӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ | 24709,8 | 25065,0 | 101,4 | 28595,2 | 30053,8 | 105,1 |
| Даромади ҷорӣ ва грантҳо | 18507,0 | 18414,9 | 99,5 | 20550,6 | 21508,1 | 104,7 |
| Воридоти андозҳо | 15548,6 | 15366,5 | 98,8 | 18818,7 | 19669,6 | 105,5 |
| Андоз аз даромад ва андоз аз фоида | 3933,0 | 3575,7 | 90,9 | 4458,7 | 4712,7 | 105,7 |

*Идомаи ҷадвали 3.2.*

| | Буҷети тасдиқшуда | Иҷроиши аслӣ | Иҷроиши аслӣ бо % | Буҷети тасдиқшуда | Иҷроиши аслӣ | Иҷроиши аслӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пардохтҳои иҷтимоӣ | 1748,0 | 1686,9 | 96,5 | 1951,0 | 2037,3 | 104,4 |
| Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 370,1 | 374,3 | 101,1 | 433,9 | 457,0 | 105,3 |
| Андоз аз фурӯш, аз арзиши иловашуда ва аз гардиш | 6466,6 | 6395,5 | 98,9 | 8117,9 | 8228,1 | 101,2 |
| Аксизҳои дохилӣ | 187,3 | 187,4 | 100,0 | 257,8 | 258,4 | 100,2 |
| Аксизҳои берунӣ | 360,9 | 433,6 | 120,1 | 429,8 | 486,8 | 113,3 |
| Андозҳои дигари берунӣ барои савдо ва амалиётҳо | 466,8 | 701,5 | 150,3 | 686,000 | 907,5 | 132,3 |
| Андозҳои дигари дохилӣ | 329,5 | 331,6 | 100,6 | 364,0 | 389,65 | 107,0 |
| Воридоти ғайриандозӣ | 1728,4 | 1895,4 | 109,7 | 1431,9 | 1601,2 | 111,8 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, АОНПҶТ, 2022. - С. 386-388

Новобаста аз оне, ки иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ба андозаи 101,4% таъмин карда шуда бошад ҳам, аммо иҷроиши он на аз тарафи ҳамаи шаклҳои пардохтҳои андозӣ таъмин карда нашудааст. Махсусан дар соли 2020 воридоти андозҳо дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 15548,6 ҳазор сомонӣ таъмин карда шуд, ки 98,8% нисбат ба буҷети тасдиқшударо ташкил медиҳад. Дар байни пардохтҳои андозӣ иҷроиши пасти буҷет ба воридот аз андоз аз даромад ва андоз аз фоидаро ташкил менамояд. Дар соли 2020 воридот ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз аз даромад ва андоз аз фоида 3575,7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 357,3 ҳазор сомонӣ ё 9,1% кам аст. Ҳаҷми воридот ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби пардохтҳои иҷтимоӣ низ пурра таъмин нагардида 96,5% нисбат ба буҷети тасдиқшуда ташкил менамояд.

Ба андешаи мо барои паст намудани бузургии қарзи андоз назди буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули як қатор чораҳо аз қабили

самарноксозии низоми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияити хоҷагидор барои гузариш ба режими махсуси андозсупорӣ ва татбиқи чорабиниҳо оид ба дарёфти сарчашмаҳои нави андоз зарур аст.

Ҳадафи асосии таъмини амнияти андозии мамлакат мукаммалгардонии низоми андоз, паст кардани иқтисодиёти соягӣ, назорати самараноки ҷараёни андозситонӣ, зиёд кардани саршамаҳои даромади буҷет, паст кардани вазнинии андозҳо, тақсими одилонаи бори андоз дар бахшҳои иқтисодиёти кишвар, таҳкими интизоми молиявию андозӣ ва баландбардории саводнокии кормандони соҳа, фароҳам овардани заминаи устувори рушди бахши молияи кишвар, қабули қонунгузориҳои одилона дар соҳа ба шумор меравад. Дар расми 3.3 самтҳои асосии таъмини амнияти андозӣ оварда шудааст.




**Расми 3.3. - Самтҳои асосии таъмини амнияти андозӣ ҳамчун ҷузъи амнияти молиявӣ.**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф сохта шудааст дар асоси Т. Е. Новикова, Финансовая и налоговая безопасность государства / Т. Е. Новикова, А. С. Чимпоеш // Научный потенциал молодежных исследований. Сборник статей V Международной научно-практической конференции. -Петрозаводск, 2021 - «Новая Наука» -С. 25-30.

Дар самти таҳдидҳо ба бахши бонкдорию қарзӣ ва таҳдидҳо ба соҳаи муомилоти пул таҳдидҳо ба низомҳои байналмиллалалӣ ва миллии пардохт мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Дар ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ низомҳои пардохти амрикоӣ, олмонӣ, русӣ, аврупоӣ ва низоми байналмилалии коммуникатсияи байнибонкии SWIFT фаъолият менамоянд. Таҳдидҳо ба чунин низомҳо метавонад сабаби зарардидани бонкҳои тиҷоратӣ ва мизоҷони низомҳои пардохт гардад. Гарчанде, ки дар SWIFT то айни замон ҳолатҳои садамавӣ ва бухронӣ ба вуқӯъ наоомадааст ва он таъмини бехатарии интиқол, расонидан ва нигоҳдории иттилоотро таъмин менамояд, истифодабарии он ҳамчун фишанги сиёсӣ метавонад мушкилотро дар интиқоли воситаҳои пулӣ ба хориҷа пеш орад. Дар баробари ин эҳтимолияти аз байн рафтани бехатарӣ ва самаранокии низоми ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ, паст гардидани суръати коркарди иттилоот дар доираи онҳо, заиф гардидани эътимоднокии инфрасохтори амалкунандаи низомҳои ҳисоббаробаркунии байналмиллалӣ ҷой дорад. Аз ин рӯ, барои таъмини амнияти пардохтҳои бонкӣ истифода аз низомҳои гуногуни байналмиллалии пардохт ранг ва ҳатто таъсиси низоми миллии пардохт муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари таҳдидҳои зикргардида, яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ дар амнияти молиявии кишвар коррупсия ба шумор меравад. Коррупсия ба тамоми сохторҳои фаъолияти молиявии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, маъмулан коррупсияро яке аз нишондиҳандаҳои амнияти миллӣ арзёбӣ менамоянд.

Сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистн нисбатан баланд буда дар рейтинги Transparency International оид ба шохиси дарки фасод дар соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон байни 182 давлати ҷаҳон мавқеи 150-умро ишғол намуд. Динамикаи тағйирёбии қиммати шохиси дарки фасод барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 6 оварда шудааст.




**Расми 3.4. - Динамикаи тағйирёбии қиммати шохиси дарки фасод барои Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

***Сарчашма:*** Corruption Perceptions Index [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.transparency.org/., кушода. Санаи муроҷиат:12.12.2022

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шохиси пулшӯи дар сатҳи миёнаи хавф қарор дорад. Дар шохиси умумиҷаҳонии пешгирии пулшӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 бо баҳогузории 5.97 мавқеи 81-умро ишғол намуд. Ба номгӯи давалатҳое, ки дар дараҷаи баланди хавф дохил мешаванд, чунин давлатҳо шомиланд: Камбоджа, Уганда, Сенегал, Малӣ, Мадагаскар, Ҷазираҳои Кайман, Мозамбик, Мянма, Мавритания, Конго ва Гаитӣ.

**Ҷадвали 3.3. - Шохиси умумиҷаҳонии пешгирии пулшӯӣ дар соли 2021.**

| Даҳгонаи аввал | | | Баъзе давлатҳои ИДМ ва Грузия | | | Даҳгонаи охир | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мавқеъ** | **Давлат** | **Қиммати шохис** | **Мавқеъ** | **Давлат** | **Қиммати шохис** | **мавқеъ** | **Давлат** | **Қиммати шохис** |
| 1 | Андорра | 2.73 | 31 | Арманистон | 4.63 | 101 | Уганда | 7.18 |
| 2 | Финляндия | 3.06 | 39 | Гурҷистон | 4.82 | 102 | Сенегал | 7.25 |
| 3 | Ҷазираҳои Куба | 3.13 | 49 | Белоруссия | 5.04 | 103 | Малӣ | 7.37 |
| 4 | Словения | 3.30 | 56 | Украина | 5.21 | 104 | Мадагаскар | 7.40 |
| 5 | Норвегия | 3.35 | 67 | Русия | 5.49 | 105 | Ҷазираҳои Кайман | 7.66 |

***Идомаи ҷадвали 3.3.***

| Даҳгонаи аввал | | | Баъзе давлатҳои ИДМ ва Грузия | | | Даҳгонаи охир | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мавқеъ | Давлат | Қиммати шохис | Мавқеъ | Давлат | Қиммати шохис | мавқеъ | Давлат | Қиммати шохис |
| 6 | Шветсия | 3.36 | 81 | Тоҷикистон | 5.97 | 106 | Мозамбик | 7.71 |
| 7 | Сан-Марино | 3.42 | 85 | Қирғизистон | 6.09 | 107 | Мянма | 7.83 |
| 8 | Дания | 3.46 | | | | 108 | Мавритания | 8.13 |
| 9 | Литва | 3,51 | | | | 109 | ҶД Конго | 8.35 |
| 10 | Зеландияи Нав | 3.53 | | | | 110 | Гаитӣ | 8.49 |

***Сарчашма:*** Рейтинг стран по борьбе с отмыванием денег [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://nonews.co/directory/lists/coun-tries/anti-money-laundering-index., открыто. Санаи муроҷиат:12.12.2022

Барои паст намудани таҳдидҳои ба амнияти молиявии кишвар мамлакатро зарур аст, ки хароҷотҳои давлатиро вобаста ба имкониятҳои захираҳои ҷойдошта дар сатҳи муайян нигоҳ дорад, таъмини мақсадноки маблағгузории барномаҳои давлатиро ба роҳ монад, маблағгузорӣ дар соҳаҳои истеҳолоти илмталаб ва соҳаҳои ба технологияи пештаррафта асосёфтаро ҳавасманд гардонад, оқибатҳои бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти миллиро паст созанд, таваррумро дар сатҳи муқаррарӣ нигоҳ доранд, муътадилии қурби асъор таъмин карда шавад, ҳиҷрати ғайриқонунии сармоя пешгирӣ карда шавад ва меъёрҳои қонунии воқеан амалкунанда қабул карда шаванд.

Ҳифзи манфиатҳои миллиро дар шароити авҷгирии таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ тариқи чунин чораҳо ба роҳ мондан мумкин аст: пурзӯр намудани назорат оид ба ҳолат ва истифодаи объектҳои иқтисодиёт, ки дар тобеияти ташкилотҳои хориҷӣ қарор доранд; назорат оид ба иҷроиши қарордодҳо оид ба истифодаи захираҳои стратегии давлат; пешгирии ҳиҷрати сармоя ба хориҷи кишвар. Татбиқи чунин чораҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои кам кардани таҳдидҳо ба амнияти молиявии кишвар зарур аст, ки чунин чораҳо ба сомон расонида шавад:

– Устувории инкишофи молиявию иқтисодии мамлакат таъмин карда шавад;

– Устувории низоми пардохту ҳисоббаробаркунӣ таъмин карда шавад;

– Чораҳо нисбат ба паст кардани таъсири буҳронҳои молиявию иқтисодӣ ва энергетикии ҷаҳонӣ андешида шавад.

Яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти молиявии давлат самаранокгардонии ҷалб ва истифодаи воситаҳои қарзии ташкилотҳои байналмилалии молиявию иқтисодӣ ба шумор меравад. Нақши сарчашмаҳои қарзии ташкилотҳои байналмилалии молиявиро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар шароити норасогии сарчашмаҳои буҷет арзёбӣ намудан муҳим аст. Зеро сарчашмаҳои қарзӣ метавонанд дар гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ, ташаккулёбии инфрасохтори бозорӣ, ҳалли масъалаҳои умдаи иҷтимоӣ нақши назаррасро бозад. Дар баробари ин норасоии сарчашмаҳои пулӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ масъалаҳои таъмини самаранокии ҷалб ва истифодаи қарзҳои ташкилотҳои байналмилалӣ муҳим аст. Дар ин раванд риояи се принсипи асосӣ аз қабили қонуният, ҳадафнок ва самаранокӣ муҳим аст. Зеро дар акси ҳолат ҷалби қарзи зиёд метавонад ба афзудани фишор ба буҷети кишвар ҳангоми хизматрасонии қарз оварда расонад. Ҳамчунин зарур аст «дар доираи таъмини амнияти молиявии мамлакат сатҳи бо пул таъмин кардани иқтисодиёт дар сатҳи зиёда аз 50 %-и ММД таъмин карда шавад[86]».

Пеш аз ҳама зарур аст, ки меъёрҳои зарурии ҳуқуқӣ қабул карда шавад, ки дар онҳо меъёрҳои расонидани осеб ба вазъи молиявии кишвар аз тарафи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ муқаррар карда шаванд. Ин ба мақомотҳои алоҳидаи давлатӣ имконият медиҳад, ки саривақт таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро муқаррар намоянд ва талаботҳои заруриро оид ба сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани онҳо риоя намоянд.

---

[86] Умаров Х.У. Монетарные факторы экономического развития в Республике Таджикистан [Текст] / Х.У. Умаров, П.О. Шарифов // Экономика Таджикистана. – 2022. - №1. - С.29-38.

Дар баробари ин зарур аст, ки принсипҳои дастрассозии иттилоот аз тарафи мақомоти давлатӣ вобаста ба талабот нисбат ба таъмини амнияти молиявӣ муқаррар карда шавад. Таъсиси низоми иттилоотии мукаммал имконият медиҳад, ки мониторинги ҳаматарафа ва объективии раванди банақшагирии буҷет, пешгӯии таҳдидҳои дохилӣ ва берунии амнияти иттилоотӣ ба роҳ монда шавад. Дар асоси ин иттилоотҳо қабули чораҳои дарозмӯҳлат ва фаврӣ оид ба муқовимат ба таъсири омилҳои манфӣ ва ҳамчунин огоҳшавӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои эҳтимолии таҳдидҳои манфӣ бартараф карда шаванд.

Рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ яке аз самтҳои муҳимми назорати таъмини амнияти молиявӣ дар раванди банақшагирӣ ва иҷроиши буҷет ба шумор меравад. Дар ин раванд, зарур аст, ки механизми танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ коркард ва қабул карда шуда, сарфи ғайримақсадноки захираҳои буҷет пешгирӣ карда шавад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда роҳҳои асосии мукаммалгардонии низоми молиявии мамлакатро пешниҳод менамоем (расми 3.5.).




**Расми 3.5. - Самтҳои мукаммалгардонии низоми амнияти молиявӣ**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф сохта шудааст дар асоси: Кодирзода Д.Б. Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях интеграции в мировую экономику / Д.Б. Кодирзода, К.Х Хушвахтзода, Б.М.Джумъаев // Международные отношения и безопасность. 2022. № 1 (1). С. 130-140.

Ҳамин тавр қайд кардан зарур аст, ки рушди вазъи молиявии кишвар пеш аз ҳама ба рушди устувор ва бехатарии иқтисодиёт алоқаманд аст. Дар замони муосир на ҳама вақт муносибатҳои молиявӣ метавонад дар ислоҳоти иқтисодии мамлакат саҳмгузор бошад, зеро норасогии захираҳои молиявӣ омили боздорандаи рушди иқтисодиёти миллӣ башумор меравад. Аз ин сабаб, дар низоми молиявии мамлакат ҳамеша нигоҳ доштани як миқдор захираҳои пулӣ зарур аст, ки дар ҳолатҳои фавқулодда барои пурра бартараф намудан ва ё ба ҳадди ақкал расонидани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ истифода карда шавад. Солимгардонии молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо шарти муҳимми таъмини амнияти молиявии кишвар башумор меравад.

Сатҳи муҳимми таҳдидҳои молиявӣ бузургии доимӣ набуда, вобаста ба ҳолати иқтисодӣ тағйир меёбад. Дар баробари ин таъсири баъзе таҳдидҳои молиявӣ низ бо мурури замон тағйир меёбад, заиф мегардад, пурра қатъ мегардад ва ё худ баръакс авҷ мегирад ва эҳтимолияти пайдоиши таҳдидҳои нав ҳамеша ҷой доранд. Дар ин асос зарур аст, ки низоми доимоамалкунандаи баҳогузорӣ ва идоракунии таъсири таҳдидҳои молиявӣ коркард карда шавад, ки устувории низоми молияро таъмин намуда, самаранокии онро баланд бардорад. Таъмини низоми амнияти молиявии давлат зарурати коркарди қиматҳои ҳудудии онро дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ тақозо менамояд, ки метавонад ба паст кардани хатарҳо ва таҳдидҳои дохилӣ ва берунии молиявӣ саҳмгузор бошад[87].

«Дар сиёсати иқтисодии давлатҳои давраи гузариш рушди низоми молия бояд на танҳо ба таъмини сатҳи баланди рушди иқтисодиёт, балки нигоҳ доштани сатҳи устувории он дар давраи дарозмӯҳлат равона карда шавад»[88].

---

[87] Баландина Е.А. Роль финансовой безопасности в системе обеспечения экономической безопасности России [Текст] / Е.А. Баландина, Ю.А. Рахинская, Б.О. Хашир // NovaInfo. – 2018. - №86 - С. 92-96.
[88] Шарипов Б.М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов [Текст] / Б.М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. - №1. -С. 47-55.

Ҳамин тавр барои кам кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ зарур аст:

1. Муайянсозии маҳакҳо ва меъёрҳои низоми молияи давлат, ки ба талаботҳои умумии амнияти молиявӣ ҷавобгӯст;

2. Коркарди механизм ва чораҳои муқаррасозии таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат ва тартиби он;

3. Тавсифдиҳии соҳаҳое, ки дар онҳо таҳдидҳо сар мезананд ва соҳаҳое, ки барои бартарафкунии онҳо мусоидат менамоянд;

4. Муқаррасозии субъектҳои асосии таҳдидҳо, механизми фаъолияти онҳо, меъёрҳои таъсиррасонии онҳо ба иқтисодиёти миллӣ, низоми молиявӣ ва сиёсӣ;

5. Коркарди методологияи пешгӯӣ ва пешгирии пайдоиши омилҳое, ки пайдошавии таҳдидҳои амнияти молиявиро муқаррар месозанд;

6. Гузаронидани таҳқиқотҳои мунтазам оид ба ошкорсозии тамоюл ва эҳтимолияти авҷгирии таҳдидҳои молиявӣ;

7. Ташкили низоми мувофиқи мақомоти назораткунандаи бахши молия дар кишвар;

8. Коркарди механизмҳо ва чораҳои сиёсати молиявию иқтисодӣ ва ислоҳоти институтсионалӣ, ки таъсири омилҳои манфиро суст ё пурра нест менамоянд;

9. Муқаррасозии меъёрҳои назорати таъмини амнияти молиявии мамлакат.

Дар баробари ин зарур мешуморем, ки стратегияи таъмини амнияти молиявии мамлакат қабул карда шуда, дар он самти нави рушди иқтисодиёт, пайдарҳамии чораҳои татбиқшаванда, ки барои нигоҳдории сатҳи устувори рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд, муқаррар карда шавад. Қайд кардан зарур аст, ки низоми амнияти молиявии мамлакат на танҳо фаъолияти самараноки низоми молия, балки тамоми унсурҳои механизми иқтисодиву иҷтимоии молиявии кишварро дарбар мегирад.

Стратегияи таъмини амнияти молиявӣ самти сиёсат ва иқтисодиётро дар фаъолияти мақомоти бахши молия, сохторҳои иқтисодӣ ва молиявию бонкиро муқаррар менамояд, ки ба таъсиси шароитҳо ва захираҳо барои устувории молиявӣ ва рушди иқтисодӣ муқаррар месозад. Дар доираи стратегияи нави қабулшаванда, зарур аст, ки мақсадҳо ва вазифаҳои амнияти молиявӣ муқаррар карда шуда, воситаҳои пулӣ ва инструментҳои стратегияи қабулкардашуда татбиқ карда шавад, ҳамчунин роҳҳо ва самтҳои таъсири рушди молиявии кишвар пешгӯӣ карда шавад, усулҳои муқовимат бо таҳдидҳои молиявӣ ошкор карда шавад.

Ҳамин тариқ, амалисозии чорабиниҳои дар боло зикргардида, имкон медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ тавассути такмили заминаи қонунгузорӣ, механизмҳои назорат ва таъмини амнияти молиявии кишвар ба роҳ монда шавад. Ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои гузошташуда, дараҷаи самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи амнияти молиявӣ ва андозӣ дар сатҳҳои гуногун баланд бардошта ба вазъи иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мерасонад.

### 3.3. Таъмини амнияти молиявӣ ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таъмини амнияти молиявии мамлакат ба воситаҳо ва унсурҳои зиёде алоқаманд буда, яке аз фишангҳои муҳимми он назорати давлатии молиявӣ башумор меравад. Дараҷаи амнияти молиявии мамлакат ба қобилияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти таъмини рушди устувори молиявию иқтисодии мамлакат, кафолати низоми ҳисоббаробаркунии устувор, пешгирии содироти сармоя ба хориҷа, ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз табъизи давлатҳои хориҷӣ алоқаманд аст. Барои мукаммал намудани назорати молиявӣ ҳамчун унсури муҳимми амнияти молиявӣ зарур аст, ки ҳадафҳои он дақиқ муқаррар карда шавад.

Аз самаранокии назорати давлатии молиявӣ, таъмини амнияти молиявии мамлакат алоқамандии зич дошта, заифгардии он ба осебпазирии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёдшавии сатҳи ҷинояткорӣ дар бахши иқтисодиёт ва пайдоиши таҳдидҳои нав ба амнияти молиявии мамлакат оварда мерасонад.

Назорати давлатии молиявӣ ҳамчун як намуди фаъолияти ҳуқуқии давлат дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

— ҳамеша бо татбиқи ҳамон салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ ва мақомотҳои дигар алоқаманд аст, ки хусусияти махсуси ҳуқуқӣ доранд;

— фаъолиятеро фаро мегирад, ки аз ҷиҳати хусусиятҳо ва мазмуни берунии худ якхела аст, сарфи назар аз он, ки дар кадом мавзӯъ анҷом дода мешавад;

— бо ташкили амалии дар ҳаёт татбиқ намудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ (ва санадҳои ҳуқуқии баровардашуда) аз ҷиҳати функсионалӣ маҳдуд аст;

— ба меъёрҳое асос ёфтааст, ки аз ҷиҳати функсионалӣ барои танзими фаъолияти мазкур пешбинӣ шудаанд;

— дар доираи муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, ки ба татбиқи ин доираи ваколатҳо нигаронида шудааст;

— ҳадди фаъолияти он хусусияти «болоӣ-идоравӣ» дорад ва ба ҳамаи звеноҳои механизми давлатӣ беистисно паҳн карда мешавад;

Назорати молиявӣ - яке аз навъҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад. Омили муҳимми амнияти иқтисодии кишвар фаъолиятест, ки бо волоияти қонун танзим гардида, бо мақсади назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ баромад мекунад.

Инчунин, назорати молиявӣ – ин воситаест, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетиро таъмин менамояд. Дар сурати ба таври нокифоя ба ҷанбаҳои такмили ташкили назорати молиявӣ эътибор додан оқибатҳои зерин метавонанд ба миён оянд:

- вайронкунии қонун;
- набудани назорат;
- фаъолияти бесарусомонии иқтисодӣ.

Ҳадафҳои асосӣ назорати давлатии молиявӣ дар дилхоҳ давлат таҳкими назорат аз болои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва фондҳои марказонидашудаи ғайрибуҷетӣ, муқаррарсозии самаранокӣ ва ҳадафнокии хароҷоти буҷети давлатӣ, гузаронидани таҳлили мунтазам ва муқаррарсозии саривақтии камбудиҳо ва омодасозии пешниҳодот оид ба бартарафкунии онҳо, ҷонноккунии назорат аз болои қонунӣ ва саривақтӣ будани ҳаракати маблағҳои давлатӣ дар дохили мамлакат ва бонкҳои тиҷоратӣ, таъмини воридшавии андозҳо, пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети мамлакат, гузаронидани назорат оид ба дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботҳои молиявӣ, назорат оид ба таъмини амнияти молиявии мамлакат ва ғ. ба шумор меравад.

Назорати молиявӣ амалиётҳоро дар самти истифодаи пул, якҷоя бо ҷудосозии маблағҳои буҷавӣ, ҳамчунин риоя намудани интизоми молиявӣ, нигоҳ доштани моликияти давлатӣ, санҷиши дурустӣ ва эътимоднокии ҳисобу китоб ва ҳисобот бо мақсади ошкор намудани қонуншиканиҳо, ошкор намудани камбудиҳои фаъолияти объекти тафтишшаванда ва барҳам додани далелҳои нодуруст, исрофкорӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Назорати давлатии молиявӣ барои татбиқи сиёсати молиявии мамлакат ва бунёди шароит барои увоѓгардонии вазъи молиявии он нақши муҳимро мебозад. Низоми муосири молияи ҷаҳонӣ асосан аз тарафи давлатҳои муттараққӣ бунёд карда шудааст ва он пеш аз ҳама манфиатҳои онҳоро ҳифз менамояд.

Дар раванди назорати давлатии молиявӣ, ки танзими молия ва иқтисодиёт ба роҳ монда мешавад, механизмҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва ҷиноии таъсиррасонӣ ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқии молиявию иқтисодӣ бо мақсади таъмини амнияти молиявӣ истифода карда мешавад.

Барои он, ки чунин танзим самаранок бошад, зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ салоҳиятҳои мақомоти назоратӣ муқаррар карда шавад ва дар ин раванд такроршавии салоҳиятҳо ба роҳ монда нашавад ва ҷавобгарии фардии шахсони ваколатдор ҳангоми вайронкунии ҳуқуқ муқаррар карда шавад.

Фаъолияти механизми самараноки идоракунии давлат ба воситаи ҷамъоварии марказонидашудаи захираҳои молиявӣ ва ташкили раванди азнавтақсимкунӣ, ки қонуни будани фаъолияти молиявии мамлакатро таъмин намуда, ҳадафнокӣ ва самаранокии онро кафолат медиҳад. Дар замони муосир масъалаи таъмини ягонагии низоми назорати буҷет ва молия мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Дар баробари ин вазифаи муҳимми назорати молиявӣ таъсиррасонӣ ва назорат аз болои захираҳои молиявӣ мебошад, ки он имкон медиҳад ба воситаи татбиқи усулҳои асосии назорат ва санҷиш, фаъолияти институтҳои молиявиро танзим намояд ва назорати пурраи молиявиро ба роҳ монад.

Назорати молиявию буҷавӣ ҷузъи ҷудонашавандаи назорати молиявии давлатӣ буда, ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳое маънидод карда мешавад, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ ҷиҳати тафтиши қонунӣ, самаранокӣ ва ба мақсад мувофиқ будани амалҳое, ки дар раванди ташаккул, тақсимот ва истифодабарии фондҳои пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракунии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани захираҳои зиёд намудани даромади буҷет, беҳтар намудани интизоми буҷет амалӣ карда мешаванд.

Озодкунии иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ гузаронидани назорати давлатии молиявии бевоситаро дар равандҳои буҷетӣ ва мақсаднок истифода шудани сарчашмаҳои молиявӣ инкор наменамояд. Баръакс шароитҳои муосири

иҷтимоию иқтисодӣ, рушди минбаъдаи низоми ягонаи назорати молиявии давлатиро тақозо менамояд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти зиёди давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ фаъолият менамоянд, ки ба онҳо дохил мешаванд: мақомоти хазинадории мамлакат, мақомоти назоратӣ ва санҷишии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои идоракунии мақомоти давлатӣ, департаменти назорати асъори Бонки миллӣ, мақомоти андоз ва гумрук, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли онҳо.

Фаъолияти назоратии Палатаи ҳисоб ба санҷиши қонунӣ будан, мақсаднокӣ ва самаранокии харҷкунии маблағҳои буҷет ва дар умум вазъи молиявии мамлакат, таъмини шаффофияти ҳаракати захираҳои давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои молиявии тамоми субъектони муносибатҳои байнибуҷавӣ ба шумор меравад.

Мавқеи махсуси ҳуқуқии Палатаи ҳисоб мустақилияти он аз дигар мақомоти далатӣ ба шумор меравад, ки ба он имкон медиҳад, ҳамчун яке аз сохторҳои муҳим дар таъмини амнияти молиявии мамлакат баромад намояд.

Гарчанде, ки таъмини амнияти молиявӣ вазифаи як қатор мақомоти қонунгузор ва иҷроия ба шумор равад, ҳам, барои мақомоти назорати давлатии молиявӣ он вазифаи бевосита ва аз ҳама муҳим ба шумор меравад. Зеро махсусан ин мақомот воситаҳои ҳуқуқӣ ва молиявии татбиқи амнияти молиявиро коркард менамоянд, усулҳои ҳифзи манфиатҳои молиявии мамлакатро дар самти ошкорсозӣ ва бартарафсозии таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ муқаррар мекунанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 66 (АМОҶТ с. 2002, №11, мод. 681; с.2007, №7, мод. 686; с.2010. №1, мод.7) принсипҳои умумӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва амалӣ намудани назорати давлатии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. «Он

барои таъмини ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти кафолати он ҷалб карда мешаванд, грантҳо, кӯмаки башардӯстона ва амволи давлатӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули бахши хусусӣ нигаронида шудааст»[89].

Тибқи моддаи 2-юми қонуни мазкур вазифаҳои назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқарар карда шудаанд, ки он маҷмӯи чорабиниҳоро дар самти таъмини истифодаи мақсадноки захираҳои молиявиро дар дохили мамлакат баҳри кафолати таъмини устувории он дарбар мегирад. Самаранокии назорати давлатии молиявӣ ба риояи принсипҳои амалӣ намудани он, дуруст дақиқ намудани унсурҳои он ва иҷрои вазифаҳои пешбинишуда алоқаманд аст (рас.8).

Дар моддаи 16-уми қонуни мазкур «Ҳамкорӣ бо дигар мақомоти назоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазоратҳои корҳои дохилӣ ва молия, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ ҳангоми гузаронидани санҷишу тафтишот («ҚҶТ 12.01.2010 №586») вазифадор карда шудааст, ки ба фаъолияти мақоми назорат мусоидат менамоянд, зарурат ва мутобиқи мақсад будани гузаронидани тафтиш ва санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидории давлатиро пешакӣ мувофиқа намояд.

Бо мақсади амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти назорати давлатии молиявӣ, таъсис дода шудааст, ки он мақоми асосии назорати давлатии молиявӣ дар

[89] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 66

Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.




**Расми 3.6. - Механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Аз тарафи муалиф таҳия шудааст.

Дар ҷадвали 3.4 натиҷаи фаъолияти мақомоти давлатии назорати молиявӣ, махсусан Палатаи ҳисоб дар самти гузаронидани чорабиниҳои назоратию таҳлилӣ, ошкорсозии қонунвайронкуниҳои молиявӣ, ҳисоб дар самти назорати молиявӣ ва барқароркунии умумии зарар оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.4. - Натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоб дар самти назорати давлатии молиявӣ дар солҳои 2021-2022, млн. сомонӣ.**

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| 1. | Чорабинии аудиторӣ | 236 | 191 |
| 2. | Қоидавайронкуниҳои молиявии ошкоршуда | 147,9 | 376,9 |
| 3. | Ошкоркунии хароҷотҳои ғайриқонунии пулию молӣ | 49,941 | 29,3 |
| 4. | Камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ | 8,699 | 1,9 |
| 5. | Изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ | 10,287 | 37,5, |
| 6. | Фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ | 914,0 | 926,2 |
| 7. | Талафи воситаҳои пулию молӣ | 4,446 | 171,4 |
| 8. | Маблағҳои кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо | 31,429 | 88,5 |
| 9. | Пардохти ҳатмӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ | 39,227 | 41,7 |

*Сарчашма:* Варақаи иттилоотӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.sai.tj., кушода. Санаи муроҷиат: 15.08.22.

Тибқи маълумоти Палатаи ҳисоб дар нуҳ моҳи соли 2022 дар мамлакат аз тарафи Палатаи ҳисоб 191 чорабиниҳои аудиторӣ дар самти назорати молиявӣ гузаронида шуда, 376,9 млн. сомонӣ қоидавайронкуниҳои молиявӣ ошкор карда шудааст. Аз ин миқдор 29,3 млн. сомонӣ ба  хароҷотҳои ғайриқонунии пулию молӣ 1,9 млн. сомонӣ ба камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ, 37,5 млн. сомонӣ ба изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ, 926,2 ҳазор сомонӣ ба фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ, 171,4 млн. сомонӣ ба талафи воситаҳои пулию молӣ, 88,5 млн. сомонӣ ба маблағҳои кам ҳисобгардида ва рӯйпӯш намудаи андозҳо, 41,7 млн. сомонӣ ба пардохти ҳатмӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ, 29,3 млн. сомонӣ ба хароҷотҳои ғайриқонунии пулию молӣ, 1,9

млн. сомонӣ камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ ва 37,5 млн. сомонӣ изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ рост меояд.

Ҳаҷми маблағи барқароркунии умумии зарар қоидавайронкуниҳои молиявӣ дар соли 2022 375,5 млн. сомониро ташкил дод, ки 275,4 млн. сомонӣ он ба буҷети мамлакат баргардонида шудааст. Ин маблағ 1006%-и маблағи зарарро ташкил менамояд.

**Ҷадвали 3.5. - Натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоб дар самти барқароркунии умумии қоидавайронкуниҳои молиявӣ дар солҳои 2021-2022, млн. сомонӣ.**

| Т/р | Номгӯйи фаъолиятҳои баанҷомрасонидашуда | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| 1. | Барқароркунии умумии зарар қоидавайронкуниҳои молиявӣ | 137,6 | 375,5 |
| 2. | Ба буҷет млн. сомонӣ | 69,54 | 275,4 |
| 3. | Ба корхона ва ташкилоту муассисаҳо млн. сомонӣ | 68,02 | 100,1 |
| 4. | Бо % | 99,97 | 100 |

***Сарчашма:*** Варақаи иттилоотӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.sai.tj., кушода. Санаи муроҷиат: 15.08.22.

Шиносоӣ бо вазъи баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ дар сохторҳои вазорату кумитаҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт дар соли 2022 қоидавайронкуниҳои молиявӣ ба маблағи 107,5 млн. сомонӣ ошкор карда шуд, ки аз он ба миқдорӣ 106,6 млн. сомонӣ барқарор карда шуд.

**Ҷадвали 3.6. - Баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ дар сохторҳои вазорату кумитаҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ.**

| Т/р | Нишондиҳандаҳо | 2022 | Бо фоиз |
|---|---|---|---|
| 1. | Қоидавайронкуниҳои молиявӣ, млн. сомонӣ | 107,5 | 100 |
| 2. | Маблағи барқароргардида, млн. сомонӣ | 106,6 | 99,16% |

***Сарчашма:*** Ҳисоботи фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022. [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.sai.tj., кушода. Санаи муроҷиат: 15.08.22.

Ҳиссаи нисбатан калонтаринро дар ҳаҷми умумии ҳамаи қонунвайронкуниҳое, ки дар рафти назорати молиявӣ ошкор карда шудаанд, нодуруст истифода бурдани маблағҳои буҷет ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки асосҳое, ки аз рӯи онҳо истифодаи ғайриқонунии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун истифодаи ғайриқонунӣ маънидод карда мешаванд, равшан нишон дода нашудаанд. Инчунин механизмҳои ҳуқуқие таҳия карда нашудаанд, ки тавонанд ба пурзӯр намудани чораҳои ҷавобгарӣ барои истифодаи ғайриқонунӣ ва бесамар сарф кардани маблағҳои давлатӣ равона карда шаванд.

Яке аз мушкилиҳои муҳимми назорат фоизи пасти баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳо ва тафтишҳо дар баъзе сохторҳо ба шумор меравад.

Низоми муосири назорати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари мо пурра таъиноти худро иҷро наменамоянд ва зарурати ислоҳоти он ҷой дорад. Зарур аст, ки дар ин самт таваҷҷӯҳи хоса ба масъалаҳои мукаммалгардонии низоми назорати давлатии молиявӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи бехатарии молиявии мамлакат ҷудо карда шавад.

Барои таъмини амнияти молиявии устувор ва мустаҳками мамлакат, ҳамчунин, зарур аст, ки ислоҳоти зиёд пеш аз ҳама дар низоми назорати молиявии давлатӣ ва мақомоти танзимкунандаи он гузаронида шавад.

Вобаста ба дараҷаи хавфҳо чунин самтҳои таҳкими амнияти молиявиро ҷудо намудан мумкин аст.

– Мониторинги бетанаффуси ҳолати молиявӣ ва иқтисодии мамлакат, ошкорсозии таҳдидҳои воқеӣ ва иқтидорӣ ба амнияти молиявӣ, коркарди чорабиниҳои комплексии давлатӣ оид ба бартарафсозии хавфҳо ва таҳдидҳо дар самти молия.

– Нигоҳдории устувории муҳити молиявӣ фаъолияти мусоиди институтҳои молиявӣ ва пешгирии пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат.

– Экспертизаи риояи талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии аз тарафи институтҳои молиявӣ, таҳлили амиқи истифодаи ғайри самаранокӣ воситаҳои буҷавӣ, ворид нашудани даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷети мамлакат ва таъсири онҳо ба амнияти молиявӣ.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи зиёди мақомот ва хадамотҳои давлатие таъсис ёфта, фаъолият доранд, ки ба назорати молиявӣ машғуланд. Аммо бояд қайд кард, ки дар фаъолияти мақомоти дар боло зикршуда, механизми ҳамкорӣ ва ивазшавандагӣ таҳия нашудааст. Имрӯз, назорати давлатии молиявӣ маҷмӯи вазорату идораҳо ва ташкилотҳоеро фаро мегирад, ки вазифаҳои назоратиро бе ҳамоҳангӣ, бетартибона ва пароканда иҷро мекунанд. Вазифа, мақом ва самтҳои фаъолияти назоратии онҳо бо қонунҳои гуногун, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ба назар чунин мерасад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории мазкур пайвастагии назорати молиявии давлатиро таъмин карда наметавонанд ва дар раванди амалӣ намудани назорат аксар вақт ҳамдигарро такрор мекунанд. Ин боиси он мегардад, ки як субъекти назорат дар давоми сол аз ҷониби мақомоти гуногуни назоратӣ тафтиш карда шавад, дар ҳоле ки дигар гирандагони маблағҳои буҷавӣ солҳо аз назорат канор мемонанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки яке аз вазифаҳои асосии сиёсати молиявии давлатӣ ташкили механизми татбиқи назорати берунии молиявӣ ва буҷетӣ мебошад, ки тавонад ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои молиявию буҷавиро таъмин намояд, дар ин муносибатҳо муқаррар намудани тартибот ва ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани хамаи шахсони гунаҳкорро кафолат диҳад.

Дар маҷмӯъ, метавон самтҳои асосии зерини такмили назорати молиявӣ ва буҷетиро барои муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо, меъёрҳои ахлоқии назорати молиявӣ ва буҷетӣ ҷудо кард.

Ҳамчунин дар доираи қонунгузорӣ намудҳои назорат, субъектҳо ва объектҳои назорат, ҷудо кардани соҳаҳои назорати берунӣ ва дохилии молиявию буҷетиро муайян кардан лозим аст. Набудани равишҳои умумӣ ба таснифоти назорати молиявӣ ва буҷетӣ, истилоҳоти ягона дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (ҳуҷҷатҳои методии мақомоти танзимкунанда) ба пайдоиши як қатор ҳолатҳои баҳснок, масалан, дар робита ба чораҳои ҷавобгарӣ барои вайронкунии молиявӣ мусоидат мекунад.

Самти асосии такмили назорати молиявӣ ва буҷетӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини назорати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии он қабули Консепсияи ягонаи назорати молиявӣ ва буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бояд меъёри ягонаи методологӣ ва асосҳои ҳуқуқии амалӣ намудани назорати молиявию буҷетиро муқаррар намуда, низоми мақомотҳоеро, ки назоратро дар бахши мазкур татбиқ мекунанд, инчунин механизми хамкории онҳоро муайян кунад. Дар доираи масъалаҳои мазкур коркарди асосҳои илмию методии баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти назорати молиявӣ ва буҷетӣ зарур аст.

Инчунин муайян кардани мақомоте, ки дорои мақоми олии назоратӣ мебошад, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, зарур аст, ки мақоми мақомоти назорати молиявӣ ва буҷетӣ нисбат ба мақомоти назорати аудиторӣ ба таври дақиқ муайян карда шуда, афзалияти онҳо дар масъалаҳои методологияи назорати молиявӣ бо қонун мустаҳкам ва мушаххас карда шавад.

Барои баланд бардоштани самаранокии сарфи маблағҳои давлатӣ дар марҳилаи муосир яке аз самтҳои ояндадори баланд бардоштани сифати фаъолияти назорат метавонад, гузариш ба аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ бошад, ки он ҳамчун самти кори назорат дар кори мақомотҳое тавсиф мешавад, ки таҳлили сарфаю сариштакории маблағҳои давлатӣ ва

баҳодиҳии тамоми захираҳои имконпазири зиёд кардани онҳо ва асоснокии хароҷотро пайгирӣ мекунанд.

Дар айни замон методологияи ягонаи тафтиши самаранокии хароҷотҳои давлатӣ вуҷуд надорад, меъёру нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ муайян карда нашудаанд. Ба анҷом расонидани кор оид ба мушаххаснамоӣ ва дар қонунгузорӣ ҷой додани меъёрҳои истифодаи бесамари маблағҳои буҷетӣ, ихтиёрдории моликияти давлатӣ, инчунин масъулият барои истифодаи бесамари онҳо тақозо мешавад.

Аз ин рӯ, зарурати андешидани маҷмӯи тадбирҳое ба миён омадааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои назоратӣ нигаронида шуда, масъулияти шахсони мансабдори давлатиро барои вайрон кардани талаботи қонун дар бораи иҷрои буҷетҳо ва фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ихтиёрдории моликияти давлатӣ; баланд бардоштани масъулияти шахсони мансабдорро барои риоя накардани супоришхои назоратӣ возеҳ намояд ва дақиқ кунад.

Барои баланд бардоштани самаранокии гузаронидани аудити фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ҳамчун яке аз усулҳои асосии назорати молиявию буҷетӣ зарур аст, ки бо тартиби қонунгузорӣ асосҳои гузаронидани аудит бо роҳи муайян кардани мақсад ва вазифаҳои аудит, тартиби гузаронидани аудит, тадбиқи он, ҳайати мақомоти аудиторӣ, хуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо муайян карда шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ташкилотҳои тафтишшаванда муайян карда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим оид ба такмили ташкили назорат, ба фикри мо, истисно кардани такрори амалиёти мақомоти назоратие мебошад, ки аз иҷрои вазифаҳои мақомоти назоратӣ нисбат ба объектҳои назоратшаванда иборат аст.

Дар шароити муосир бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорати доимии молиявӣ ва буҷетӣ аз технологияҳои нави иттилоотӣ

васеъ истифода бурдан зарур аст, зеро раванди иттилоотикунонии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва назорати молиявию буҷетӣ дар асоси технологияҳои пешқадам барои зиёд кардани самараи истифодаи захираҳои давлатӣ дурнамои ояндадорро мекушояд. Ба андешаи мо, маҳз бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ шаффофияти буҷетҳоро дар ҳама сатҳҳо пурра ташкил кардан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки хароҷот ва даромадҳои ҳамаи гирандагони маблағҳои буҷетӣ дар вақти воқеӣ назорат карда шаванд. Мавҷудияти иттилоотӣ оперативӣ дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории ҳамаи иштирокчиёни раванди буҷет ба пешгирии вайронкунии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки барои ба вуҷуд овардани фазои ягонаи иттилоотӣ мутобиқати натиҷаҳои мавҷудаи кори мақомоти назоратӣ, автоматикунонии баҳисобгирии тадбирҳои назоратӣ ва таъмини мубодилаи иттилооти дахлдори байни мақомоти назоратӣ муҳим аст.

**Хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳқиқоти боби сеюм:**

1. Барои устувор гардонидани амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки мутавозинии қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва рушди устувории он дар давраи дарозмӯҳлат таъмин карда шуда, оид ба мукаммалгардонидани низоми назорати давлатии молиявӣ, бунёди низоми самараноки танзими асъор ва назорати асъор, низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет, самаранокии низоми андоз, идоракунии самараноки қарзи берунӣ, рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

2. Ба андешаи мо барои паст намудани бузургии қарзи андоз назди буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули як қатор чораҳо аз қабили самарноксозии низоми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияити хоҷагидор барои гузариш ба режими махсуси

андозсупорӣ ва татбиқи чорабиниҳо оид ба дарёфти сарчашмаҳои нави андоз зарур аст.

3. Барои паст намудани таҳдидҳои ба амнияти молиявии кишвар мамлакатро зарур аст, ки хароҷотҳои давлатиро вобаста ба имкониятҳои захираҳои ҷойдошта дар сатҳи муайян нигоҳ дорад, таъмини мақсадноки маблағгузории барномаҳои давлатиро ба роҳ монад, маблағгузорӣ дар соҳаҳои истеҳолоти илмталаб ва соҳаҳои ба технологияи пештаррафта асосёфтаро ҳавасманд гардонад, оқибатҳои буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти миллиро паст созанд, таваррумро дар сатҳи муқаррарӣ нигоҳ доранд, муътадилии қурби асъор таъмин карда шавад, ҳиҷрати ғайриқонунии сармоя пешгирӣ карда шавад ва меъёрҳои қонунии воқеан амалкунанда қабул карда шаванд.

4. Ҳифзи манфиатҳои миллиро дар шароити авҷгирии таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ тариқи чунин чораҳо ба роҳ мондан мумкин аст: пурзӯр намудани назорат оид ба ҳолат ва истифодаи объектҳои иқтисодиёт, ки дар тобеияти ташкилотҳои хориҷӣ қарор доранд; назорат оид ба иҷроиши қарордодҳо оид ба истифодаи захираҳои стратегии давлат; пешгирии ҳиҷрати сармоя ба хориҷи кишвар. Татбиқи чунин чораҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад.

5. Таъмини амнияти молиявии мамлакат ба воситаҳо ва унсурҳои зиёде алоқаманд буда, яке аз фишангҳои муҳимми он назорати давлатии молиявӣ башумор меравад. Дараҷаи амнияти молиявии мамлакат ба қобилияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти таъмини рушди устувори молиявию иқтисодии мамлакат, кафолати низоми ҳисоббаробаркунии устувор, пешгирии содироти сармоя ба хориҷа, ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз табъизи давлатҳои хориҷӣ алоқаманд аст.

6. Низоми муосири назорати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари мо пурра таъиноти худро иҷро наменамоянд ва заруратиислоҳоти он ҷой дорад. Зарур аст, ки дар ин самт таваҷҷӯҳи хоса ба масъалаҳои мукаммалгардонии низоми назорати давлатии молиявӣ бо

мақсади баланд бардоштани сатҳи бехатарии молиявии мамлакат ҷудо карда шавад.

7. Барои баланд бардоштани самаранокии гузаронидани аудити фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ҳамчун яке аз усулҳои асосии назорати молиявию буҷетӣ зарур аст, ки бо тартиби қонунгузорӣ асосҳои гузаронидани аудит бо роҳи муайян кардани мақсад ва вазифаҳои аудит, тартиби гузаронидани аудит, тадбиқи он, ҳайати мақомоти аудиторӣ, хуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо муайян карда шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ташкилотҳои тафтишшаванда муайян карда шавад.

# ХУЛОСАҲО

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавзӯи таҳқиқшаванда хулоса ва пешниҳодҳои зерин бармеоянд:

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия**

1. Дар диссертатсия равишҳои назариявии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ошкор карда шуда, мафҳумҳои ҷойдоштаи ҷаҳонишавии молиявӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Собит карда шудааст, ки бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молиявӣ пайдо шуданд, ки ба афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо алоқамананданд. Оқибатҳои мусбӣ ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ барои вокуниши кишварҳо ба он бо дарназардошти мутобиқгардонии бахши молияашон ба ин раванд истифодаи имкониятҳои байналмилаликунонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудаанд [1-М].

2. Ҷаҳонишавии молиявӣ ин раванди объективии баҳамназдикшавӣ ва марҳилаи ниҳоии байналмилалишавии низомҳои миллии молиявӣ мебошад, ки дар натиҷаи вусъатёбии ҳамгироии молиявӣ, озодкунии ҳаракати сармоя, афзоиши амалиётҳои байнисарҳадии пулию қарзӣ ба вуҷуд омада, маҷмӯи муносибатҳои хоҷагидориро дар самти банақшагирӣ, ҷамъоварӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молияи ҷаҳонӣ, дар асоси ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ дар тамоми курраи ҷаҳон ифода менамояд [1-М].

3. Таъмини амнияти молиявии давлат дар айни замон самти муҳимтарини ба эътидол овардани равандҳои иқтисодӣ мебошад. Амнияти молиявӣ тавассути як қатор нишондиҳандаҳо ифода карда мешавад, ки арзишҳои ҳадди ақали онҳо имкон медиҳанд, сатҳи хатарҳо ва таҳдидҳои ҳозира ва ояндаро муайян намуда, барои коҳиш додани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шавад. Аммо барои рафъи вазъи бухронӣ дар кишвар низоми нави нишондиҳандаҳои амнияти молиявии давлатро бо

назардошти хусусияти амсилаи миллӣ ташаккул додан лозим аст. Чунин низоми нишондиҳандаҳо ба имконияти сари вақт муътадил гардонидани муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ва дар сурати ба вуҷуд омадани тамоюлҳои ногувор, барои безарар гардонидани оқибатҳои манфии онҳо ёрӣ мерасонад. Дар таъмини амнияти молиявии мамлакат нақши ҳалкунандаро сифати механизми давлатии таъмини амнияти молиявӣ мебозад [2-М].

4. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ барои тамоми кишварҳои ҷаҳон, бахусус дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва озодкунии савдои хориҷӣ ба як масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити фаъолияти молиявии ноустувори имрӯза, нигоҳ доштани низоми молиявии бехатар, рақобатпазир, устувор бо мақсади пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии бuҳрони тақозо менамояд [5-М].

5. Таҳлили асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявӣ нишон медиҳад, ки қонунгузориҳои мавҷуда дар самти амнияти миллӣ масъалаҳои амнияти молиявиро пурра дар бар намегиранд, ягонагии мафҳумҳо мушоҳида намешавад. Якмаъногӣ, дақиқии мафҳумҳои амнияти молиявӣ дар сатҳҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки самтҳо ва воситаҳои таъмини амнияти молиявӣ дуруст дақиқ карда шавад, ҳадафҳо ва механизми ноилгардӣ ба он дуруст ба роҳ монда шавад [8-М].

6. Дар диссертатсия гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар аз рӯи қиммати воқеӣ ва ҳадду ҳудудии онҳо ба роҳ монда шудааст. Собит карда шудааст, ки новобаста аз вазъи таносубияти қимматҳои воқеӣ ва ҳадду ҳудудии нишондиҳандаҳои арзёбикунандаи амнияти молиявии кишвар, онҳо ба низоми молиявии кишвар таҳдид наменамоянд. Аммо новобаста аз ин, зарур шуморида мешавад, ки низоми молиявии мамлакат мукаммалтар гардонида шуда, нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ баланд бардошта шавад [2-М].

7. Таҳлили нишондиҳандаҳои амнияти молиявии кишварро аз рӯи қимматашон ба 2 гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: а) Нишондиҳанда-ҳое, ки бузургии воқеии онҳо аз қиммати ҳадди ҳудудии муқарраршуда паст аст ва ба амнияти молиявии кишвар таҳдид наменамоянд (касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, ҳиссаи маҷмӯи дороиҳои низоми бонки нисбати ММД, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти кишвар). б) Нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бузургии онҳо нисбати қиммати ҳадди ҳудудии онҳо баланд аст ва зарурати коркарди чорабиниҳоро оид ба дар сатҳи пасттар нигоҳ доштани онҳо аз қиммати муқарраргардида тақозо менамояд (сатҳи таваррум махсусан ба молҳои озуқаворӣ, ҳиссаи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД, афзоиши ҳаҷми пул нисбати солҳои пешина, ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ) [2-М].

8. Дар диссертатсия таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат гуруҳбандӣ карда шуда, қисматҳои молиявию андозӣ, бонкдорию қарзӣ ва муомилоти молиявию пулии амнияти молиявӣ ошкор карда шудаанд. Хулосабарорӣ карда шудааст, ки таҳдидҳои амнияти буҷетӣ, андозӣ, пулӣ, бонкӣ, суғуртавӣ, маблағгузорӣ ба ҳам алоқаманд буда дар умум таҳдидҳо ба амнияти молиявии давлатро ифода менамоянд. Дараҷаи таҳдидҳои андозӣ ба амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, қабули як қатор чораҳо аз қабили самараноксозии низоми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти хоҷагидор барои гузариш ба режими махсуси андозсупорӣ, татбиқи чорабиниҳо оид ба дарёфти сарчашмаҳои нави андоз зарур шуморида шудааст [3-М].

9. Дар диссертатсия роҳҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шудааст. Таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмӯҳлат арзёбӣ гардида, зарур шуморида шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба он дар ячейкаҳои аввалини молиявии давлат оғоз гардад. Устуворгардонии

амнияти молиявии кишвар ҳамчун қисми ҷудонашавандаи амнияти миллии он кафили фаъолияти мунтазами тамоми мақомотҳои давлатӣ буда, фаъолияти соҳаҳои васеъи ҷомеа, ташкилоту корхонаҳо ва шаҳрвандонро дар бар мегирад. Хулосабарорӣ карда шудааст, ки устуворгардонии амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҷоди шароитҳои мусоидтарин дар самти рушди устувори иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад [4-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

10. Зарур шуморида мешавад, ки дар оянда сифати қонунгузориҳо дар самти таъмини амнияти молиявӣ мукаммал карда шуда, дараҷаи таъсиррасонии мустақими қонунгузориҳо ба беҳдошти амнияти молиявӣ ва самаранокии механизми таъмини он таъсир расонида, ҳамчун воситаи муҳимми ҳуқуқии таъмини амнияти молиявӣ баланд бардошта шавад. Барои мукаммал гардонидани фаъолияти институтҳои таъмини амнияти молиявии мамлакат, пешниҳод карда шудааст, чораҳои зарурӣ дар самти марказонидани равандҳои қабули қарорҳои давлатӣ дар ин самт ба роҳ монда шавад [8-М].

11. Дар таҳқиқот самтҳои асосии таъмини амнияти андозӣ ҳамчун ҷузъи амнияти молиявӣ муқаррар карда шуда, зарурати қабули стратегияи нави таъмини амнияти молиявии мамлакат асоснок карда шудааст. Собит карда шудааст, ки амалисозии чорабиниҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ тавассути такмили заминаи қонунгузорӣ, механизмҳои назорат ва таъмини амнияти молиявии кишвар ба роҳ монда шавад [6-М].

